Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ

**Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ**

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ кардааст



САРТАҲРИРИЯТИ ШИРКАТИ САҲҲОМИИ ТАБЪУ НАШРИ «SHARQ»
ТОШКАНД – 2015

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

UO‘K: 372.8(075)
KBK 74.263
M–47

**Ш.Шарипов, Н. Муслимов, Ӯ. Толипов, Қ. Абдуллоева, О. Қӯйсинов, В. Сатторов, С. Аҳмадалиев, М. Муъминова**

***Муқарризон:***

**И.Каримов** – дотсенти Донишкадаи давлатии омӯзгории Қӯқанд, номзади улуми педагогика;

**З. Шамсиева –** Мудири шуъбаи мусиқа, санъат, таълими меҳнат камолоти ҷисмонӣ ва саломатии МТР;

**М.Қорабоев** – омӯзгори фанни таълими меҳнати мактаби рақами 12-уми шаҳри Тошканд;

**Ф.Ҳамдамова** – омӯзгори фанни таълими меҳнати мактаби рақами 21-уми шаҳри Тошканд;

**Х. Ҳошимов** – омӯзгори фанни таълими меҳнати мактаби рақами 243-юми шаҳри Тошканд.

***Тарҷумон:*** **Ш. Турдиқулов**

***Аломатҳои шартӣ***

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

**Кори амалии мустақил**

M-47 **Таълими меҳнат.** Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ: / Муаллифон Ш. Шарипов ва дигарон. – Т.: «Sharq», 2015. – 240 саҳ.

ISBN 978-9943-26-356-7

**UO‘K: 372.8(075)**
**KBK 74.263**

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

**ISBN 978-9943-26-356-7**

© Шарипов Ш., Муслимов Н., Толипов Ӯ., Абдуллоева Қ., Қӯйсинов О., Аҳмадалиев С., Муъминова М., 2015.
© Сартаҳририяти ШСТН «Sharq», 2015

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САРСУХАН

Донишомӯзони азиз! Таълими меҳнат шумоёнро бо намуд ва ҷараёнҳои меҳнат, касбҳо шинос мекунад, қадркунии онҳоро меомӯзонад. Дар шумоён маҳорату малакаи аввалин, шавқу завқро нисбати бунёдкорӣ ташкил медиҳад. Дар дарсҳои таълими меҳнат машғулиятҳои гуногуни амалиро ба иҷро расонда, ба ҷо овардани корҳоеро меомӯзед, ки дар оянда дар ҳаёти рӯзмарраатон зарур аст.

Ҳар як донишомӯз бояд аз даври мактабхонӣ худро ба меҳнат, ба фаъолиятиояндаи касбӣ тайёр намояд. Барои ин дар худ сифатҳоро аз қабили меҳнатдӯстӣ, эҷодкорӣ, саъю кӯшиш, интизомнокӣ, муносибати бомасъулиятона ба супоришҳои додашударо одат кунонданатон лозим аст. Дар ин бора фанни таълими меҳнат ба шумо кӯмакрасони аз ҳама наздик мегардад.

Дар китоби дарсии мазкур се самти таълими меҳнат. – «Технология ва дизайн», «Хизмати сервис», ҳамчунин «Асосҳои хоҷагии фермерӣ» дода шудааст. Шумо якеи онро пурра меомӯзед. Ҳаминро ба назари эътибор бояд гирифт, ки дар самти «Технология ва дизайн»-и китоби дарсӣ бобҳо тахти унвонҳои «Корҳои электротехника», ҳамчунин «Тармими ашёҳои хонаву рӯзгор» дода шудаанд. Бобҳои мазкурро донишомӯзоне, ки самти «Асосҳои хоҷагии фермерӣ»-ро аз бар мекунанд, низ меомӯзанд.

Дар давоми машғулиятҳо ва саёҳатҳо бо касбу ҳунарҳои соҳаҳои зиёд шинос мешавед. Дар ҳаётиояндаатон яке аз ин гуна касбу ҳунарро соҳиб гардида, устои моҳири соҳаи худ шуда, ба воя мерасед. Бо ин шумо ба равнақи ҷамъият ҳиссаи худро мегузоред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Самти 1

# ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН

## БОБИ 1. ТЕХНОЛОГИЯИ АЗНАВКОРКАРДИ ФУЛУЗ

### 1.1. МАФҲУМҲОИ УМУМӢ

### Сохти устохонаи азнавкоркарди фулуз (металл)

Машғулиятҳои таълими меҳнат дар устохонаи таълимии мактабҳои таълими миёнаи умумӣ ташкил карда мешавад. Дар ин ҷо барои донишомӯзон ҷойи кори алоҳидаи ҷиҳозонидашуда ҷудо гардидааст (расми 1).




**Расми 1.** Сохти устохонаи азнавкоркарди фулуз: 1. Ҷевон барои китобҳо ва барномаҳо. 2. Печи муфел. 3. Тахтаи синф. 4. Ҷойи кори омӯзгор. 5. Курсиҳо. 6. Дастгоҳҳои челонгарӣ. 7. Дастгоҳи чархкунӣ. 8. Сандон. 9. Дастгоҳи челонгарӣ. 10. Дастгоҳи пармакунӣ. 11. Ҷевон барои сарулибоси махсус. 12. Ҷевон барои анҷом ва масолеҳ. 13. Зарфи ахлотпартоӣ. 14. Дастшӯяк.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷойи кори устохонаи азнавкоркарди фулуз доимо ботартиб, дар он танҳо асбобу анҷоме ҷойгир шуданаш лозим аст, ки барои гузарондани дарс заруранд. Ҳангоми истифода аз анҷомҳои буррандагӣ, зарбдиҳанда, теғдор, ҳамчунин ченкунанда эҳтиёт шудан, барои нигоҳ доштани худатон ва рафиқони гирду атрофатон аз ҷароҳат ғамхорӣ кардан лозим меояд (расми 2).



**Расми 2.** Ҷойи кори донишомӯз.

## Қоидаҳои бехатарии техникии азнавкоркарди фулуз

**1.** Тамоми тугмаҳои сару либоси махсус андохта, саростин нӯги дастро фишурда истоданаш лозим аст. Мӯйи донишомӯзон бояд дар зери кулоҳи сар бошад.

**2.** Фақат супоришҳоеро, ки омӯзгор додааст, мувофиқи риояи тартиби зарурӣ иҷро кунед. Ҳангоми иҷрои вазифаҳо ба дуруст нигоҳ доштани ҳолати тана (гавда) эътибор диҳед.

**3.** Бе рухсати омӯзгор дар дастгоҳ кор накунед, ба механизмҳои бароятон ношинос даст нарасонед.

**4.** Фақат аз асбобу анҷоми созгор истифода баред, онҳоро мувофиқи вазифаашон ба кор андозед. Аз асбобу анҷомҳо дар ҳолати таъмини созгории ташкили коратон истифода баред.

**5.** Пароха, чанг ва партовҳои ҷойи коратонро танҳо бо ёрии чангак, ҷӯтка ва дигар воситаҳои ёрирасон тоза кунед.

**6.** Ҳангоми фаъолият диққатро ба дигар тараф ҷалб накунед, ба иҷрои вазифаҳо ба дӯстон халал нарасонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**7.** Агар қоидаҳои бехатарии меҳнат вайрон гардад ё ки ҳолати ҷароҳатбардорӣ ба назар расад, ба зудӣ ба омӯзгор хабар расонед.

## Аҳамият, хусусият ва сифатҳои фулуз дар хоҷагии халқ ва рӯзгор

Ҳаёти инсон ва тараққиёти ҷамъиятро бидуни ҷиҳозоте, ки аз фулуз тайёр мегарданд, тасаввур кардан душвор аст. Инсон аз намудҳои фулуз аз қабили оҳан, мис, нуқра, қалъагӣ, тилло, симоб ва қӯрғошин аз қадим истифода бурдааст. Ҳоло аз фулуз мошинҳо, дастгоҳҳо, анҷомҳои сохтмон, ҳамчунин бисёр чизҳое тайёр мешаванд, ки дар рӯзгорамон истифода мегарданд.

Фулузҳо асосан аз рӯйи хусусиятҳои физикӣ, механикӣ ва технологӣ фарқ мекунанд.

**Хусусиятҳои физикӣ:** зичӣ, қаишӣ, васеъшавӣ аз гармӣ, гармигузаронӣ, барқгузаронӣ.

**Хусусиятҳои механикӣ:** мустаҳкамӣ, ёзандагӣ, фушурдашавандагӣ, қатшавандагӣ, тобхӯрандагӣ, часпандагӣ, сахтӣ.

**Хусусиятҳои технологӣ:** часпандагӣ, дохилшавӣ, дар ҳолати моеъ рехташавӣ, пайвандшавӣ, бурида истифодабарӣ.

Одатан, дар саноат фулузҳо дар ҳолати соф не, балки дар намуди хӯла истифода мегарданд. Чӯян, фӯлод, биринҷӣ, латун, дуралуминӣ хӯлаҳои аз ҳама бештар истифодабаранда ба ҳисоб мераванд.

Дар саноат ашёҳо бо усули прокаткунонӣ ва рехтагарӣ истеҳсол мегарданд (расми 3).

Фулуз ва хӯлаҳои фулузӣ дар ҳолати тафсондан ё ки хунукӣ бо прокаткунӣ, яъне бо усули байни навардҳои даврзанандаи муқобили ҳамдигар фишурдан гирифта мешавад. Бо усули прокаткунӣ тунука, кунҷакҳо, сим ба-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






**Расми 3.** Дастгоҳи прокаткунии фулуз ва тарҳи он.

рин хӯлаҳои фулузии шаклашон дорои порчаҳои гуногуни кӯндаланг тайёр карда мешаванд.

Бо усули хӯлагӣ ҷиҳозу узвҳои шаклашон мураккаб гирифта мешаванд. Дар устохонаи таълимӣ шумоён асосан, бо хусусиятҳои тунука ва симҳо шинос мешавед ва аз онҳо ашёҳои гуногун тайёр мекунед. Устоёнеро, ки аз фулуз ашё тайёр мекунанд, челонгар меноманд. Онҳо бояд хусусиятҳои фулуз ва хӯлаҳои онро донанд, оид ба кор кардан бо асбобу анҷом, ҳамчунин, дастгоҳҳо соҳиби малака бошанд. Азнавкоркарди фулуз дастӣ ва бо усули механикӣ дар устохонаи челонгарӣ амалӣ мегардад.

## Намуди зоҳирии фулуз ва нишонаҳои ба худ хоси онҳо

Шумоён медонед, ки фулуз дорои хусусиятҳои гуногун мебошад. Баъзеи онҳо мулоим ва чандир, баъзеашон бошанд, сахт, қатшаванда ё ки мӯрт мешаванд. Ҳангоми сохтани ягон ашё бояд хусусиятҳои фулузро хуб донист.

Фулузот мувофиқи ранг фарқ мекунанд. Масалан, фӯлод – хокистарранг, рух – кабудчатоби баланд, мис – сурхчатоб мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тамоми фулузот ба дараҷаи маълум дурахшанда мебошанд. Фулуз гармӣ ва энергияи баркро аз худ хуб мегузаронад. Ҳар як фулуз ҳарорати муайяни гудозишро дорад. Дар ҳамин ҳарорат аз ҳолати сахт ба моеъ табдил меёбад. Масалан, ҳарорати гудозиши оҳан нисбати ҳарорати гудозиши қалъагӣ ниҳоят баланд аст.

Сахтии фулуз ба қобилияти истодагарии он ба ашёи дигар, яъне таъсири ҷисмҳои сахт муайян карда мешавад. Агар фӯлодқалами болои тахтачаи фӯлодин гузошташуда бо болға зада шавад, дар тахтача чуқурчаи хурде ҳосил мегардад. Агар ин кор дар тахтачаи мисин иҷро гардад, чуқурча бузургтар мешавад. Аз ин бармеояд, ки фӯлод нисбати мис сахттар будааст.

Агар фулуз бо ёрии қуввааи беруна шакли худро тағйир диҳаду нашиканад, вай фулузи чандирӣ ба ҳисоб меравад. Ана аз ҳамин хусусияти фулуз барои ҳамворкунӣ, қаткунӣ ва қолибгарӣ васеъ истифода мебаранд.

Баъди таъсири қувваи беруна ба ҳолати пештара баргаштани фулуз чандирии онро мефаҳмонад. Пружинаҳоеро, ки аз фӯлод ва мис тайёр карда шудаанд, дар як вақт кашида сар диҳед. Дар ин ҳолат мебинед, ки пружинаи фӯлодӣ ба ҳолати пештарааш меояд, пружинаи мисин бошад, ёзида мемонад. Аз ин мебарояд, ки фӯлод нисбати мис қатшаванда будааст. Қайишӣ (чандирӣ) қобилияти муқобилиятнишондиҳии фулуз ба қувваҳои афзоянда мебошад. Масалан, плитаи (тахтаи) чӯянӣ бо болға зада шавад, вай мешиканад. Чӯян фулузи мӯрт аст.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

**1.** Сохти устохонаи азнавкоркарди фулузро фаҳмонда диҳед.
**2.** Қоидаҳои бехавфии техникии азнавкоркарди металлро маънидод созед. **3.** Аҳамияти фулузро дар рӯзгор ва хоҷагии халқ гуфта диҳед. **4.** Кадом хусусиятҳои фулузро донистa гирифтед?
**5.** Номи 2–3 хӯларо бозгӯ намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Кори амалии мустақил

**1.** Бо қоидаҳои бехавфии техникӣ ва сохти устохонаи таълимӣ шинос шавед. **2.** Намудҳои фулуз, хусусиятҳо, сифатҳо, шаклҳо, андозаҳо, технологияҳои истифодабарии онро омӯхтан.

**Ҷиҳозот:** плакати қоидаҳои бехавфии техникӣ. Маводҳо оид ба ҷиҳозот ва сохти устохонаҳои таълимӣ. Намунаҳои тунукаи фулуз ва симҳо. Комплекти варақаҳои тунуки андозаашон якхелаи фулуз ва симҳо, варақаҳои тунукагини болопӯш, тунукаи рух (рухи рӯкашгардида), тунукаи сафед (қалъагӣ рӯкашгардида), тунукаи зангназананда (омехтаҳои хром, никел), варақаи мис, варақаи арзиз, дуралуминӣ, латун, сими фӯлодин, сими мисин, сими арзизӣ.

**Тартиби ичрои кор**

**1.** Омӯзиши плакат дар бораи қоидаҳои бехавфии меҳнат. **2.** Омӯзиши қоидаҳои истифода ва нигоҳ доштани анҷомҳо. **3.** Тартиб додани рӯйхати сару либоси махсуси устохонаи таълимӣ. **4.** Шиносоӣ бо намуди зоҳирии намунаҳои фулуз ва хӯлаҳо. **5.** Аниқкунии ранги ҳар як намуна. **6.** Муайянкунии мансубияти намунаҳои мазкур ба навъҳои фулузи сиёҳ ё ранга. **7.** Аниқкунии номи ҳар як намунаи фулуз ё ки хӯла.

## 1.2. АСБОБУ АНҶОМҲО. ҶИҲОЗОТ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

Ҳангоми кор асбобҳо ва заготовка (маҳсулоти нимтайёр, ашёи хом)-ро дар болои дастгоҳ дар ҳолати барои истифода созгор ҷойгир сохтан лозим. Асбобҳое, ки бо дасти рост истифода мегарданд, дар тарафи рост ва асбобҳое, ки бо дасти чап истифода мегарданд, дар тарафи чап истоданашон лозим аст. Агар ҷойи кор дуруст ташкил ёбад, вақт сарфа мешавад, ҳосилнокии меҳнат ва сифат баланд мегардад.

Ба болои дастгоҳ фақат асбобҳое гузошта мешаванд, ки барои дарси мазкур заруранд. Баъди анҷоми кор тамоми асбобу анҷомҳо, заготовкаҳо, нақшаҳо, ашёи тайёргардида ҷамъ оварда, пасмондаҳо бо ҷӯтка хуб тоза карда мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳар як ҷойи кор, дастгоҳи челонгарӣ бояд бо асбобу анҷоми зарурӣ ҷиҳозонида шавад. Онҳо аз сӯҳони калону хурддандон, болғаи челонгарӣ, фӯлодқалам, хаткашак, хаткашаки масштабнок, гӯнияи кунҷаш 90°, болғаи чӯбин ва ғайра иборат аст.

Барои фулузро дар дастгоҳ росту қат кардан плитка (тахтача) ҳам зарур аст. Аз тӯри ҳимоявӣ танҳо дар ҷараёни буридани фулуз истифода бурдан лозим меояд. Барои гузоштани харитаи технологии тайёркунии нақшаҳо ва ашёҳо тагдори борбардоранда ҳам зарур мебошад.

## Дастгоҳи челонгарӣ

Азнавкоркарди фулуз ба воситаи даст дар устохонаи таълимӣ бо дастгоҳи челонгарӣ ба амал бароварда мешавад (расми 4). Дар ҳар яки онҳо қисмҳои зерин мавҷуданд: сарпӯши болои миз, нусхагири челонгарӣ ва тӯри ҳимоявӣ.

**Нусхагири челонгарӣ** ҳангоми ҷамъоварӣ ё ки коркарди зарурӣ додани фулуз барои маҳкам зич кардан ва доштани



**Расми 4.** Дастгоҳҳо: а) челонгарӣ б) комбинатсиякунондашуда (дастгоҳи челонгарӣ ва дуредгарӣ)



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

онҳо таъин гардидааст. Ҳангоми даврзанонии дастаи нусхагир винти гарданда тоб хӯрда ба гайка медарояд ё ки аз он мебарояд ва чоғи ҳаракаткунандаро ин ё он тараф мелағжонад. Барои боваринок маҳкам кунондани чоғҳо сатҳаш дӯнгӣ карда шудааст (расми 5).




**Расми 5.** Нусхагири челонгарӣ.

Баландии дастгоҳ ба қади донишомӯз мувофиқ омаданаш лозим. Барои ин донишомӯз дар назди дастгоҳ истода дасти росташро бояд ба 90° қат кунад. Дар ин ҳолат оринҷи он ба қисми болоии нусхагир расида истад, баландии дастгоҳ дуруст интихобшуда ба ҳисоб меравад (расми 6).



**Расми 6.** Ченкунии баландии дастгоҳ.

## Асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ

Шаклу андозаи ашёи сохташавандаи нақшавӣ бо ёрии асбобҳои нақшагирӣ иборат аз ба заготовка кӯчондан чараёни кори челонгарӣ банақшагирӣ номида мешавад.

Ҳангоми банақшагирии варақаи тунукаи фулузӣ чунин ускунаҳо истифода мегарданд: фӯлодқалам, хаткашак, хаткашаки масштабнок, кунҷаки 90°, паргори ба нақшагирӣ (расми 7).

### Тартибу қоидаҳои дохилии устохонаи челонгарӣ

Ба машғулиятҳои устохонаи таълимӣ барвақттар омада, ба дарс тайёрӣ дида мешавад.

Ба машғулият, албатта, бо либоси махсус омадан зарур аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 7.** Анҷомҳои ченкунӣ ва банақшагирӣ: 1. Кунҷаки 90°. 2. Паргори штапген. 3. Хаткашаки масштабнок. 4. Хаткашаки оҳанин. 5. Паргори нақшагирӣ. 6. Болғаи челонгарӣ. 7. Фӯлодқалам. 8–9.Хаткашакҳо.

Пеш аз оғози машғулият рӯзномаро ба мизи омӯзгор монда, дафтари корӣ ва дигар ҷиҳози зарурӣ ба сатҳи дастгоҳ гузошта мешавад.

Вақте ки омӯзгор сабақи гузаштаро мепурсад ва масъалаи навро мефаҳмонад, бо диққату эътибор шунавидан ва фаъол гардида, интизоми меҳнатро вайрон накардан лозим.

Баъди анҷоми машғулият ҷойи корро ба тартиб овардан, анҷомҳоро супурдан ва ба тавсияномаи хотимавӣ тайёрӣ дидан лозим меояд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Қисмҳои асосии дастгоҳи челонгариро шуморед.

**2.** Анҷомҳо ва ҷиҳозоти дастгоҳи челонгарӣ чӣ тавр дуруст ҷойгир карда мешаванд?

**3.** Ҷараёни коркунии нусхагирро маънидод кунед.

**4.** Дастгоҳи челонгарӣ бо чӣ гуна анҷом ва ҷиҳозот ҷиҳозонида шуданаш лозим?

**5.** Анҷом ва ҷиҳозотеро бозгӯ намоед ва таъриф диҳед, ки ҳангоми нақшагирии фулузи навъҳои истифода мегарданд.

## Кори амалии мустақил

**1.** Бо асбобу анҷом ва ҷиҳозоти азнавкоркарди фулуз дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

устохонаи челонгарӣ шинос шудан, тақсими онҳо ба намудҳо, муайякунии коршоямӣ.

**2.** Бо сохт ва вазифаҳои анҷомҳои нақшагирӣ шинос шудан, ки ҳангоми азнавкоркарди фулуз дар устохонаи челонгарӣ истифода мегарданд.

**Ҷиҳозот:** дастгоҳи челонгарӣ, намудҳои асбобу анҷом ва ҷиҳозоте, ки дар дастгоҳи челонгарӣ истифода мегарданд, анҷомҳои нақшагирӣ, фӯлодқалам, хаткашак, хаткашаки масштабнок, гуняи кунҷаш 90°, болғаи чӯбин ва ғайра.

**Тартиби иҷрои кор**

1. Сохти дастгоҳҳои челонгариро омӯзед.
2. Усулҳои ба қади худ мувофиқ омадани баландии дастгоҳҳои челонгариро машқ кунед.
3. Сохти нусхагири челонгарӣ ва қоидаҳои бо онҳо кор карданро маънидод созед.
4. Рӯйхати асбобу анҷом ва ҷиҳозотеро тартиб диҳед, ки дар устохонаи челонгарӣ истифода мешаванд.
5. Тартибу қоидаҳои дохилии кор дар устохонаи челонгариро бозгӯ намоед.
6. Дар устохонаи челонгарӣ амали нақшагирӣ бо гуняро иҷро кунед.
7. Бо ёрии паргор роҳҳои банақшагирии намунаи фулузи интихобшударо омӯзед.

## Намудҳои арраҳо ва рандаҳо (пармаҳо)

Арраи дастакдор (расми 8) баъзан чорчӯбаи (1) камоншакл ҳам номида шуда, аз хати фӯлодини дандонадори тунуки ба он маҳкамкардашуда иборат аст (4). Чорчӯбаҳо яклухт (бикр) ва ҷудоипазир мешаванд. Чорчӯбаи ҷудошаванда ниҳоят созгор аст, чунки ба он теғаи (дами) дарозиаш гуногуни арраро гузоштан мумкин аст.

Дар як нӯги чорчӯбаи даста (3) ва барои гузоштани дами арраи стержени ҳаракатнакунандаи кандакорӣ кардашуда (2), дар нӯги дуюм мурвати (винти) чуқур ва гӯшдори ғайка (7) мешавад ва он барои тарангшавии дами арра хизмат мерасонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 8.** Арраи челонгарии дастакдор: 1 – чорчӯба (асос); 2 – дум; 3 – даста; 4 – теғи (дами) арра; 5 – пайвандак (штифт); 6 –винти кашанда; 7 – гайкаи гӯшдор.

Ҷараёни арракунии фулуз ҷараёни челонгариест, ки аз прокати навънокро бо ёрии арра ба порчаҳо тақсим кардан иборат мебошад.

**Ранда** (парма) – асбоби азнавкоркарди ашё ва заготовкаҳои шаклдоре, ки аз маводи фулузӣ ва ғайрифулузӣ тайёр мешаванд, дандона, резбабарорӣ ва буррандаи бисёртеға буда, дар иҷрои дигар корҳо истифода мешавад. Онҳо мувофиқи усул, шакл, самти конструксия ва дандонаҳо гуногун мешаванд (расми 9).

Ба сифати анҷоми бисёртеға ҳар як дандонаи парма




**Расми 9.** Намудҳои пармаҳо: а) силиндршакл; б) дискдор; в) барҷаста; г) паздор; д) обиладор; е) кунҷакдор; ё) бурранда; ж) теғадор.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

вазифаи буррандагиро ба ҷо оварда, таҳмондаро вергулшакл карда мегирад. Ҳангоми кор як ё якчанд дандона иштирок намуда, боқимондагон дар ин фурсат хунук мешаванд. Ҳамин тавр дандонаи пармаҳо бо навбат кор мекунад.

Ҳангоми буридани фулуз ба сифати асбоби бурранда искана ва крейсмейсел, ба сифати анҷоми зарбдиҳанда болғаи челонгарӣ истифода мегардад. Крейсмейсел исканаи кӯтоҳбари азнавкоркарди фулузи сахт мебошад.

## Искана, мурваттоб ва анбӯрҳо

**Искана** – ба сифати асбоби бурранда дар буридани фулуз истифода мегардад. Искана асбоби фонашакли челонгарӣ буда, барои буридани фулуз, заготовка аз тунука, кушодани сӯрохӣ ва ҷӯйчаҳо, тозакунии ғабур-ғубури сатҳи фулуз истифода мешавад. **Исканаи челонгарӣ** асбоби буррандаи дастакдор аст (расми 10). Сатҳи буриши кӯндаланги қисми миёнаи искана ҳамвор мешавад.

Исканаи шакли мазкур барои истифода созгор аст, чунки он дар даст ғеҷида ва давр зада намеравад.

Фарохии теғи искана аз 5 мм то 25 мм дар шакли фона дароз гашта ва баъди он ба дараҷаи зарурӣ кунҷаки тезӣ тарошида мешавад. Қисми зарбзанандаи искана, яъне сарракаш одатан конусшакл карда шуда, барҷаста мегардад. Ана ҳамин шакл тобоварии исканаро ба зарбаи болға зиёд мегардонад.




**Расми 10.** Исканаи челонгарӣ: 1. Теғ; 2. Қисми корӣ; 3. Қисми миёна; 4. Сарак.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мурваттоб** асбобест, ки мехи печдорро тоб мехӯронад ё ки мустаҳкам мекунад. Мурваттоб мувофиқи вазифа ва сохт дар намуди гуногун мешавад (расми 11)



**Расми 11.** Мурваттобҳо.

Ба қисмҳо ҷудо кардани ашёҳои мех, кӯфта ва канда гирифтани меххои нодуруст кӯфташуда бо **анбӯри челонгарӣ** ё ки мехкашанда амалӣ мегардад (расми 12).




**Расми 12.** Анбӯри челонгарӣ: 1. Қисми ҳамвори пахшкунанда; 2. Қисми камоншакл, ки барои мустаҳкам доштани ашёи шаклашон силиндрӣ таъин гардидааст; 3. Теғҳои бурранда; 4. Ҷӯяҳо барои буридани симҳои буришашон кулӯла.

## Болғаҳо ва намудҳои онҳо

Болғаҳои челонгарӣ дар иҷрои бисёр ҷараёнҳо масалан, барои истифодаи нақшагирӣ, буридан, ҳамвор кардан, қат намудан, парчинкунӣ, ҳаккокӣ (кандакорӣ) ва ғайра таъин гардидаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Болға нӯг (тумшуқ) ва мӯҳра дорад. Нӯги он дар шакли фона сохта, нӯгаш кулӯла ва барои парчинкунии фулуз, росту дароз кардани он истифода мегардад. Сохти онҳо квадрат, мӯҳраи доиравӣ буда, қисми дарунӣ дар намуди гуногун мешавад (расми 13). Қисми дарунии баъзе болғаҳо барои кашида гирифтани мех мувофиқ гардидааст. Мӯҳраи болғаи челонгарӣ бояд ҳамвор ва суфта бошад, ҷойҳои барҷаста ва ғиҷим набояд дошта бошад. Болғаҳои мӯҳраашон барҷаста ва ғиҷим сатҳи фулузро ғиҷим карда, ҳамвориашро вайрон мекунанд.

Ба ҷойи болғаҳои челонгарӣ дар сохтани баъзе ашёи фулузӣ аз **болғаҳои чӯбин** истифода бурдан маъқултар аст (расми 13: 1, 2). Мӯҳраи болғаи чӯбин калон ва ҳамвор буда, барои бо болға фаро гирифтани фулуз ва тунукаҳо созгор мебошад. Болғаҳои чӯбин аз сада, чанор, тут барин тахтаҳои сахт ва пухта бо роҳи рандакунӣ ё ки тарошидан бо дастгоҳи харротӣ тайёр карда мешаванд.




**Расми 13.** Болғаҳои челонгарӣ ва болғаи чӯбин:
1,2 – болғаҳои чӯбин; 2, 4, 5, 6, 7 – болғаҳои фӯлодин, 8–9 болғаҳои пластикӣ (чандирӣ).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Сохт ва намудҳои қоғазҳои чилбур (сунбода)

**Коғазҳои сунбода** – истифодаи ашёҳо барои ҳамвор-кунӣ ва пардоздиҳии маводе, ки аз фулуз, чӯб, санг ва ғайра тайёр мегарданд, материали ҳамворкунӣ ва пардоздиҳии сатҳи деталҳо мебошад.

Газвори чилбур ё ки маводҳои абразиви табиӣ ё ки сунъии ба матоъ ё қоғаз часпондашуда: аз донаҳои шишаи майдакардашуда, қум ва ғайра иборат аст. Коғази чилбур бо рақамҳои калон ва хурди донадор мувофиқи андозаи донаҳо бо 12, 16, 20, 24, 36, 60, 80, 100, 170, 200, 280 ишора мегарданд. Баробари афзоиши рақамҳо чилбур майдаи донадор шуда меравад.



**Расми 14.** Чилбури ба тахтаи махсус гузошташуда.

Ҳангоми пардоздиҳии сатҳҳо чилбур ба асоси чӯбини махсус маҳкам карда шуданаш лозим аст. Барои пардоздиҳии сатҳи узвҳои чӯбини хурд чилбур ба тахтаи сатҳаш ҳамвор монда ва узви азнавкоркунанда ба ана ҳамин тахта гузошта, дар самтҳои мухталиф соиш дода мешавад (расми 14).

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Сохти арраи челонгарӣ чӣ гуна аст?
2. Усули гузоштани тасмаи арраро ба чорчӯбаи он нишон диҳед.
3. Дар қисмҳои буррандаи искана, тасмаи арра чӣ гуна умумият мавҷуд аст? 4. Асбобу анҷомеро таъриф диҳед, ки дар бури-дани фулуз истифода мегарданд.

### Кори амалии мустақил

Малакаи аввалинро оид ба сохти арра, коркарди фулуз бо искана, шиносоии амалӣ бо намудҳои сӯҳон ва истифодаи аввалин ҳосил кардан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Ҷиҳозот:*** Арраи дастакдор, искана, порчаҳои фулуз.

**Тартиби иҷрои кор**

**1.** Усулҳои арракунии фулузи навънокро бо арраи челонгарӣ фаҳмонед ва нишон диҳед. **2.** Усулҳои буридани варақаи борики фулуз ва қубурро фаҳмонед ва нишон диҳед, дар асоси намуна дуруст иҷро кардани ҳаракати кории донишомӯзонро назорат намоед. **3.** Усулҳои дар тахтасанг (плита) буридани фулузро дар асоси намуна фаҳмонед ва нишон диҳед, дуруст иҷро кардани ҳаракати кории донишомӯзонро назорат намоед. **4.** Тадбирҳои пешгирии корношоямии дар болои тахтасанг буридани фулузро фаҳмонед.

## 1.3. МОШИНА, ТАҶҲИЗОТ, ДАСТГОҲҲО ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

### Дастгоҳҳои азнавкоркарди фулуз ва мафҳум дар бораи сохти онҳо

**Дастгоҳҳои фрезерӣ** (рандакорӣ). Дар устохонаи мактаб бо ёрии рандаҳои (фрезаҳои) силиндрӣ, дискӣ, кунҷакдор, теғдор ва ороишии азнавкоркард дар сатҳи шоқулӣ (вертикалӣ) ва уфуқӣ (горизонталӣ) дастгоҳҳои уфуқии рандакорӣ истифода мешаванд (расми 15).

Мизи дастгоҳ дар самтҳои кӯндаланг ва шоқулӣ ҳаракат карда метавонад. Анҷомҳои баркӣ дар қисми поёнии синҷа (станина) ҷойгир мешавад ва аз қисмҳои зерин иборат аст: электромуҳаррик; дастаки магнитӣ; трансформатор; колодкаҳои пайвандак (клемма); нигоҳдоранда; элементи хомӯшкунандаву даргиронанда; элементҳои идоракунии тугмадор.



**Расми 15.** Дастгоҳи уфуқии харротӣ.

**Дастгоҳҳои харротӣ-мурватбур.** Дастгоҳи харротӣ – мурватбур барои ҷараё-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ни асосии харротӣ, ҳамчунин кушодани сатҳҳои силиндрӣ ва конусшакл, буридани торесҳо (нӯги ғӯла), пармакунӣ ва кушодани резба (печ) таъин шудааст. Дар устохонаи мактаб асосан дастгоҳҳои харротӣ-мурватбури тамғаи TV-6 ва TV-7 истифода мегардад.




**Расми 16.** Дастгоҳи харротӣ-мурватбурии TV-6: 1-қисми пеш; 2- тугмаҳои идоракунӣ; 3-навардчаи ба кор андозанда ва винти (мехи печдори) ба кор андозанда; 4-дастаки пешкашкунандаи бузургӣ ва ба роҳ мондани бузургии қадами резба; 5-қуттии ба ҳаракат дароварандаҳо; 6-қаппаки пеш; 7-дастаки тағйирдиҳии самти ба ҳаракат даровранда; 8 ва 9- дастаки гузоштани частотаи (зичии) даврзании навард; 10-дастаки ба роҳ мондани сараки буриш; 11. дастаки ба роҳ мондани пинолиниқаппаки қафо; 12-дастаки ба роҳ мондани синҷаи сафарбаркунандаи қаппаки қафо; 13-қаппаки қафо; 14-дастаки ғеҷондани пинолини қаппаки қафо; 15-дастаки бо даст ғеҷондани салазкаҳои болоии гира; 16-дастаки ғеҷондани салазкаҳои кӯндаланг; 17-дастаки бакорандозии чархи дандонадори тахтагӣ (рейкагӣ); 18-синҷа; 19-дастаки бакорандозии гайкаи винти ҳаракатдиҳанда; 20-дастаки бакорандозии ҳаракатдиҳандаи механикаи кӯндаланг; 21-дастаки дастӣ ба ҳаракат дарорандаи баста; 22-пояи қафо; 23-пешгир; 24-гира.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дастгоҳ бо механизмҳои ҳимоявӣ ҷиҳозонида шудааст. Дар дастгоҳ экрани аз тахмондаи фулуз ҳимоякунӣ гузошта шудаст, агар он фуроварда нашуда бошад, дастгоҳ ба кор намедарояд.

**Дастгоҳи пармакунӣ.** Бо кӯмаки он узвро сӯрох карда, ҳамчунин дар иҷрои корҳои пармакунӣ истифода мегардад (расми 17). Дар иҷрои корҳои гуногуни пармакунӣ пармакунии тик, пармакунии уфуқӣ, пармакунии агрегатӣ барин дастгоҳҳоро истифода мебаранд.

Дар корхонаҳои бузурги саноатӣ корҳои пармакунӣ дар хатҳои автоматии компутерии дастгоҳҳои барномавии рақамӣ ва роботҳои саноатӣ ба иҷро мерасанд. Дар ин




**Расми 17.** Дастгоҳи пармакунӣ: а) сохти умумӣ (1 – асос; 2 – мизи корӣ; 3 – патрон; 4 – шкалаи гузоштани чуқурии буриш; 5 – қаппаки меҳвар; 6 – дастаки ба ҳаракатоваранда; 7-ҳаракаткунаки тасмагӣ; 8 – рӯйкаши ҳимоявӣ; 9 – муҳаррики барқӣ; 10 – дастаки гузоштани қаппаки меҳвар; 11 – дастаки бардоштан ва фуровардани қаппаки меҳвар; 12 – колонна; 13 – тугмаи бакорандозии муҳаррики барқӣ; 14 – тугмаи боздоштан; б) тарҳи кинематикӣ (1 – ҳаракаткунаки рейкагӣ; 2 – ҳаракаткунандаи тасмагӣ; 3 – ҳаракаткунандаи мехи печдор).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

асбобу ускунаҳо пармагарон ва созгарони баландмалака кор мекунанд. Онҳо бояд хусусиятҳои фулузи аз нав коркунанда ва маводи асбобҳои бурранда, дастгоҳҳои пармакунӣ ва сохти дигар анҷомҳо, ҳамчунин тартиби коркунии онҳоро хуб донанд, иҷрои корҳои созкунӣ ва росткунии анҷомҳо, бартарафкунии нуқсонҳои корҳои онҳо ва созгориашонро таъмин намоянд.

## Қисмҳои асосии мошинаҳо

Дастгоҳҳои шумо шиносшуда, автомобилҳои дар кӯча ҳаракаткунанда, тайёраҳои парвозкунанда, киштиҳои дар баҳр шинокунанда, трактор ва комбайнҳои дар саҳро коркунанда ҳама мошинаҳоянд. Онҳо ба сифати қувваи




**Расми 18.** Намунаҳои узвҳои мошинаҳо: 1 – мехи печдор (винт); 2 – санчақак; 3 – гайка; 4 – навардҳо: а) рост; б) оринҷӣ; 5 – шкивҳо; а) якзинагӣ; б) сезинагӣ; 6 – подшипникҳо: а) лағжонанда; б) ғелзананда; 7 – чарххои дандонадор: а) силиндршакл; б) конусшакл.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ёрирасон меҳнати инсонро сабук мегардонанд. Тамоми ҷиҳозот ва мошинаҳо аз қисмҳои алоҳида (гиреҳҳо ва узвҳо) ташкил меёбад. Мошина ҳар чӣ қадар мураккаб бошад, гиреҳҳо ва узвҳои он ҳамон қадар бисёр мешавад.

Дар бисёрии мошинаҳо узвҳои якхела истифода мегарданд. Масалан, меххои печдор ва ғайкаҳо (расми 18, 1, 3) дар автомобил, велосипед, тайёраҳо (самолётҳо) ва дигар мошинаҳо мавҷуданд. Чархҳои дандонадор (расми 18, 7) – тепловозҳо, электровозҳо, автомошинаҳо, комбайнҳо ва муҳаррику дигар қисмҳои мошинаҳо вомехӯранд.

Қисмҳои аз як порча ашё сохтани мошину ҷиҳозот **узвҳо** номида мешавад. Узвҳои мошину ҷиҳозот ба ду гурӯҳ тақсим мегарданд. Узвҳои дар бисёр мошинаҳо истифодашаванда узвҳои намунавӣ, узвҳои дар баъзе мошинаҳо истифодашаванда узвҳои махсус номида мешаванд.

**Мехи винтдор** (болт) – асоси саракдори шаклаш шаш теғагӣ ё ки квадрат буда, як қисми он барои тоб додани гайка резбадор мешавад.

**Санчакак** (шпилка) – асосаш аз ду нӯги резба иборат буда, як нӯги он ба асоси детал тоб дода дароварда, нӯги дуюми он аз сӯрохии детали дуюми мустаҳкамкунак гузаронда бо гайка тоб дода мешавад. Дар баъзе ҳолат деталҳо бо ду нӯг ба санчаки гайкаи тобхӯранда мустаҳкам мегардад.

**Гайка** ба пайвасткунии узвҳои сӯрохидори резбабаровarда хизмат мерасонад. Винт (мехи печдор) дар намуди резбадор ва асоси саракдор узви мустаҳкамкунанда буда, қисми резбадори он ба резбаи дохили яке аз деталҳо тоб дода дароварда мешавад.

**Навард** (вал) – детали мошин буда, қувваи тобхӯрандаи он мувофиқи тираш ба ҳаракат даровардан таъин гардидааст.

**Шкив** деталест, ки дар намуди чархи ба ҳаракатдарорандаи тасмагӣ мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Подшипник** қисми такягоҳии таъминкунандаи озод давр задани навардҳо, тир ҳаст. Подшипникҳо аз рӯйи усулияти (принсипи) кор ба ду навъ: подшипникҳои лағжанда ва ғелзананда тақсим мегарданд.

**Чархи дандонадор** қисми таркибии ҷиҳозоти дандонадор аст. Вай дорои низоми (системаи) пӯшидаи дандонаҳо аст ва ба ҳаракат овардани дигар қисмҳоро таъмин месозад.

## Сафарбаркунии қувваву ҳаракати қисмҳо

Дар мошинаҳо, аз ҷумла дар дастгоҳҳо барои ҳаракатро аз навард ба дуюмаш гузарондан чархи дандонадор ва ситорачаҳо истифода мегарданд. Дар байни онҳо аз ҳама бештар истифодашаванда ба ҳаракатоварандаи дандонадори силиндршакл ва конусшакл мебошад (расми 19).

Ҳаракати давродавриро барои ба ҳаракати пешрафт табдил додан аз дарозкунаки рейканоке истифода мебаранд, ки аз чархи дандонадори силиндршакл ва рейкаи дандонадори ба якдигар фуроянда иборат аст (расми 20). Барои ба масофа дароз кардани ҳаракати давродавр бошад, аз дарозкунакҳои тасманок ва занҷирнок истифода мебаранд (расми 21). Дарозкунакҳои мазкур аз ду шкив, тасма ё ки занҷир ташкил ёфтаанд.




**Расми 19.** Ба ҳаракатоварандаи дандонадори силиндршакл (а) ва конусшакл (б).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 20.** Дарозкунаки рейканок.



**Расми 21.** Дарозкунаки тасмагӣ.

Ин навъи дарозкунак дар дастгоҳҳои аз қабили пармакунӣ, харротӣ, рандакунӣ васеъ истифода мегарданд. Хуб донистани деталҳо, омехтаҳо ва дарозкунакҳо, ҳамчунин, тасвири кинематикии тарҳҳо (схемаҳо) барои бомуваффақият омӯхтани ҷиҳозот ва мошинаҳо имконият медиҳад.

## Тайёркунии дастгоҳи харротӣ-навардбурӣ ба кор

**Гузоштани теғи харротӣ.** Теғи харротӣ бо дастак аз тираш барои боло гузоштани нӯги меҳвар ба амал бароварда мешавад. Барои чен кардани баландии теғи харротӣ аз қолиби кунҷакдор истифода мебаранд (расми 22). Дуруст ҷойгир шудани теғи харротиро нисбати маркази ақиб месанҷанд (расми 22, б). Ҷойи баромадаи теғи хар-




**Расми 22.** Ҷойгиркунии теғи харротӣ: а) теғи харротӣ дар дастаки теғи харротӣ; б) санҷидани баландии теғи харротӣ; в) қолиби кунҷакдор.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ротӣ аз ғафсии он аз якуним дарозӣ зиёд нашуданаш лозим аст (расми 22, а). Ҳангоми коркарди дағал теғи харротӣ бояд аз тири детали азнавкоркард 0,5–1 мм баланд ҷойгир шавад. Ҳангоми азнавкоркарди маводи сахт теғи харротӣ бояд аз хати марказӣ 0,5 –1 мм паст ҷойгир гардад.

Ҳангоми коркарди хотимавии детал нӯги теғи харротӣ ба хати марказии детал баробар ҷойгир карда мешавад.

Ашёи хомро ҷойгир сохта маҳкам кардан. Бисёр вақт ашёи хом дар патрони худмаркази секунҷадор ҷойгир карда мешавад. Патрон бо калиди махсус маҳкам мегардад. Дар мактаб истифодабарии калиди кафидаи фурӯрафтаро тавсия мекунанд. Баъди бо калид маҳкам кардан вай худаш баромада меравад.

## Қоидаҳои бехавфии ба кор омодасозии дастгоҳ

Ҳангоми ба кор омодасозии дастгоҳ ба қоидаҳои бехатарӣ риоя кардан лозим. 1. Барои нигоҳдорӣ аз нарасидани дасту либосҳо ба қисми озоди даврзании дастгоҳ, наафтодан ба дарозкунакҳои тасманок ва дандонадор ана ҳамин тамоми қисмҳои дастгоҳ бо монеаҳои ҳимоявӣ печонда мешаванд. 2. Ҳангоми кор карда истодани муҳаррики (двигатели) барқӣ аз як сӯ ба сӯйи дигар гузарондани тасма манъ карда мешавад. 3. Ҳангоми даврзании меҳвар ё ки патрон гузоштан ва ивазкунии парма манъ карда мешавад. 4. Детали дар дастгоҳ пармакунандаро ба мошина ё ки даст маҳкам гузоштан лозим. 5. Таҳмондаи мизи дастгоҳ танҳо бо ҷӯтка тоза карда мешавад. 6. Ҳангоми кор дар дастгоҳи пармагарӣ ҳамаи тугмаҳои либосро андохтан, остинҳоро бастан лозим аст. 7. Ҳангоми пармакунии фулузи майдашаванда истифодаи чашмайнаки ҳимоявии шаффоф зарур мебошад. 8. Барои аз кор боздоштани дастгоҳи пармакунӣ бо даст доштани даврзанандаи патронӣ мумкин нест.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Дар устохонаҳои мактаб чӣ гуна дастгоҳҳо истифода мегарданд?

**2.** Чӣ гуна чараён пармакунии фулуз номида мешавад?

**3.** Усулияти коркунии дастгоҳҳои пармакуниро гӯед.

**4.** Қоидаҳои бехавфии техникии кор дар дастгоҳҳои пармакуниро бигӯед.

**5.** Кадом намудҳои пайвасткунии деталҳо мавчуданд?

**6.** Кадом намудҳои дарозкунии ҳаракатро медонед ва аз онҳо дар кадом чиҳозоту мошинаҳо истифода мебаранд?

**7.** Дар кадом мошину чиҳозот аз дарозкунаки тасмагӣ истифода мебаранд?

## 1.4 ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТ

### Технологияи азнавкоркарди фулуз, чузъҳои конструксиякунонӣ

Азнавкоркарди фулуз асосан ба воситаи буриш, ҳамчунин корҳои бофишор ба амал баровaward мешаванд.

Бо фишор кор кардан роҳи деформатсиякунии пластикии фулуз бо қувваи бузурги беруна ва дигар усули тайёркунии чузъҳо буда, **усули азнавкоркард бо фишори баланд** номида мешавад. Усулҳои зерини азнавкоркард бо фишор мавчуданд: прокаткунӣ, риштакунонӣ, зичкунӣ, гарм карда бо болға кор кардан, қолибгарии ҳачмнок ва вараканок (расми 23). Фулузот хусусияти ҳар хел ёзандагӣ доранд. Фулузи аз ҳама бештар ёзанда қӯрғошин аст. Дар ҳолати хунук бо фишор қалъагӣ, арзиз, мис, руҳ ва оҳанро аз нав кор кардан мумкин.

Чӯян, манган (марганес) ва дигар фулузи шикастхӯрандаро бо фишор кор кардан мумкин нест.

Маҳсулоте, ки бо роҳи прокаткунӣ истеҳсол мегардад, ба шакли (профили) гуногун молик аст: квадрат, шаш-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 23.** Азнавкоркарди фулуз бо фишор : а) прокаткунӣ; б) риштакунӣ; в) пресскунӣ; г) гарм карда бо болға кор намудан; д) қолибгарии гарми ҳаҷмнок; е) қолибгарии хунуки варақдор.

кунҷа, шакли доира, кунҷак, новаболор, болори дунишона, релс, арматураи бинокорӣ, парракҳои турбина ва ғайра. Бо мақсади хурд кардану суфтакунии қисмҳои кӯндаланги заготовкаҳои ёзанда ва прессшуда гузарондани он аз сӯрохии волок **риштакунӣ** номида мешавад. Станҳо аз ҷиҳози барзах ва кашишхӯранда иборат аст. Риштакунӣ дар ҳолати сардӣ ва гармӣ ба амал бароварда мешавад, дар ин ҳолат албатта, моддаҳое истифода мегарданд, ки соишхӯриро кам мекунанд.

Пресскунӣ ба яке аз намудҳои азнавкоркарди фулуз медарояд. Аз ғунҷоиши (ҳаҷми) пӯшида ба воситаи мили (канали) махсуси матриса фишурда баровардани фулузро **пресскунӣ** меноманд. Ҳангоми пресскунӣ асосан фулузи ранга дар ҳолати тафсон истифода мешавад. Пресскуниро бо ёрии прессҳои гидравликӣ пеш мебаранд.

**Қолибгарӣ** – яке аз усулҳои бо фишор азнавкоркарди фулуз буда, дар ин ҳолат шаклу андозаҳои маҳсулот ба конфигуратсияи асбоб, яъне қолиб вобаста мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба роҳи қолибгарии варақин маҳсулоти ҳамворшакл ва ҳаҷмнок омода мегардад. Онро дар ҳолати тафсон ва сардӣ истифода бурдан мумкин. Маҳсулоти қолибгарӣ ниҳоят васеъ буда, онҳо аз бозичаҳои бачагон сар карда то зарфу табақҳо, аз қисмҳои тайёра то киштиҳо истифода мегарданд. Бо ин роҳ қариб ҳамаи қисмҳои автомобил сохта мешаванд.

**Рехтагарӣ.** Усули мазкур дар тайёркунии заготовкаҳо (ашёи нимтайёр) ва қисмҳои мошин васеъ истифода мегардад. Барои иҷрои он як маҳлули фулуз ба ҷойи холигии конфигуратсия ва андозаи маълуми як тарафи дарунаш холии қолиб рехта мешавад. Баъди сахт шудани фулуз маҳсулот аз қолиб гирифта, ба коркарди минбаъда дода мешавад.

Дар истеҳсолот барои рехтагарӣ қолибҳои қумии якмаротибагӣ ва қолибҳои фулузии бисёрмаротибагӣ истифода мешаванд. Барои рехтани қисми оддӣ қолибҳои фулузӣ аз ду ё ки чандто порчаҳо иборат шуданаш зарур аст. Ин қабил қолибҳоро чораҳои бехатарӣ дида, дар устохонаи мактаб омода сохтан мумкин аст.

## Тайёркунии ашё аз тунукаи борик ва симҳо

Аз тунука корпусҳои мошина ва асбобу ускунаҳо, қубурҳои об ва зарфҳо тайёр карда мешаванд. Устоёне, ки аз тунука ашёҳо тайёр менамоянд, **челонгарон** номбар мешаванд. Онҳо бояд хусусиятҳои фулуз ва хӯлаҳои онҳоро хуб донанд, соҳиби малакаи кор кунондани асбобу ускунаҳо ва дастгоҳҳо бошанд. Бо усули дастӣ ва механикӣ азнавкоркарди фулуз дар устохонаи челонгарӣ ба амал бароварда мешавад. Донистани кори челонгарӣ зинаи муҳим дар боби аз худкунии техникаи замонавии истеҳсолот аст. Аз ин рӯ, азхудкунии ҷараёнҳои асосии челонгарӣ ва усулҳои меҳнат на танҳо фоидаовар аст, балки барои ҳар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 24.** Анбӯри чоғаш тез.

як коргари истеҳсолот ниҳоят зарур ҳам мебошад.

Симҳои аз 5 мм ғафс дар дастгоҳи махсус бо усули прокаткунӣ ҳосил карда мешавад. Симҳои нисбатан борик дар дастгоҳҳои махсуси риштагиранда омода мегарданд. Дар ин ҳолат сим аз сӯрохичаҳои андозаашон гуногуни пасиҳам чойгиршуда ба воситаи ёзондан гирифта мешавад. Симҳо аз пӯлод, мис, арзиз барин фулузҳо тайёр мегарданд. Аз симҳои фӯлодин мех, навард, винт, шуруп, мехи парчин, пружина ва дигар ашёҳо омода мешаванд. Аз симҳои мисин ва арзизӣ бошад, асосан ноқилҳои барқӣ тайёр мегарданд.

Фулузи дарози буришаш кӯндаланги 8 мм **сими решагӣ** номида мешавад.

Заводҳо одатан симҳоро дар бастаҳо мебароранд. Баъд аз онҳо ашёи нимтайёри зарурӣ бо анбӯри чоғаш тез бурида мешаванд (расми 24).

Порчаҳои сими буридашударо пеш аз истифода рост кардан лозим аст. Симҳоро бо болғаи чӯбин дар болои тахтасанг ё ки анбӯрҳои фӯлодини силиндршакл кашида рост кардан мумкин. Барои ба шакли зарурӣ овардан



**Расми 25.** Усулҳои росткунии симҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ашёҳои хоми симин қат карда мешаванд. Лекин онро пешакӣ ба нақша гирифтан лозим. Симҳо ба воситаи анбӯрҳои ҷоғашон ҳамвор ва кулӯла қат карда мешаванд. Ҳамчунин симҳои мулоимро бо ёрии тахтакачҳо рост кардан мумкин аст (расми 25).

Симҳоро бо анбӯрҳои ҷоғашон ҳамвор фишурда ва дар зери кунҷи зарурӣ қат мекунанд. Қисмҳои детали мураккаби шаклашон хати каҷ дошта бо ёрии анбӯрҳои ҷоғашон кулӯла сохта мешаванд.

Одатан, симҳо аз фӯлод, мис ва арзиз тайёр мегарданд. Аз симҳои фӯлодин меххо, меххои печдор, винтҳо, меххои парчинӣ, пружина ва дигар ашёҳо омода мешаванд. Аз симҳои арзизӣ асосан симҳои барқӣ тайёр менамоянд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Фулузот дорои кадом хусусиятҳоянд?
2. Номи 2–3 хӯларо гӯед.
3. Тунука ба кадом намудҳо тақсим мегардад? Фарқи онҳоро гӯед.
4. Аз тунука ва симҳо чӣ гуна ашёҳо омода мешаванд?
5. Усулҳои гуногуни қаткунии симҳоро фаҳмонед ва нишон диҳед.
6. Асбоб ва ҷиҳозотеро номбар кунед, ки дар қаткунии симҳо истифода мегарданд?
7. Қоидаҳои бехавфии техникии кор кардан бо симҳоро гӯяд.

## Кори амалии мустақил

Шиносоӣ бо фулуз ва хӯлаҳо. **Ҷиҳозот:** намунаҳои тунукаи фулузӣ ва сим (тунукаи сиёҳ ва сафед, тунукаи борик ва ғафс, сими фӯлодин ва мисин).

### Тартиби иҷрои кор

1. Бо намуди зоҳирии намунаҳои фулуз ва хӯлаҳо шинос шавед.
2. Ранги ҳар як намунаро муайян кунед.
3. Мансубияти намунаи мазкурро ба фулузи сиёҳ ё ранга аниқ намоед.
4. Номи ҳар як намунаи фулуз ва хӯларо муайян созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Пайвастани деталҳо бо кӯмаки кафшеркунӣ

Ба якдигар васлкунии деталҳои фулузӣ аз ҳисоби ҳарорати баланд **пайвандкунӣ** номида мешавад.

Пайвандкунии газӣ барои васлкунии ҷисмҳои фулузии ғафсиашон на он қадар бузург истифода мешавад. Дар ин ҳолат манбаи гармӣ аз ҳисоби дар гирифтани оксиген дар гази даргиранда (асетилен, пропан, гидроген ва ғайра) пайдо мешавад. Бисёр вақт бо асетилен омехтаи оксигени техникӣ истифода мегардад. Дар расми 26 анҷомҳое тасвир ёфтаанд, ки барои пайвандкунии газӣ заруранд. Дар баллони рангаш сафед асетилен мешавад. Асетилен ба воситаи винтел ва редуктор мебарояд. Оксиген аз баллони рангаш кабуд тавассути редуктор мебарояд. Ҳар ду газ ба воситаи шлангҳо дар сархона (горелка) ҳамроҳ мешаванд. Дар нисбати маълуми асетилен ва оксиген ҳарорати сӯзиш то 3150° С баланд мешавад. Ҳангоми бо газ пайвандкунӣ барои низоми пайванд сими фулузӣ истифода мегардад. Таркиби кимиёвии фулузи пайвандшаванда ва сими истифодашаванда бо якдигар наздик шуданаш лозим. Бо ёрии анҷоми пайвандкунии горелкаи махсус ва газ буришро ҳам ба ҷо овардан мумкин. Буриш дар натиҷаи фулузро то 1000–1180° С тафсондан оғоз меёбад. Баъд маҷрои бурандаи оксиген бо фулузи тафсида ба иртиҷоъ (реаксия) даромада, оқибат гармӣ ҷудо мешавад ва қабати пасти фулузро метафсонад.




**Расми 26.** Анҷомҳои пайвандкунӣ бо газ: 1 – горелка; 2 – шлангҳо; 3 – редуктор; 4 – баллони оксиген; 5 – баллони асетилен.

Ҳангоми кор бо анҷоми (ус-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кунаи) пайвандкунии газӣ ниҳоят эҳтиёткор шуда, таҷриба ва тайёрии махсус талаб карда мешавад. Ду усули пайвандкунии баркӣ мавҷуд аст: камонвор ва васлӣ (контактӣ). Дар пайвандкунии камонвори баркӣ ускунаи асосӣ аппарати пайвандкунӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз симҳо ба детали коркунанда, дуюмаш ба электрод пайваст мешавад.




**Расми 27.** Анҷомҳои пайвандкунии баркӣ:
1 – ниқоби ҳимоявӣ;
2 – электрод; 3 – ашё;
4 – аппарати пайвандкунӣ;
5 – симҳо.

Ҷараёни пайвандкунии камонвори баркӣ бо даст ин гуна аст (расми 27). Аввало мувофиқи ғафсии деталҳои васлшаванда қувваи баркро рост карда мегиранд. Сипас детал ва электродро кӯтоҳ васл мекунанд, оқибат дар ҷойи васлшуда ҳарорат қатъиян боло меравад. Баъди он электрод аз детал 3 – 5 мм дуртар гирифта шуда, камони баркӣ пайдо мешавад. Сипас электрод ба оҳистагӣ ба ҳаракат медарояд ва фулузи обшуда ба ҷои васлшавӣ шорида мефурояд.

## Пайвастани деталҳо бо кӯмаки парчакунӣ

Сатҳи омехтаҳои парчиндори ҳамворӣ барои васлкунии байниҳамдигарии деталҳои сатҳашон пӯшида кор фармуда мешавад. Парчинкунӣ асосан дар авиатсия, киштисозӣ, сохтани кӯпрук ва дигар соҳаҳо васеъ истифода мегардад. Онро барои васлкунии тунукаҳо ҳам кор фармудан мумкин. Нӯги парчинҳо дар намуди стержени шаклашон гуногун мешаванд (расми 28).

Барои парчинкунии детали тунукагин болға, сумба (муайякунанда ва сӯрохкунанда) – ҷиҳозоти кашишдиҳан-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 28.** Намудҳои мехи парчин: а) нимкулӯлаи саракдор; б) сарракаш пинҳон; в) сарраки нисфаш пинҳон; г) сарраки ҳамвор; д) сарраки конусшакл; 1 – стержени мехи парчин; 2 – сарраки болоӣ; 3 – сарраки пӯшиш.

даву сиқонанда ва мустаҳкамкунанда истифода мегардад (расми 29).

Барои парчинкунӣ детал ба чӯби чортарош (брус) (расми 29, а) гузошта, диаметраш ҳамин тавр шуданаш лозим аст, ки ба он бояд стержени парчин бемалол, зич ворид шавад.

Баъди кушодани сӯрохӣ ба он парчин гузошта мешавад ва нӯгаш (теға) ба пастӣ такя мекунад (расми 29, б). Бо болға зада, деталҳо ба якдигар бо ёрии кашак ғиҷим карда




**Расми 29.** Пайдарҳамии ҷараёни пайвастшавии парчиндор.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мешавад (расми 29, в). Ҷойҳои баромадамондаи стержен бо болға зада, ҳамвор мегардад. Ба оҳистагӣ зарбҳо сахт шуда (расми 29, г) ва бо ёрии асбоби фишуранда ба шакли зарурӣ оварда мешавад (расми 29, д).

## Ҷузъҳои ҳунармандии халқие, ки дар азнавкоркарди фулуз истифода мегарданд

Дар асоси ҳунармандии халқӣ азнавкоркарди фулузот аз нигоҳи бадеӣ бо усули механикӣ (кандакорӣ, зарб задан), бо усулҳои рӯкашкунӣ, ҳамчунин бо қабати нақшу нигори ҳимоякунанда (сиркунонӣ, зарҳал кунонӣ ва бо нуқра рӯкашкунӣ) ба амал бароварда мешавад. Аз қадим **кандакорӣ** яке аз усули аз ҳама бештар паҳншудаи азнавкоркарди бадеӣ дар фулуз ба ҳисоб меравад. Дар кандакорӣ шаклҳо ва нақшҳои муайянро дар ашёи хом канда мефароранд.

**Зарб кардан** дар ҳоли сардӣ азнавкоркарди ашё, яъне бо тамға ё ки тасвири кандакорӣ бо роҳи болға зарб задан ҷараёни тасвири барҷаста ҳосил кардан мебошад. Зарб кардан ба воситаи азнавкоркарди механизатсионӣ ё ки дастӣ ба амал баромаданаш мумкин аст. Ба сифати маводи зарбкунӣ одатан тилло, нуқра, мис, арзиз барин фулузот истифода мегардад. Сиркунонии сатҳи ашё ҷузъи ороишии аз қадим истифодашаванда буда, вай ба сатҳи фулуз бо роҳи рӯкашкунии шишаи таркибаш мураккаби тез моеъшаванда амалӣ гардонда мешавад. Эмалҳои ба сиркунонӣ истифодашаванда тафсон ва сард, шаффоф ва рангин шуданашон мумкин аст.

## Маълумот дар бораи касбу ҳунар оиди азнавкоркарди фулуз

Маълум аст, ки дар ҳар як касбу ҳунар истилоҳоти ба худ хос, номҳо мавҷуданд. Омӯзиши маълумотҳои таъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рихӣ вобаста ба истилоҳоту номҳои мазкур дар бораи ба вуҷуд омадану равоҷёбии ана ҳамин касбу ҳунар, ҳамчунин мақоми онҳо дар ҷамъият фикр рондан асос шуда метавонад. Дар қадим дегрезӣ, оҳангарӣ, кордсозӣ, челонгарӣ, наългарӣ, қулфгарӣ, сӯзангарӣ, мехгарӣ, мисгарӣ ва заргарӣ барин соҳаҳои касби фулузсозӣ мавҷуд будаанд. Таърихи ба вуҷуд омадани ин соҳаҳо дуру дароз буда, онҳо бо ашёи хоми ба худ хоси соҳибони истилоҳоти махсус, курсҳои технологияҳои истеҳсолӣ фарқ кардаанд.

Барои сохтани воситаҳои зарурии ҳаёти моддӣ – олоти меҳнат ашёҳои аз фулуз сохташаванда маводҳои дар ҳаёти рӯзмарра истифодашаванда, асбобу анҷоми рӯзғорбоб, ашёҳои фулузии барои сохтани истиқоматгоҳҳо зарурӣ; силоҳҳои мудофиавӣ; ашёҳои нақшу нигорро истеҳсол кардаанд. Баъзе соҳаҳои дар боло қайдшуда дар ҳаёти халқ аҳамияти алоҳида доштанд ва аз ин рӯ, маҳалҳо, масканҳои шахсони бо ҳамин соҳаҳо машғул боқӣ мондаанд. Дар поён дар ин хусус истода мегузарем.

**Дегрезӣ.** Ҷараёни машғул шудан бо корҳои омочсозӣ, сохтани каланд, побел, обдаста, ҳамчунин аз тарафи дегрез (устои калон; дар дӯкон идоракунандаи ҷараёни технологӣ; тайёркунандаи ашёи хом ва фурӯшандаи маҳсулоти тайёр), халпа (ёвари усто), дамгар (ҳангоми гудохтани чӯян коргари дамро зер карда истанда, бо он шамолдиҳанда), рехтагар (устои чӯяни моеъро ба қолибҳои махсус паси ҳам резанда) амалӣ гаштаанд.

**Наългарӣ.** Касбу кори шахсонест, ки бо сохтани наъли ба пойи асп, хачир ва хар кӯфташаванда машғул мешуданд.

**Кандакорон.** Аз тарафи устоёни мисгар, рехтагар тайёркунии ашёҳои рӯзғор, силоҳҳо ва дигар ашёҳои фулузӣ бо нақшҳои кандакорӣ зеб дода шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мисгарон.** Истилоҳоти мисгарӣ ба маънои касби сохтани зарфҳои мисин, истилоҳоти мисгари наққош ба маънои касби оро додани зарфҳои мисин истифода гардидааст. Мисгарони наққош зарфҳои мисинро бо ду усул: чуқур ва барҷаста бо нақшҳо фаро гирифтаанд. Композиятсияи нақшҳои бадеии чуқур ва барҷаста кандакорӣ кардашуда бо мураккабӣ ва намуди зебояшон фарқ кардаанд.

## Технологияи ҳунармандии халқие, ки бо ҷараёнҳои азнавкоркарди фулуз ҳамоҳанганд

**Намудҳои ашёҳои мисин.**

**Лабхӯрӣ** – лабҳои лаганҳои мисини байзашакл ё ки чоркунҷа аз канорашон қат шудаанд. Лаганҳои мазкур бо нақшҳои растанишакл, геометрӣ ва рамзӣ ниҳоят нафис оро дода шудаанд.

**Дулава** – лабҳои лаганҳои мисини тухмшакл ё ки чоркунҷа аз канорашон қат шуда ва давом дода, боз қат карда шудаанд. Лаганҳои мазкурро ҳам ниҳоят зебо сохтаанд.

Барои шустани рӯйдаст офтобаҳо (обдастаҳо) истифода шудаанд. Барои овардани об сатил, сархум барои обгирӣ, нондон барои гарм кардани нон ва дигар ашёҳои рӯзгор дар ҳар як воҳа ба сохти ба худ хос молик аст.

**Сархум** – шакли зарфи мисини хумҳои калони обоваранда. Шакли он ба кафлез монанд аст. Лекин ҳаҷми он ниҳоят бузург, бандаш бошад, аз ҳад зиёд зебост. Сархум бо усули рехта ё ки коркард сохта, оро дода мешавад.

**Шабака** – панҷара, ки дар зарфҳои мисин сӯрохии хурд карда истифода шудааст. Дар Тошканд «Сумбарно» меноманд. Шабака дар мисгарӣ услуби техникавӣ ба ҳисоб меравад.

**Усмаҷӯшак** – зарфи мисин, ки барои ғиҷим кардани ӯсма ва рангкунии абрӯ, ҳамчунин тайёркунии рангубори гуногун истифода гардидааст. Зарфҳои мазкур сето пой (поя), ҳамчунин дастак доранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ АЗНАВКОРКАРДИ ЧӮБ

## 2.1. МАФҲУМҲОИ УМУМӢ

### Сохти устохонаи азнавкоркарди чӯб

Машғулиятҳои азнавкоркарди чӯб дар устохонаи дахлдори мактаб гузаронда мешавад. Дар он ба ҳар якеатон коргоҳи доимӣ, яъне қисми муайяни дастгоҳ гузоштаи хона ҷудо карда мешавад (расми 30).

Ҳар як ҷойи кор (коргоҳ) бояд бо нишастгоҳ ҷиҳозонида шавад. Коргоҳ бо ҷиҳозоти махсус: тумбочка, қуттии ғеҷанда, ҷевон, стеллаж барои асбобу анҷом, айнаки ҳимоявӣ, нақшаҳо ва ғайра ҷиҳозонида шуда, ҳамчунин онҳо бояд аз ҷойи кор ба берун набаромаданашон таъмин гардад.

Коргоҳ ва роҳравҳо бояд аз монеаҳои иборат аз мавод, ашёи намунавӣ ё ки партовҳо орӣ бошанд.




**Расми 30.** Ҷойгиршавии тахминии коргоҳи устохонаи таълимии дуредгарӣ: 1 – ҷойи кори омӯзгор; 2 – дастшӯяк; 3 – дорухона; 4 – ҷевони асбобу ускуна ва маводҳо; 5 – кунда; 6 – дастгоҳҳо; 7 – соати деворӣ; 8 – ҷевони асбобҳои таълимиву намоишӣ; 9 – мизи рангубор; 10, 11, 12, 13, 14 – дастгоҳҳои пармакунӣ, харротии азнавкоркарди чӯб, рандаҳо, дастгоҳҳои арракунӣ; 15 – чарх; 16 – токчаи маводҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Асбобҳо дар қуттӣ, чевони дар паҳлӯи ускуна нигоҳдоранда, конструксияи мошина бо назардошти нигоҳ доштани қисмҳои дохилии он дар ҷойи махсус бояд маҳфуз бошад. Дар коргоҳ ҳамеша тартиби намунавӣ ҳукмрон бошад ва ба он ҷо асбобҳои зарурии ба дарси мазкур дахлдор гузошта шуданаш лозим аст.

## Қоидаҳои бехатарии техникӣ ҳангоми азнавкоркарди чӯб

Дар устохонаи мактаб ба қоидаҳои тартиби дохилии муайяншуда риоя кардан зарур аст. Пеш аз машғулият корҷома пӯшидан лозим мебошад. Ба устохона пеш аз занг зада шудан омадан, дар дасти ҳар донишомӯз аз анҷоми хониш рӯзнома, китоби дарсӣ, қалам, хаткашак, хаткушак шуданаш шарт мебошад.

Ҳангоми оғози машғулият ҳар яке коргоҳи худро бояд аз назар гузаронад ва онро барои фаъолият омода намояд. Ҳамчунин, ҳама дар ҷойи кори худ меҳнат кунад ва бе рухсати омӯзгор ягон кас аз он ҷо наравад. Асбобу анҷом, ҷиҳозот ва ускунаҳоро эҳтиёткорона нигоҳ дошта, аз ашёи хом сарфакорона истифода бурдан лозим меояд. Бо нишондоди омӯзгор корро қатъ намуда ва сабақҳои онро бояд бо диққату эътибор шунавид.

Ҳангоми танаффус даричаҳои (форточка)-и тирезаро ку-шода монда, сипас бояд аз устохона бароямад. Баъди танаффус ҳар кадоме ба ҷойи кории худ меояд ва корҳо давом меёбанд. Баъди кор анҷомҳо, ҷиҳозот, маводҳо пок карда, тоза мешавад ва ҷо ба ҷояш гузошта, коргоҳ саранҷом мегардад, ашёи тайёр супурда, сару либос тоза намуда, дастон шуста мешаванд. Баъди рухсати омӯзгор аз устохона баромадан мумкин аст. Дар устохона ҳангоми иҷрои тамоми супоришҳои меҳнатӣ қоидаҳои бехавфии меҳнатро хуб донистан ва онҳоро дақиқ иҷро кардан лозим меояд. Қоидаҳо чунинанд:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**1.** Санҷидани дуруст пӯшида шудани корҷома (тугмаҳои даст ва пеши хилъат андохтагӣ, галстукҳо кушода шуданаш зарур), мӯйро ба тартиб оварда, мӯъҷаз кардан, нӯги рӯймол ва гарданбандро халондан лозим меояд. **2.** Санҷидани вазъи коргоҳ, аниққунии мавҷудият ва коршоямии анҷомҳо. **3.** Бидуни рухсати омӯзгор аз коргоҳ дур нашудан. **4.** Анҷомҳо ва ашёи хомро эҳтиёткорона кор фармудан. **5.** Бе рухсати омӯзгор дар дастгоҳҳо кор накардан. Танҳо ускунаҳои сохташон омӯхташуда истифода мешаванд. **6.** Танҳо аз ускунаҳои коршоям истифода бурдан, онро мувофиқи мавқеъ истифода бурдан. Анҷомҳоро дар коргоҳ барои истифода дар ҳолати қулай ҷойгир сохтан. **7.** Баъди анҷоми кор олоти меҳнатро аз назар гузарондан. Аз хусуси анҷоми носоз бояд омӯзгор огоҳ карда шавад. **8.** Коргоҳро аз пароха вааррамайда бо чӯткаи махсус тоза кардан. **9.** Дар ҳолати халалдор шудани қоидаҳои бехавфии меҳнат ё ки сар задани ҷароҳат омӯзгор бо зудӣ бояд огоҳ карда шавад.

## Аҳамияти чӯб дар рӯзгор, хоҷагии халқ, сохт, намуд, соҳаҳои истифодабарӣ

Маводи тайёри сохтмон чӯб буда, он дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ васеъ истифода мегардад. Чӯб маводи асосиест, ки дар дуредгарӣ мавриди истифода мебошад. Онро дар сохтмон ва иншоот, автомобилсозӣ, вагонсозӣ, саноати кимиё ва ангишт, тайёркунии фанер, мебел, ҷиҳозоти варзишӣ ва дигар соҳаҳо кор мефармоянд.

Сабаби доманадор истифода бурдани чӯб баланд будани хусусиятҳои техникии он мебошад. Кор кардани чӯб осон аст, вазнаш сабук, пухтагиаш баланд, гармӣ ва баркро бад мегузаронад, дар зери таъсири тезоб (кислота) ва ишқорҳо ба зудӣ нобуд намешавад, намуди зоҳирии бисёр чӯбҳо зебо буда, пухта ширеш мегардад ва хуб пардоз дода



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 31.** Қисми дарахти сабзанда.

мешавад. Аммо чӯб дорои баъзе камбудиҳост: дар натиҷаи тағйир ёфтани ҳарорат ва намигарӣ чӯб хушкида, тоб мепартояд, намиро ҷаббида варам мекунад, кач шуда гарм мешавад, мекафад ва ғайра. Пухтагӣ, сахтӣ ва дигар хусусиятҳои механикии чӯб чун фулуз дар самти гуногун аст, дар зери таъсири хусусияти механикии чӯб ҳам ба куллӣ кам мешавад. Чӯб ба осонӣ аланга мегирад, бо пӯсидан, ба хӯрдани ҳашарот монеъгӣ нишон дода наметавонад.

**Чӯб** гуфта тана, навда, пояи дарахт ва аз қисми асосии решаҳо гирифтани мавод номида мешавад (расми 31). Танаи чӯбҳосилкунии дарахт аз мағз, риштаи (нахи) чӯбин, пӯстлох иборат аст.

Чӯб дар се хел самт бурида, санҷида мешавад:

а) порчаи кӯндаланги танаи дарахт;

б) порчаи радиалӣ, ки аз маркази танаи дарахт то саросари радиус ё ки диаметри он ба дарозӣ тӯл кашидааст;

в) порчаи тангентал, ки аз маркази танаи дарахт нагузашта, саросари тарафи давра ба дарозӣ тӯл кашидааст.

Баробари ин бофтаҳои чӯб моддаҳои ба худ заруриро ғун карда месабзад. Сабзиши чӯб аз ҳалқаҳои солонаи қисми кӯндаланги он намудор мегардад (расми 32).



**Расми 32.** Буриши кӯндаланги танаи чӯб.

Миқдори ҳалқаҳои мазкур



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

синну соли чӯбро мефаҳмонад. Чӯби ҳар як дарахт вазифаи бардоштани вазни он, таъмини тобовариашро ба таъсири гуногун ичро мекунад.

Тана, поя, шох, навда ва решаи дарахт қисми чӯбини онро ташкил медиҳад. Танаи дарахт қисми асосии чӯбини ғафси он буда, мубодилаи моддаро байни решаву баргҳо таъмин месозад, ҳамчунин вазифаи бардоштани қисми берунии дарахтро аз замин ба ичро мерасонад.

## Намуди зоҳирии чӯб, аломатҳои коршоямӣ ва корношоямӣ

Бо роҳи ғӯлачӯб (болор)-ро чок кардан (буридан) маводи арракардашуда гирифта, аз онҳо танавор (заготовка)-ҳо тайёр карда мешаванд. Деталҳои аррагардида аз худи ғӯлачӯб арра (чок) карда гирифта мешавад. Маводи аррагардида (расми 33) маҳсулоти андозааш муайян ва сифатнок буда, ду сатҳи (қабати) муовизии тухмшакл дорад. **Тахтаи рандакардашуда** гуфта, лоақал як сатҳаш ё ки канораш рандакарда ё худ маводи як канораш рандашуда номида мешавад.

Бо усули озмоиш намуди чӯб, коршоямӣ ва корношоямӣ, ҳамчунин сахтиву мулоимӣ, зичӣ ва ба ҳар гуна таъсири беруна тобоварии он муайян мегардад.

Сахтии чӯб ба воситаи нӯг, теғ, теғаи маводи аз он сахтро бо миқдори қувваи маълум ғӯтонидан аниқ мешавад. Дар ин ҳолат чӯби аз ҳама сахти созгор, ки ба ҳар як мақсад истифода мегардад, босифат ба ҳисоб меравад.

Чӣ гуна вазнро қат нашуда бардоштани чӯб, аз он иморатҳо, кӯпрукҳо ва ҳамин қабил сохтмонҳо бунёд кардан асосан ба воситаи таҷриба, ҳамчунин ҳисобу китоби дахлдор аниқ мегардад. Дар асоси ин қабил таҷриба ва ҳисобу китобҳо ба ҳар як мақсад зарурияти истифобарии чӯби чӣ гуна ғафсӣ ва дарозӣ дошта озмуда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 33.** Номгӯи маводи арракардашуда: а) тахтача; б) чорякӣ; в) тахтаи тоза буридашуда; г) рейка (тахтачаи тунуку борик)-и канораи буридашуда; д) ғӯлачӯби дутеғадор; е) ғӯлачӯби тоза буридашуда; ё) капантахта; ж) ғӯлачӯби се теғадор; з) шпала.

Чӯб маводи асосии дарахтҳосилкунӣ буда, хусусияти гузарондани об ва дигар моддаҳои зарурриро аз танаи дарахт ба самти дахлдор соҳиб аст, ҳамчунин вазифаи бардоштани вазни ба худ афтодаро иҷро мекунад. Баъди буридани дарахт оби байни бофтаҳои чӯб дар зери таъсири ҳарорат ба берун мебароянд, оқибат чӯб хушк шудан мегирад. Дар ин ҳол, агар об аз байни ҳамаи бофтаҳои чӯб бо як маром ва дар фосилаи як вақт баромада истад, танаи дарахт нафакида, хушк мешавад. Агар баръакс аз байни бофтаҳои як қисми чӯб об бисёр, дар қисми дигараш камтар ба берун баромада истад, ба ҷуз аз ин, дар қисмҳои мухталифи чӯб об ба берун дар як вақт набарояд, танаи дарахт ҳамвора хушк намешавад. Оқибат, дар танаи дарахт сӯрохиҳо пайдо мешаванду боиси сар задани ҳодисаҳои тобхӯрӣ ва қатшавии чӯб мегарданд (расми 33). Ба мақсади пешгирии ин ҳолатҳо ба қоидаҳои ду-русти чӯбхушккунӣ риоя кардан лозим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 34.** Кафидани чӯб.

аст. Барои ин чӯби тарро дар ҳолати дуруст бо бори зарурӣ зер карда мондан ва ба сатҳи он бо як маром расидани ҳаворо таъмин кардан, ҳамчунин то хушкшавӣ ҳамин ҳолатро нигоҳ доштан зарур. Ба ғайр аз ин, барои сохтани ягон ашё агар чӯбро ба ҳолати дахлдор овардан лозим ояд, саравваl чӯби тар ба шакли зарурӣ оварда мешавад. Сипас, бо бори вазнаш зарурӣ зер кардан ё ки ҷиҳозоти дахлдор маҳкам карда мешавад. Ба рӯйи он бо як маром расидани маҷрои ҳаворо таъмин карда, то хушкшавӣ ҳамин ҳолат нигоҳ дошта мешавад.

Усули аз ҳама оддии аниқкунии сахтии чӯб ба он мех кӯфтан аст. Мехи оддӣ ба чӯби сахти сада, булут, шамшод, нок, ақоқиё барин дарахтон кӯфта намешавад, асосан онро ба дарахтони мулоими бед, сафедор, санавбар мекӯбанд.

Тамоми намудҳои чӯб маводи хуб сӯхташаванда аст. Барои ҳамин чораҳои аз сӯхтор эмин нигоҳ доштани маҳсулоти чӯбинро дидан лозим. Тамоми талабҳои зидди сӯхторро дар устохона иҷро кардан шарт мебошад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Ба ҷиҳозоти махсуси ҷиҳозонидани ҷои кор чиҳо медароянд?
**2.** Сохти устохонаи дуредгариро маънидод созед.
**3.** Тартибу қоидаҳои дохилии дар устохонаи мактаб муайягардида аз чиҳо иборатанд?
**4.** Қоидаҳои бехатарии техникиро фаҳмонда диҳед.

## Кори амалии мустақил

Шиносоӣ бо қоидаҳои бехатарии техникӣ ва сохти устохонаи мактаб.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Чиҳозот:*** Плакати қоидаҳои бехатарии техникӣ. Маводҳо оид ба чиҳоз ва сохти устохонаи таълимӣ.

**Тартиби иҷрои кор**

**1.** Омӯхтани плакат дар бораи қоидаҳои бехавфӣ ва маданияти меҳнат. **2.** Қонуну қоидаҳои корфармоӣ ва нигаҳдории асбобу анҷомҳо. **3.** Рӯйхати корҷомаи махсуси устохонаи мактабро тартиб диҳед. **4.** Қоидаҳои худро чӣ тавр нигоҳ доштани донишомӯзонро дар устохонаи мактаб омӯзед ва ба онҳо амал кунед.

## Чӯбҳое, ки дар дуредгарӣ истифода мегарданд

Дар дуредгарӣ аз чанд намуд дарахтон истифода бурда мешавад. Дар поён баъзеи онҳоро дида мебароем.

**Сафедор.** Намудҳои ғукшакл (сафед) ва ар-ари сафедор мавҷуд буда, онҳо аз ҳамдигар бо сохти тана ва шохҳояшон фарқ мекунанд. Пӯстлохи сафедор ранги сафеди кабудчатоб дошта, суфта (ҳамвор) аст, дар қисми поёнии тана дарз (рах) мешавад. Сершох, танааш он қадар рост намешавад. Пӯстлохи ар-ар заъфарон, суфта аст, дарз кам ба назар мерасад. Танааш рост, нисбати сафедори сафед кам шох мекунад, аз он ғӯлачӯби хуби сифатнок мегиранд.

**Шамшод.** Ранги чӯби шамшод сурхчатоби баланд, пухта, сахт, қатшаванда буда, кор кардан душвор мебошад. Лекин ҳамвор ранда мегардад ва хуб пардоз дода мешавад. Нахаш (риштааш) маҳин, ҳалқаҳои солонааш аниқ намудоранд, гули табиияш зебост. Дар ҳолати буғдиҳӣ хуб қат мешавад.

**Санавбар.** Пӯстлохи санавбар ғафс, ҷигарранги баланд аст, қабаташ рост, сабук, пухта, қатрондор, ҳамчунин тобовар мебошад.

**Дарахти олаш (бук).** Дарахти олаш заъфарони сурхчатоби сафедранг, мувофиқи буриш радиалии гули табиияш зебост, ҳамчунин нотобовар мебошад, чӯбаш сахт часпанда аст. Барои ҳамин аз он мебелҳои қатшаванда,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фанери рандашаванда, асбобҳои нақшакашӣ тайёр гашта, дар саноати мошинасозӣ ҳам мавриди истифода қарор медиҳанд.

**Нок** сурхчатоби ҷигарранг буда, пӯсту хатҳояш кам ҳис мегардад. Ба зичии ҳамвора молик, чӯби сахту ҳамвор аст. Коркардаш қулай. Нок 150–300 сол умр мебинад.

**Булут (дуб, эман).** Чӯби булут ҷигарранги баланд буда, ҳалқаҳои солонааш аниқ намудор аст. Гули табиии зебо, нахи бузург дорад. Хусусиятҳои механикиаш ниҳоят баланд, коркардаш душвор, зичиаш калон мебошад. Дар об намепӯсад, тобовар, пардозаш хуб аст. Барои ҳамин ҳам он дар сохтмонҳои зеризаминӣ, корхонаҳои мебелсозӣ васеъ истифода мешавад.

**Чанор.** Пӯстлохи дарахти чанор заъфарону зардтоб, ҳамвор, борик мешавад. Чӯбаш пухта, сахт, коркардаш хеле душвор, рангаш сурху сиёҳтоб аст, гули зебои табиӣ дорад, пардозаш хуб мебошад. Аз он фанери рандашуда, мебели гаронбаҳо омода месозанд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Чӯб гуфта чиро мегӯянд? **2.** Аз кадом қисмҳои дарахт чӯб ҳосил мегардад? **3.** Бофтаҳои чӯби дарахт кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд? **4.** Аз ҳалқаҳои кӯндаланги чӯб чиҳоро муайян кардан мумкин аст? **5.** Аз чӯби растаниҳои бутташакл чиҳоро тайёр мекунанд? **6.** Дар бораи намудҳои чӯб маълумот диҳед.

## Кори амалии мустақил

**1.** Шакли умумӣ ва қисмҳои алоҳидаи баъзе дарахтон дар кадом шакл сабзиданашонро аниқ кунед.

**2.** Ҳалқаҳои кӯндаланги мансуб ба дарахтони гуногунро назорат намоед, чиро ифода кардани онҳоро муайян намоед.

***Ҷиҳозот:*** намунаҳои чӯб

### Тартиби иҷрои кор

1. Шакли умумии дарахт ва қисмҳои алоҳидаи онҳо дар кадом шакл сабзиданашонро аниқ кардан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Ба воситаи таҳлили намунаҳои чӯб аз кадом дарахт тайёр карда шудани онро муайян намоед.
3. Ҳалқаҳои кӯндаланги мансуб ба дарахтони гуногунро назорат намоед, дар бораи онҳо маълумот диҳед.

## Дарахтоне, ки дар ҳудудҳои маҳаллӣ месабзанд ва омӯхтани намудҳои чӯби аз онҳо гирифташаванда

Дар ҷангалзорҳои мамлакатамон беш аз 100 намуди дарахт месабзад. Тамоми намудҳои дарахт ба ду: сӯзанбаргҳо (арчаи сиёҳранг, санавбар, арча ва ғайра), ҳамчунин баргдор (булут, дарахти олаш, тӯс, сафеди кӯҳӣ ва ғайра) тақсим мегарданд. Дар чӯби ҳар як намуд гули ба худ хос мешавад (расми 35).

Аз ҷиҳати душвории коркард чӯб: ба мулоим (сафедори кӯҳӣ, санавбар, ҷӯка ва ғайра), сахт (булут, тӯс ва ғайра), ниҳоят сахт (ақоқиёи сафед, дарахти олаш ва ғайра) тақсим мегардад.




**Расми 35.** Таркиби чӯб.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чӯб ба дараҷаи баланд мустаҳкам буда, онро бо асбобҳои бурранда хуб коркард додан мумкин аст.

Ашёи аз чӯб сохтаро ба осонӣ ширеш кардан, бо ёрии меххо ва меххои печдор васл намудан мумкин аст. Намуди зоҳирии ашёҳои аз чӯб сохташуда зебо мебарояд. Лекин чӯб аз камбудиҳо орӣ нест. Он дар зери таъсири намӣ вайрон мешавад. Ҳангоми хушк шудан кач гашта, ба зудӣ сиёҳ мешавад. Чашмакҳо ва ҷойҳои кирм сӯрохкарда нуқсонҳои он ба ҳисоб мераванд. Камбудиҳои мазкур имконияти истифодабарии чӯбро дар истеҳсолоти саноатӣ маҳдуд месозад, вале онҳо дар тайёркунии ашёи нақшу нигордор кӯмаки калон расонданашон мумкин аст.

## Муайякунии сифат ва камбудии чӯбҳо

Сифати чӯб бо усулҳои назорат кардан ва озмоиш муайян карда мешавад. Ба воситаи назорат тана ва маводҳои дарахте, ки аз он чӯб гирифта мешавад, чӣ қадар рост, ғафсиаш ҳамвора, ҳамчунин солимияш аниқ мегардад. Аз танаи бисёр дарахтон чӯби аз ҳама асосӣ гирифта мешавад. Қисмҳои дарахт, ки аз он чӯб гирифта мешавад, чӣ қадар рост, дароз ва ғафсиаш ҳамвор, ҳамчунин солим бошад, ҳамон қадар баландсифат мешавад. Аз танаи чӯб ба паҳлӯ навдаву шохҳо чӣ қадар бисёр сабзида бошанд, дар ин ҳол дар натиҷаи бисёр будани ҷойи пӯстлохи чӯб сифати он паст мешавад. Чӯби дарахте, ки танааш хаму тобхӯрда сабзидааст, дарозу калтаанд, аз сабаби бебаргӣ барои истифода ба мақсадҳои зарурӣ пастсифат ба ҳисоб мераванд.

Баробари ин, аз чӯби дарахтони мазкур азбаски ба тайёркунии ашёҳои хурд созгоранд, ба ин мақсадҳо чӯби сифатнок ба ҳисоб мераванд. Шикастҳое, ки зараркунандагон расондаанд, ҳамчунин нуқсонҳои табиие, ки ҳангоми дар даври хушконидан ва нигоҳ доштани чӯб,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

боз ҳар гунаи дигар ҳамин қабил нуқсонҳо нуқсонҳои чӯб ба ҳисоб мераванд. Занбӯруғи чӯб, гамбускҳои чӯбхӯр, ҳамчунин ғамбускҳои чӯбхоянда аз ҷумлаи заракунандагони чӯб, зарарасони дарахтони сабзанда ва ашёҳои чӯбин мебошанд. Занбӯруғҳои чӯб қисми чӯбини дарахтон, алалхусус, мағз, ҳамчунин ҳар гуна ускунаҳои чӯбинро мепӯсонанд. Тағйиротҳои ба амал омада, ки дар натиҷаи зарарасонии онҳо ба ҷойҳои гуногуни танаи чӯб сар мезананд, дар расми 36 нишон дода шудааст.

Бар зидди ин қабил зараркунандагони чӯб бо кӯмаки моддаҳои гуногуни кимиёвӣ мубориза мебаранд.

Дар натиҷаи нодуруст хушкондан нуқсонҳои дар даври хушкондан ва нигоҳ доштани чӯб ва маводи чӯбин ҳосилшуда ҳолати кат шудан, тоб хӯрдан, кафидан, ҳамчунин дар натиҷаи дар ҷойи хушк ва шамолдиҳӣ нигоҳ надоштан ҳолати пӯсидан, дар натиҷаи ҳимоя накардан аз занбӯруғҳои чӯб, гамбускҳои чӯбхӯр ва хоянадагони чӯб ҳолати шикастёбӣ рӯй медиҳад. Барои пешгирӣ кардани ин нуқсонҳо ба қоидаҳои хушконидани чӯб ва маводи чӯбин, ҳимоя аз зараркунандагон риоя кардан лозим.




**Расми 36.** Намудҳои чашмакҳо мувофиқи ҳолати чӯб: а) чашмаки солими сафедтоб; б) чашмаки солими сиёҳтоб; в) чашмаки пӯсидаистода; г) чашмаки пӯсида; д) чашмаки пӯк.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Намудҳои чӯб бо кадом аломатҳо фарқ мекунанд?
2. Ба дарахтони сӯзанбарг мисолҳо оваред
3. Дарахтони сӯзанбарги чӯбашон мулоим кадомҳоянд?
4. Чӯби кадоме аз дарахтони баргдор мулоиманд?
5. Аз чӯбҳои сахт ва мӯрт чиҳо сохтан мумкин?

### Кори амалии мустақил

Омӯхтани хусусиятҳои умумии чӯбҳо, коршоямӣ ва корношоямиашро аниқ кардан. Муайян кардани сифати чӯб.

***Ҷиҳозот:*** Намудҳои чӯб

**Тартиби иҷрои кор**

1. Иҷро кардани машқҳо оид ба аниқкунии намудҳои чӯб аз намунаи он.
2. Мустаҳкамӣ ва ба намӣ тобоварии чӯбҳоро муайян кардан.
3. Иҷрои машқҳое, ки ба ҳолати чашмакҳои намунаҳои чӯб нигоҳ карда аниқ кардани сифат нигаронда шудаанд.
4. Ба воситаи таҳлили намунаҳои чӯб аниқ кардани аз кадом дарахтон тайёр шудани онҳо.

## 2.2. АСБОБУ АНҶОМҲО, ҶИҲОЗОТ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

### Дастгоҳи дуредгарӣ

Дар дастгоҳи дуредгарӣ ҷараёнҳои азнавкоркард ба иҷро мерасанд. Маълум аст, ки сохти дастгоҳҳои дуредгарӣ гуногунанд. Якеи он дар расми 37 нишон дода шудааст. Дастгоҳҳои дуредгарӣ гуногун бошанд ҳам, дар ҳамаашон асос чӯб ё ки фулуз (тагдори дастгоҳ) ва чӯби гирагӣ бисёр мавҷуд аст. Дар асос миз гузошта мешавад. Қисмҳои асосии миз аз дарза ва гираҳои кӯндаланг, тахтаи корӣ барои кушодани сӯрохиҳо ба мақсади гузоштани фонаҳо ва новаи ба гузоштани асбобу ускунаҳо мувофиқ иборат



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 37.** Дастгоҳи дуредгарӣ ва дар он ҷойгиршавии анҷомҳо.

аст. Дар ҳар як ҷойи корӣ асбобу анҷомҳои инфиродӣ, маводи чӯбӣ ба новаи дастгоҳ бо назардошти риоя ба қоидаҳои бехавфии техникӣ ботартиб гузошта мешаванд. Дастаи дастакҳои арраи дастӣ, ранда, искана, болға барин асбобҳоро ба коркун нигоҳ карда мегузоранд.

Аз дастгоҳ истифода бурда, ба арракунӣ маводи тахтагини аррашаванда мувофиқи дарозиву кӯтоҳӣ, сербариву камбарӣ чок ё бурида мешавад.

Анҷомҳо барои истифода аз дастгоҳ бояд дар ҳолати созгор истанд. Дар гираи дастгоҳи дуредгарӣ ҷиҳозоти мурватдор истифода мешавад (расми 38). Бо ёрии он мурват тахтачаи пахшкунандаи тобхӯ ронандаи дастгоҳ ғеҷонда ва маводи азнав-




**Расми 38.** Гираи (исканҷаи) дастгоҳи дуредгарӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

коркунанда мустаҳкам мегардад ё ки аз кор бароварда мешавад.

Баландии дастгоҳи дуредгарӣ аз фарш ба қади коркун мувофиқ омаданаш лозим. Онро ин тавр санҷидан мумкин: Дар назди истгоҳ истед ва дастонатонро ёзонда, кафтҳоятонро ба болои дастгоҳ гузоред. Агар дар ин ҳолат қадатон ё ки дастонатонро қат кардан зарур нашавад, аз ин бармеояд, ки баландии дастгоҳ дуруст гузошта шудааст.

Болои дастгоҳ шикаст нахӯрдааст, гираи мурватдор ба осонӣ бояд лағжад. Ҳангоми истифода аз дастгоҳи дуредгарӣ гираи пеш ва минбаъдаи онро аз ҳад зиёд ба берун фишор додан мумкин нест. Фонаҳоро ба хоначаҳои дастгоҳ танҳо бо болғаи чӯбин гузоштан лозим аст. Сарпӯши дастгоҳро аз шикастёбии анҷомҳои буриш ва зарбзананда эмин нигоҳ доштан зарур мебошад.

## Сохту намудҳои анҷомҳои дастӣ ва қоидаҳои истифодабарии онҳо

Анҷомҳои азнавкоркарди чӯб бо даст хеле бисёр буда, аз хусуси баъзеи онҳо сухан меронем.

Боварибахш дошта истодани ашёҳо бо гира, қисми фишордиҳандаи онҳоро деформатсия кунондан талаб карда ме-шавад. Мӯҳраи болға, босқон ва ғайра ҳамвор шуда, чу-қурча ё ки чои кафида надошта, ба дастаи мустаҳкам соҳиб буданаш лозим. Ба дастакҳои болға ва босқон намуди чӯбҳои сахту чандирро истифода мебаранд. Истифода аз дастакҳое манъ карда мешавад, ки аз чӯби мулоим, мӯрт тайёр шудаанд. Болға ва босқон суфта, буриши ҳамвор дошта, бояд тарафи истифодабариаш дар шакли ғафс бошад. Сатҳи дастак ҳамвору суфта шуда, аз дарз ба парахаҳо орӣ бошанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои минбаъда пешгирӣ кардани кафидани қисмҳои сӯҳон, искана, арра ва ҳамин қабил анҷомҳои дигар фулузот – дастакҳои ҳалқанок гузошта мешавад. Дарозии дастак ба андозаи анҷом мувофиқ омаданаш таъмин мегардад. Вазн ва андозаи анҷом ба хусусиятҳои ҷавонии донишомӯз созгор шуданаш лозим аст.

Анҷомҳои қайдшуда агар дастак надошта, дар ҳолати носоз бошанд, истифодаи он манъ карда мешавад.

Ҳангоми азнавкоркарди фулуз бо мақсади баҳра набардоштан аз шарора айнакҳои ҳимоявӣ истифода мегарданд. Устоёни истеҳсолгар бояд истифодаи айнакҳои ҳимоявиро назорат намоянд. Арраҳо бояд соз карда, чарх зада, дастакҳояшон мустаҳкам гузошта, ҳамвора тоза бошанд. Анҷомҳои рандагин ҳамвор, дорои қолибҳои тозашуда буданашон талаб карда мешавад. Қисми минбаъдаи қолиб мунча задагӣ, дастакаш ҳамвор шуданаш лозим. Қисми тарошандаи анҷоми рандакунӣ дуруст чарх зада, ба қолиб чӯб мустаҳкам ва зич ҷойгир шуда, ҷойҳои дарздошта ва чуқурчаҳо набояд бошанд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дастгоҳи дуредгарӣ ба кадом мақсад истифода мегардад?
2. Дастгоҳи дуредгарӣ аз кадом қисмҳо иборат аст?
3. Як қисми мизи дастгоҳ чаро чуқур мебошад?
4. Баландии мизи дастгоҳ бо кадом усул муайян мегардад?
5. Риоя ба қоидаҳои ба дастгоҳ дуруст гузоштани ашё ва маҳкамкунии он барои чӣ заруранд?
6. Хуб нигоҳ доштани дастгоҳ ба чӣ вобаста аст?
7. Ҳангоми кор бо анҷомҳои дастӣ барои чӣ ба қоидаҳои бехавфии техникӣ риоя кардан зарур аст?

## Кори амалии мустақил

1. Оид ба сохту қонуну қоидаҳои коркунии дастгоҳҳои дуредгарӣ тавзеҳот додан.
2. Машқ кардани усулҳои дуруст истифода бурдани дастгоҳи дуредгарӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Ҷиҳозот:*** дастгоҳи дуредгарӣ

**Тартиби иҷрои кор**

1. Барои дуруст муайян кардани мизи дастгоҳи истифодашуда дар назди дастгоҳ танаатонро дар ҳолати рост нигоҳ дошта, дастонатонро ба сӯйи сатҳи мизи дастгоҳ рост карда ба паст дароз кунед ва кафтҳои дастонро қат карда, баландиеро муайян кунед, ки ба сатҳи пурраи он расад.
2. Қоидаҳои ба дастгоҳ гузоштан ва маҳкамкуниро риоя карда, маводи коршавандаро дуруст гузоред.
3. Вазифаҳои тамоми қисми дастгоҳро ба дафтаратон нависед.
4. Ҳангоми кор бо анҷомҳои дастӣ риоя ба қоидаҳои бехавфии (бехатарии) техникиро ба дафтаратон нависед.

## Асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ

Банақшагирӣ гуфта намуди заготовкаи ашёи тайёришавандаро мувофиқи шаклу андозаи нақшаҳо бо кӯмаки асбобҳои нақшагирӣ кӯчонданро фаҳмидан лозим аст. Пеш аз тайёр кардани ягон ашё банақшагирии заготовка (маҳсулоти нимтайёр), яъне ҳадди коркарди онро бо кӯмаки нақшаҳо муайян кардан зарур мебошад. Дар дуредгарӣ хаткашаки масштабдор, гуниёи порсӣ, хаткашак барин асбобҳои назоративу ченкунӣ ва нақша-гирӣ истифода мегарданд. Банақшагирӣ бо қалам бо кӯмаки асбобҳои нақшагирӣ (хаткашаки масштабнок, гуниёи дуредгарӣ) мувофиқи нақша, ангора ва расмҳои техникӣ ба иҷро мерасад. Дар расми 39 гуниё, метри қат-шаванда ва рулетметр (лӯламетр) барин баъзе асбобҳои нақшагирӣ тасвир ёфтаанд.

**Гуниёи хаткашаки** секунҷаи дуредгарӣ барои гузарондани хатҳои нисбати якдигараш зери кунҷи рост ва хатҳои дар зери кунҷи рост ҷойгиршуда, ҳамчунин санҷидани кунҷҳои рост таъин гаштааст.

**Хаткашаки масштабнок** барои муайякунии андозаҳо ва ба заготовка гузоштани онҳо, санҷидани андозаҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 39.** Асбобҳои нақшагирӣ ва ченкунӣ.

минбаъдаи ашёи азнавкоркунанда, ҳамчунин гузарондани хатҳои рост хизмат мекунад.

**Гуниёи порсӣ.** Банақшагирии якҷоякунии қисмҳои ашё бо усули порсӣ (қисмҳои чорчӯбаи портрет, кунҷҳои чорчӯбҳои дару тиреза, карнизҳои ҷевону шкаф, умуман якҷоякунии қисмҳои гулбарорӣ бо кӯмаки рандаҳо) бо ёрии гуниёи порсӣ ба иҷро расонда мешавад. Хаткашаки гуниёи порсиро дар кунда кунҷи 45° С ҳосил карда мегузоранд.

**Хаткаш** (маркёр, олоти хаткашӣ) асбоби банақшагирист, ки барои бо андозаи аниқ арракунӣ, рандакунӣ, дар иҷрои корҳои ҳаккокӣ-сӯрохкунӣ барои кашидани хатҳои нақшавии уфуқии теғаҳои тарафҳои гуногуни маводи чӯбин истифода мегардад. Хаткашакҳо якчӯба, дучӯба ва серчӯба шуданашон мумкин аст.

Ҳангоми ба нақшагирии ашёҳои кунҷашон рост (расми 40) ба инҳо эътибори калон додан лозим аст:

**1.** Қисми сифрдори хаткашаки масштабнок дар болои хати оғозшавандаи ченкунанда истоданаш лозим аст.

**2.** Ҳангоми ченкунӣ нисбати хати оғози ченкунӣ ба нодуруст истодани хаткашак набояд роҳ дод.

Банақшагирӣ ҷараёни масъулиятнок мебошад. Сифати ашёи тайёршаванда ба дақиқ иҷро кардани нақшагирӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳангоми нақшагирӣ ниҳоят



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 40.** Ба нақшагирии ашё бо кӯмаки хаткашаки масштабнок: а) ченкунии бари ашё; б) гузарондани хати нақша.

эхтиёткор бояд шуд. Нақшагирӣ дар болои дастгоҳ ё ки миз бо қалам, хаткашак, гуниё ба иҷро мерасад. Ҳангоми нақшагирӣ ба тартиби зерин риоя кардан шарт аст:

Аввало тарафи ҳамвори заготовка интихобу тайёр карда мешавад ва аз он эътиборан тамоми андозаҳо, ҳамчунин хатҳо муайян мегарданд. Ана ҳамин ҷониб тарафи пойгоҳ номида мешавад. Барои сарфакорона истифода бурдани чӯб аз заготовкаи мазкур мумкин будани тайёркунии хеле миқдор ашё бо назардошти коркарди омехтаи дахлдор ҳисобу китоб карда мешавад. Бо мақсади ба андозаи ашёи тайёр овардани заготовка он аз нав кор карда шуда, бо кӯмаки анҷоми бурранда қабати маълуми чӯбро гирифта мепартоянд. Ана ҳамин қабат бағала номида мешавад. Барои гузарондани хати рост дар заготовка саравввал аз ҷониби база бо хат фосилаи дахлдор чен карда, 2–3 аломат гузошта мешавад (расми 41). Сипас хаткашакро ба болои ана ҳамин аломатҳо гузошта, бо дасти чап пахш карда бо қалам хати ангора мекашанд. Бо ёрии кунҷак гузарондани хат бошад, асоси онро ба теғаи базаи заготовка мегузоранд ва бо дасти рост қаламро тарафи рост пахш карда мекашанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 41.** Бо ёрии кунҷак гузарондани хатҳо.

Ба ҷумлаи асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ хаткашакҳо, метр, рулетметр, гуниё, транспортири хаткаш ва андозаҳои ченкунӣ медароянд. Хаткашакҳо аз чӯб, фулуз, қатрон (пластмасса) ё ки дигар мавод бо дарозии аз чанд сантиметр то як метр баробари ҳолати тақсимкунӣ ба миллиметрҳо омода мешаванд. Онҳо барои санҷидани ченкунии дақиқ то миллиметрҳо, кашидани хати рости зарурӣ будани тегаҳои чӯб дар шакли хати рост истифода мешаванд. Хатҳои дарозиашон 100 сантиметр метр номида мешавад. Барои гирифта гаштан ва нигоҳдорӣ созгор будан аз асбобҳои ченкунии шакли печон истифода мебаранд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ченкунӣ чист? Асбобҳои ченкунӣ кадомҳоянд?
2. Нақшагирӣ чист? Кадомҳо анҷомҳои нақшагирианд?
3. Хатҳо барои чӣ истифода мегарданд?
4. Андозаҳои ченкунӣ барои чӣ кор фармуда мешаванд?
5. Андозаҳои нақшагирӣ барои чӣ истифода мегарданд?
6. Хаткашак барои чӣ кор фармуда мешавад?

## Кори амалии мустақил

Машққунии кори ускунаҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ.

***Ҷиҳозот:*** Асбобу ускунаҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Тартиби ичрои кор**

1. Бо ёрии хаткашаки масштабдор машққунии кори нақшагирии ашёҳо.
2. Бо ёрии кунҷак (гунийёи дуредгарӣ) ба ичро расондани корҳои нақшагирӣ.
3. Бо ёрии хаткашак дар як вақт машққунии кашидани якчанд хатҳои мувозӣ.
4. Бо ёрии паргор кашидани давраҳои гуногун, камонҳои доира, ҳамчунин ичрои машқи ченкунии дарозӣ.

## Намудҳои арраҳо ва қоидаҳои арракунӣ

Арракунии чӯб чараёни бо ёрии асбоби буриш ба ду қисм чудокунии заготовка аст. Барои бо даст арра кардан аз арраҳои гуногуни дуредгарӣ истифода мебаранд (расми 42).

Барои чӯбро ба қад, кӯндаланг, ду тараф буридан арраҳои махсус мавҷуданд.

Ҳангоми истифодабарии арраи камонӣ барои таранг нигоҳ доштани танаи он чилбури даврзанандаи таёқчаи тобдодаи аз даруни чилбур гузаштаро таранг кардан зарур аст (расми 43).

Дандонаи арраи дастакдор майдаву калон мешавад. Ҳангоми арракунӣ полотнои арра ба канораи қисмҳои чудошавандаи чӯб сахт соиш дода, барои пахш накардани




**Расми 42.** Сохти арра: 1. Полотно; 2. Дастакаш.




**Расми 43.** Арраи камонӣ: 1 – Танаи арра; 2 – Гӯшак; 3 – Дастак; 4 – Чанбарак; 5 – Чилбур.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 44.** Чапу ростии дандонаки арра.



**Расми 45.** Чараёни арракунӣ.



**Расми 46.** Гузоштани хати нақшагирӣ.

он дандонаҳояшон чапу рост, яъне бо навбат ба ду тараф кач карда шудаанд (расми 44). Барои ҳамин ҳам ҷойи арра аз ғафсии полотно васеътар мешавад ва арракунӣ ба осонӣ мекӯчад (расми 45).

Ҳангоми буридани заготовка арра аз хати нақшагирӣ 2–3 мм дур гузошта мешавад.

Полотнои дастакро нисбати рӯйи заготовка дар зери кунҷак рост лағжондан лозим. Арракунии дуруст мувофиқи хати нақша назорат карда мешавад. Ана ҳамин хат аз ҷойи арракунии заготовка дар тарафи чап монданаш зарур аст. Арракунии чӯб аз онро каме бурида гирифтан оғоз меёбад.

Ҳаракати аввалини арраи дастӣ дар зери кунҷи 20° С бо ба сӯйи худ кашидани иҷрогар ба амал баровварда мешавад. Баъд бо ҳаракатҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ ҷойи арракунӣ чуқуртар меравад. Ҳангоми арракунӣ барои ҷароҳат набардоштани дасте, ки заготовкаро дошта меистад, ба хати нақшагирӣ чун расми 46 чӯб гузоштан лозим. Дар ана ҳамин расм чӣ тавр дуруст доштани арра ҳам акс ёфтааст. Баъди он ки заготовка каме харошида мешавад, арра бо тамоми қад ба ҳаракат медароянд.

Заготовкаро бо дасти чап дар фосилаи аз ҳама кам 10 мм дошта истодан лозим аст. Ҳангоми кор полотнои арра нисбати заготовка маҳз дар ҳолати мутавозӣ (перпендикуляр) ҳаракат менамояд. Ҳамчунин, ба хати нақ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 47.** Моилии арра ҳангоми буридани фанер (а) ва чӯб (б).

шагирӣ ҳам нигоҳ кардан зарур меояд. Хати мазкур дар тарафи чапи ҷӯяи арра монданаш лозим. Барои чӯбро бурида фуровардан ба он арраро сахт зер накардан лозим, чунки дар ин ҳолат арра аз хати нақшавӣ лағжида рафтанаш мумкин аст. Суръати арракунӣ дар як дақиқа аз 40–50 маротиба буриши дуҷониба набояд зиёд гардад. Барои заготовкаро аз чӯб (расми 47, б) ё ки фанер (расми 47, а) аниқ бурида гирифтан аз арраи дандонашон майда истифода мебаранд. Барои заготовкаро дар зери кунҷакҳои 90° ва 45° аниқ буридан аз ҷиҳозоте истифода мебаранд, ки порсиқолиб меноманд (расми 48). Ҷиҳози мазкур аз ду болорча ва асос иборат буда, дар болорчаҳо барои дар зери кунҷҳои 90° ва 45° буридан ҷӯяҳои арра кушода шудаанд. Ҳангоми бо ёрии қолиби порсӣ арракунӣ заготовка бо сарангушти дасти чап ба болорчаи паҳлӯ зер карда ва хати нақшагирӣ дар рӯбарӯйи ҷӯяи арраи қолиби порсӣ буданаш мушоҳида гардидааст. Ҳангоми арракунӣ барои осон кардани кор бисёр вақт тахтаи тагдор истифода мешавад (расми 49).

Корҳои арракунии чӯб дар корхонаҳои азнавкоркарди чӯб бо дастгоҳҳои аррагини кулӯла ва миношакл иҷро мегардад ва дастгоҳҳои мазкур ҳосилнокии меҳнат, ҳамчунин сифати корро нисбати арраҳои дастӣ даҳҳо маротиба зиёд мекунанд. Коргаре, ки ана ҳамин корҳоро ба иҷро мерасонад, дастгоҳчӣ номида мешавад. Дастгоҳ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 48.** Арракунӣ дар қолиби порсӣ.




**Расми 49.** Кор бо тахтаи тагдор.

гарро дар корхонаҳои таълимӣ-истеҳсолии коргарон, коллеҷҳои касбу ҳунар ва дар худи истеҳсолот бевосита тайёр мекунанд Ҳангоми арракунӣ барои бехавф кор кардан:

1. Пеш аз ҳама заготовкаро мустаҳкам карда гузоштан зарур аст.
2. Дандонаҳои арраро бо ангуштони даст рост кардан мумкин нест. Дар ин ҳолат аз тахтача ё ки такягоҳҳои махсус истифода бурдан зарур аст.
3. Ҳангоми арракунӣ дасти чапро ба наздикии полотнои арра гузоштан нашояд.
4. Ҳангоми кор бо арра полотноро ҷунбондан ва ба қат шудани он набояд роҳ дод.
5. Сатҳи дастгоҳро бо чӯткаи ҳамвор тоза кардан лозим аст.

## Намудҳои ранда ва қоидаҳои рандакунӣ

Барои аз чӯб тайёр кардани ашё баъди бурида гирифтани маводи зарурӣ сатҳи онро тоза кардан, суфта намудан ва барои ба андозаи муайян овардан корҳои рандакунӣ ба иҷро мерасанд. Бо ин мақсад аз рандаҳои гуногун истифода мебаранд.

Рандаҳои дуредгарӣ мувофиқи вазифаашон ба мақсади



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тозакунӣ, суфтакунӣ, ҳамворкунии сатҳҳо кор фармуда мешаванд. Онҳо рандаҳои азнавкоркарди чӯб (шерхебел, тахтаранда, мушранда, ҷапсранда) ва рандаҳои махсус (рандаи закров, чокранда, рандаи конусӣ, дилакранда, рандаи чорабзол) тақсим мегарданд. **Шерхебел** (досранда) барои тозакунӣ ва бо мақсади гирифтани парохаи ғафс бо роҳи рандакунии хомакӣ истифода мегардад. Қисмҳои асосии досранда аз кунда, теғ ва фона иборат буда, дарозии кунда 250–260 мм, бараш 40–45 мм, ғафсиаш 60 мм мешавад. Бари теғ 30 мм аст, теғи буррандаи он дорои шакли камон мебошад. Он барои пароха гирифтан ва осон ранда кардан имкон медиҳад (расми 50, а).

Барои сатҳҳоро суфта ранда кардан **тахтаранда** истифода мегардад. Тахтаранда аз досранда бо сербарии кунда ва рост будани теғаш фарқ мекунад. Бари тахтаранда 55–60 мм, бари теғаш 45–50 мм мешавад. Бо мақсади суфта ранда кардани сатҳҳо бо ёрии ин ранда теғро ба пароха мувофиқ карда гирифтан аз кунда алоқадор кам баровварда




**Расми 50.** Намудҳои ранда: а) досранда; б) тахтаранда; в) мушранда: 1 фона, 2 кунда, 3 теғ; 4 кунчи оҳанин. г) теғи пуштакдор; д) ҷапсранда: 1 теғ; 2 – пуштак; 3 – дона; 4 – дастак; 5 – тугмаи болғакунӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мешавад. Параха ғафс гирифта шавад, сатҳҳо суфта намебароянд (расми 50, б)

**Мушранда.** Аз ҷиҳати сохт аз тахтаранда фарқе надорад. Дар теғи мушранда пуштаки оҳанин иловагӣ буда, он вазифаи шикастани парахаро ба ҷо меоварад. Аз ин рӯ, пуштаки оҳанин ба қуллаи буридаи теғ наздик шинонда мешавад. Агар ҳамин тавр гузошта шавад парахаи аз теғ баромадаро филфавр қат карда мешиканад ва рандакуниро осон мегардонад (расми 50, в, расми 51)




**Расми 51.** Сохти ранда.

**Ҷапсранда.** Тахта бо ёрии ранда ва мушранда кор карда, сатҳи тахтаҳои дароз ва ғафс суфта гарданд ҳам, бо онҳо ҳамвор ранда карда намешавад. Сатҳҳои мазкур бо ҷапсранда ранда гардида, ҳамвор мешавад. Кундаи ҷапсранда дароз (700–800 мм), бараш (70–80 мм), бари теғаш 55–60 мм аст (расми 50, д).

Мувофиқи вазифаҳояшон теғҳои рандаҳо ҳам ҳар хел мешаванд. Масалан, теғи рандаи ба тозакунӣ мансуб мувофиқи хати рост чарх зада, теғи мушрандаи рандакунии дағал бошад, бебар ва каме кулӯла аст. Сохти ранда дар расмҳои 50 ва 51 нишон дода шудааст. Дами теғи рост гузошта кач накарда ҷойгир мешавад ва аз зери кунда (теғи ҷапсранда 1–3 мм, теғи тахтарандаҳо 0,1–0,3 мм) баромада меистанд.

Мувофиқи чӣ гуна будани ашёҳои азнавкоркард бо ҳар хел роҳ мустаҳкам карда шуданашон мумкин: масалан:

а) бо ёрии исканҷаи дастгоҳ;

б) бо ёрии шонаманаҳ ва мехи чӯбин.

Ҳангоми рандакунӣ ба дуруст доштани анҷом ва дар ҳоли зарурӣ нигоҳ доштани танаро бояд ҷиддӣ риоя



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 52.** Ба самт ҳаракат кунондани ранда бояд ба дастгоҳ мустаҳкам гардад.

намуд. Ҳангоми рандакунӣ дастонро мувофиқи қаду баст дароз карда, ранда бо қувва ба пеш равона мегардад (расми 52). Баробари оғози ба самт нигарондани ранда аз пеши он бо дасти чап, аз қафояш бо дасти рост маҳкамтар доштан лозим (расми 53).

Суфтагии сатҳи рандашуда бо хаткашак (расми 54, а) ё ки гузоштани гуниё (расми 54, б) санҷида мешавад.

Ҳангоми рандакунӣ сӯрохиҳои маводтозакунии он дар вақт-вақташ тоза карда, барои ин онҳо кашида гирифта ё ки бо параха аз тарафи фона тела дода мешавад. Дар корхонаҳои азнавкоркарди чӯб ва истеҳсоли мебел корҳои рандакуниро дуредгарон, чӯбкорон – дастгоҳчиёне, ки дар дастгоҳҳои арраву рандакунӣ кор мекунанд, иҷро менамоянд.



**Расми 53.** Ҳаракати даст ҳангоми рандакунӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 54.** Санҷидани ҳамвории сатҳҳо бо хаткашак (а) ё ки гуниё (б).

Ана ҳамин коргарон бояд сохти асбобу дастгоҳҳои рандакуниро хуб донанд, росту созкуниашро бидонанд, намуду хусусиятҳои чӯбро хуб фаҳманд, нақшаҳо, ангораҳо, расмҳои техникиро хонда тавонанд.

Барои бехавф кор кардан ҳангоми рандакунӣ:

**1.** Пеш аз рандакунӣ соз будани рандаҳоро санҷидан.

**2.** Пеш аз рандакунӣ заготовкаро ба дастгоҳ маҳкам гузоштан.

**3.** Ҳангоми корфармоии ранда бо дасти рост фона ва оҳани онро якҷоя доштан лозим аст.

**4.** Сифати сатҳҳои коркард ва тезии теғро бо даст палмосида насанҷидан зарур аст.

**5.** Ҳангоми кор таҳмондаҳоро аз зери асбоб тоза кардан лозим меояд.

**6.** Барои пешгирии захмнабардорӣ ҳангоми танаффус рандаҳоро ба паҳлӯ хобонда, теғашро ба дигар тараф нигаронда мондан зарур аст.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Барои арракунии чӯб чӣ гуна арраҳо истифода мегарданд?
2. Арраҳо аз ҳамдигар бо кадом аломатҳо фарқ мекунанд?
3. Кадом намудҳои арраҳои дастӣ мавҷуданд?
4. Бо арраҳои дукаса кадом корҳо ба иҷро мерасанд?
5. Арраҳо мувофиқи вазифаашон ба кадом намудҳо тақсим мешаванд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

6. Ҳангоми арракунӣ бояд ба кадом қоидаҳои бехавфӣ риоя намуд?
7. Ба воситаи рандакунӣ чӯб чӣ тавр аз нав кор карда мешавад?
8. Рандаҳо мувофиқи сохт ба кадом намудҳо тақсим мегарданд?

### Кори амалии мустақил

1. Ба кадом корҳо истифода шудани арраҳои гуногуни устохонаҳоро муайян кунед.
2. Бо порчаи чӯб дуруст иҷро шудани ҳар гуна корҳои арракунӣ ва рандакуниро машқ кунед.
3. Машқҳои дуруст кор кардан бо рандаҳоро иҷро намоед.

***Ҷиҳозот:*** Намунаҳои чӯб барои арракунӣ ва рандакунӣ.

## Исканаҳо ва намудҳои онҳо. Табарҳо

Мувофиқи вазифа исканаҳои дуредгарӣ ба тарошанда, ҳаккокӣ ва навагӣ тақсим мегарданд (расми 55, а, б, в).

Бо ёрии исканаҳои тарошанда бо роҳи тарошидан ба каноран тахтаҳо фаска бароварда, нохунҳо рост карда, сӯрохӣ, хоначаҳо тарошида, васеъ карда мешаванд. Ҳамчунин тахтаҳои мулоиму борик ҳаккокӣ карда сӯрох мегарданд.

Корҳои кандакориву сӯрохкунии чӯбҳои ғафсу сахт ҳама вақт бо кӯмаки исканаҳои ҳаккокӣ ба иҷро мерасанд.

Исканаҳои тарошанда борик, исканаҳои ҳаккокӣ ғафс мешаванд. Аз он қатъи назар бари онҳо дар андозаҳои




**Расми 55.** Исканаҳои дуредгарӣ: а) ҳаккокӣ; б) тарошандагӣ; в) навагӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гуногун тайёр мегарданд. Исканаҳо яктарафа чарх зада мешаванд. Кунҷи тезии (чархнокии) исканаҳои тарошанда 18–35°, аз они исканаҳои ҳаккокӣ дар атрофи 25–30° мешавад.

Дастакҳои исканаҳо аз заранг, олаш, санавбар, чормағз барин дарахтони чӯбашон сахт тайёр карда, ба нӯгаш ҳалқаи фулузӣ пӯшонда мешавад. Ҳангоми тайёр кардани дастакҳои исканаҳо аз қатронҳо (пластмассаҳо) истифода мебаранд. Ҳангоми кор бо искана бо мақсади нарасондани шикаст ба дастгоҳ ба зери ашёи азнавкоркунанда тахтаи эҳтиётӣ мегузоранд.

Бо табар чӯб пора карда, дар он сӯрохӣ, ҷӯяҳо кушода ва ба баъзе ҷузъҳои конструксияҳои чӯб мувофиқ мегарданд. Бо табар чӯбро кафондан, пора кардан ва тарошидан мумкин аст (расми 56).

Бо табар ба наххои чӯб кӯндаланг зада, он пора карда шавад, ҷараёни мазкур буридан номида мешавад. Ҳангоми буридан бо табар ба наххо дар самти кӯндаланг зарба зада ва он бурида мешавад. Ғӯлачӯбҳо одатан як, ду, се, чор теғадор ва дар шакли кулӯла аз нав кор карда мешаванд.




**Расми 56.** Ҷойгиршавии теғи табар нисбати дастак: а) дар зери кунҷи рост (барои кафондани чӯб); б) дар зери кунҷи тез (барои пора кардани шоху шохчаҳо); в) дар зери кунҷи кунд (барои каме пора кардани дарахт).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Исканаҳо ба кадом намудҳо тақсим мегарданд?
2. Бо исканаҳои ҳаккокӣ чӣ гуна корҳо ба иҷро мерасанд?
3. Теғи исканаҳои тарошанда дар кадом шаклҳо мешаванд?
4. Бо исканаҳои бурранда чӣ гуна корҳоро иҷро мекунанд?
5. Ҳангоми кор бо искана бояд кадом қоидаҳои бехавфиро риоя намуд?
6. Дар бораи вазифа ва намудҳои табар дар дуредгарӣ чиҳоро медонед?

## Кори амалии мустақил

Машқҳои бо искана амалӣ гардондани корҳоро дар чӯбҳои гуногун иҷро кунед.

***Ҷиҳозот:*** Исканаҳо ва табарҳо.

## Болғаҳо ва намудҳои онҳо

Ҳангоми ҷамъ овардани қисмҳои чӯб бо кӯмаки исканаҳо дар иҷрои корҳои пармакуниву сӯрохкунӣ болғаҳои дуредгарӣ ва болғаҳои чӯбин истифода мегарданд. **Болғаҳои дуредгарӣ** дар шакли квадрат мӯҳраи доиравӣ шуда, қисми дохилиашон дар намуди гуногун мешавад (расми 57, а, б). Қисми дохилии баъзе болғаҳо ба канда гирифтани мех мувофиқ гардидаанд.

Дар ҳолатҳои васлкуниву ҷафскунии қисмҳои чӯб бо мақсади ғиҷим нашудани сатҳе, ки бо болға зада мешавад,




**Расми 57.** Болғаҳои дуредгарӣ ва болғаҳои чӯбин: а) мӯҳраи квадрат; б) болғаи мӯҳраашон доиравӣ; в) болғаҳои чӯбин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба болои онҳо тахтаи эҳтиётиро аз чӯби сахт мегузоранд. Барои васлкунии қисмҳо бо роҳи кӯфтани мех бояд ба сатҳ рост зада, ба қату ғичим нашудани чӯбҳо аҳамият додан лозим. Сараки мех бо болға ба чӯб чуқур зада нашуда, балки ба болои он сумба гузошта кӯфта мешавад. Дар акси ҳол дар оқибати ноҳамвор фуромадани болға сатҳи чӯб носуфта мешавад.

Ҳангоми иҷрои корҳои ҳаккокиву сӯрохкунӣ бо искана бо мақсади суфта шудани дастак ба ҷойи болға аз болғаҳои чӯбин истифода бурдан маъқул аст (расми 57, в). Мӯҳраи болғаи чӯбин бузург ва ҳамвор буда, дастаки искана, сатҳи чӯбро суфта намекунад, бо ёрии он болғазанӣ созгортар аст. Донишомӯзон ҳангоми иҷрои корҳои ҳаккокиву сӯрохкунӣ бо мақсади зада нагирифтани дасташон чашмонашонро аз дастак канда намекунанд, ба теғ эътибор намедиҳанд. Оқибат искана аз нақша берун баромада чӯбро мешикофад. Аз ин рӯ, ҳангоми васлкунии ашёҳо таъмини якҷоякунии қисмҳо, кор бо исканаҳо болғаҳои чӯбинро истифода мебаранд.

Болғаҳои чӯбин аз чӯби сахти санавбар, чанор, ақоқиё, тут барин дарахтон ранда ё ки дар дастгоҳи харротии чӯбкоркунӣ ҳаккокӣ карда тайёр мешавад.

Бо болғаҳои фӯлодин ва пластикӣ, болғаҳои чӯбин дар боби технологияи коркарди фулуз шинос шудаед.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Бо болғаҳо кадом корҳо иҷро мешаванд?
2. Болға аз кадом қисмҳо иборат аст?
3. Болғаҳо аз рӯйи вазнашон ба кадом намудҳо тақсим мешаванд?
4. Бо болғаҳои чӯбин ва қатронӣ кадом корҳо ба иҷро мерасанд?
5. Ҳангоми кор бо болға ва болғачаҳои чӯбин ба кадом қоидаҳои бехавфӣ риоя кардан шарт аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Кори амалии мустақил

Омӯхтани ҳаккокикунии чӯб.

### Тартиби иҷрои кор

Дар асоси харитаи технологӣ омӯхтани иҷрои ҷараёнҳои нақшагирӣ, арракунӣ, рандакунии чӯб (расми 58).

***Ҷиҳозот:*** Болғаҳои чӯбин, исканаҳо, асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ.




| № | | Мазмуни кор | Олоти кор |
|---|---|---|---|
| 1 |   | Интихоб, ченкунӣ, рандакунӣ, пармакунии ашёи хом |  |
| 2 |   | Ченкунӣ, рандакунӣ, арракунӣ |  |
| 3 |   | Ченкунӣ, рандакунӣ, арракунӣ |  |
| 4 |   | Ченкунӣ, рандакунӣ, арракунӣ |  |
| 5 |  | Ҷилбуру пардоздиҳии ашё |   |

**Расми 58.** Харитаи технологии кандакории чӯб.

## Сохт ва намудҳои сӯхон

**Сӯҳонҳо** ҳам анҷоми бурранда ба ҳисоб меравад. Андо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

заву шакли онҳо якхела буда, ҳамчунин аз рахчаҳо, сабика ва ё хатҳое иборатанд, ки дар сатҳи чӯб дандонаҳо канда шудаанд. Сӯҳонҳо мувофиқи таъинот, шакли дандонаҳо, чӣ тавр ҷойгиршавӣ ва андозаашон гуногун мешаванд. Сӯҳонҳо дар шаклҳои ҳамвор, квадрат, сетеға, кулӯла тайёр мешаванд. Мувофиқи шаклашон дар сӯҳонкунӣ истифода мебаранд. Дар айни вақт таъкид кардан лозим аст, ки бо кӯмаки сӯҳонҳо то ҳолати ҳамвории дағал тоза ва майин коркард гузаронда мешавад. Бо сӯ-ҳон боқимондаи хурди заготовка гирифта партофта, баъди он ашё ба андозаву шакли аниқи дар нақша нишондодашуда молик мегардад. Мувофиқи бузургии дандонаҳо ва адади 10 мм-раи дарозии қисми кор сӯҳонҳо ба намудҳои зерин тақсим мегарданд: сӯҳонҳои дағали 5–12 дандонадор сараввал бо коркарди хомакии сатҳи заготовка истифода мегардад. Ғунҷоиши сӯҳони обутобёфта зич (сахт), хокистарранги хираи махмалшакл шуданаш лозим. Аз онҳо асбобҳои гуногуни абразивӣ тайёр мегарданд, ки барои чархкунӣ, буридан ва чилбуркунӣ истифода мегарданд. Дар расми 59 намуди умумӣ ва ҷӯяҳои сӯҳон тасвир ёфтааст. Ғабар-ғубури дар байни ҷӯяҳои сӯҳон ҳосилшуда дандонаи он ба ҳисоб рафта, онҳо дар шакли фона мешаванд.




**Расми 59.** Сӯҳонҳо: а) сохт; б) яктеғадор; в) дутеғадор; г) теғаи нуқтавӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Сӯҳонҳо аз пӯлоди асбобсозӣ сохта мешаванд Онҳо аз якдигар бо шакли порчаи кӯндаланг, намуди ғабар-ғубур, адади баландиҳои якто воҳиди дарозӣ дошта ва дарозии қисми корӣ фарқ мекунанд.

Ҳангоми кор сӯҳон ба пасу пеш ҳаракат кунонда мешавад ва ба пеш ҳаракат кардани он гашти корӣ, ба пас ҳаракат кардан гашти салтӣ мешавад. Ҳангоми ҷараёни корбарӣ асбоб ба заготовка зер карда ва гашти салтӣ пахш намегардад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Сӯҳонкунӣ гуфта чӣ фаҳмида мешавад?
2. Дандонаҳои сӯҳон дар кадом намуд аст?
3. Ба коркарди хомакии ашё чӣ гуна сӯҳонҳои дандонадор истифода мегарданд?
4. Кадом сатҳҳо сатҳҳои каҷи рахдор номида мешаванд?
5. Сатҳҳои чашмакдор ва лӯндагин бо кадом сӯҳон кор карда мешаванд?

### Кори амалии мустақил

Бо сӯҳони мухталиф машқҳои суфтакуниро ба иҷро расонед.
***Ҷиҳозот:*** Заготовка, сӯҳонҳо ва дастгоҳҳо.

## Сохт ва намудҳои коғазҳои ҷилбур (сунбода)

**Коркарди ҷилбурии сатҳҳо.** Пеш аз пардоздиҳии сатҳҳо бо ҷилбур соиш дода, хати росташро хуб ва тоза кардан лозим аст. Теғҳои тез, ҳамчунин кунҷакҳояшро сӯҳон зада, баъди он бо ҷилбур коркард гузарондан лозим меояд.

Як тарафи ҷилбур аз газвори риштагин ё ки коғази ғафс иборат буда, минералҳои сахти майда ё ки хокистари шиша ба он бо ширеш часпонда шудаанд. Онҳо дар навбати худ мувофиқи бузургии донҳо ба ҷилбурҳои дағал (№ 6, № 5, № 4), миёна (№ 3, № 2), майда (№1, № 0), пардоздиҳӣ (№ 00, Ld000) тақсим мегарданд. Ҳангоми пардоздиҳии сатҳҳо бо ҷилбур ҷӯби махсус лозим аст ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мебояд чилбур ба онҳо бо меххо маҳкам карда шавад. Узвҳои хурди чӯб бо усули дигар аз нав кор мегарданд. Чилбур ба тахтаи сатҳаш ҳамвор гузошта, деталро, ки кор карда мешавад, ба ҳамин тахта мегузоранд ва ба самтҳои гуногун соиш медиҳанд.

Гул баровардан ба сатҳи детали ашё бо андозаи ҳаккокии пештар тайёршуда усули аз ҳама мақбули ичрои он аст.

## 2.3. МОШИНА, ЧИҲОЗОТ, ДАСТГОҲҲО ВА КОР БО ОНҲО

### Дастгоҳҳои азнавкоркарди чӯб ва мафҳум дар бораи сохти онҳо

Дар устохонаи дуредгарии мактаб дар аксар ҳолат дастгоҳи харротии азнавкоркарди чӯби тамғаи СТД – 120 гузошта мешавад.

Бо ёрии дастгоҳҳои харротии азнавкоркарди чӯб аз маводи чӯбин деталҳо, ашёҳои шаклдор омода мегарданд, ки дорои ҳар гуна сатҳҳои даврзанӣ мебошанд.

Узвҳои асосии дастгоҳи харротии азнавкоркарди чӯби навъи СТД синча1, сарраки пеш 2, сарраки қафо 3, тиргак 4, чиҳозоти ҳаккокӣ 5 ҳам буда, бо ёрии он корҳои ҳаккокӣ, сӯрохикунӣ ба ичро мерасанд (расми 60).

**Синча** узви такягоҳӣ – дорандаи дастгоҳ буда, дар саросари он сарраки қафо ва тиргак (танба) дар самти даста мегечад.



**Расми 60.** Дастгоҳи харротии СТД-120



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Сарраки пеш** маводи чӯбини азнавкоркунандаро дошта меистад ва онро ба ҳаракати давродавр меоварад. Ба меҳвари сарраки пеш шкифи зинадор пӯшонда шуда, ба он ба воситаи тасма аз муҳаррики баркӣ ҳаракат пешкаш мегардад. Бо роҳи ивазкунии тасма дар зинаҳои гуногуни шкив ададИ давродаврии мурват тағйир дода мешаванд.

**Сарраки қафо** имконияти дар марказ дошта истодани чӯби андозааш дароз ва гузоштани бурранда (парма)-ро медиҳад.

Ҳангоми пармакунӣ, буридан бо мақсади дошта истодани исканаҳо аз тиргак (танба) истифода мебаранд. Мувофиқи андозаи чӯби азнавкоркунанда ва ба он чӣ тавр коркардро раво дидан, тиргак ба мурват дар ҳолати мувозӣ ё ки кӯндаланг ба синҷа гузошта мешавад.

Тиргак ҳама вақт ба марказ мувофиқ шуда, ба чӯби азнавкоркардашаванда наздик ҷойгир карда мешавад.

**Сарраки** (бабкаи) қафо ва тиргак саросари сафарбаркунандаҳои синҷа нисбати қаппаки пеш баъди ба масофаи зарурӣ ғеҷондан бо кӯмаки ғалака (болт)-и кашанда ба синҷа наҷунбонда маҳкам мегардад. Дар дастгоҳҳои харротии азнавкоркарди чӯб корҳои пармаву буридан бо кӯмаки исканаҳои махсуси харротӣ ба иҷро мерасанд. Ҳангоми кор дар дастгоҳи харротии азнав-коркарди чӯб ба қоидаҳои зерини бехавфӣ амал кардан лозим аст:

**1.** Ҳама вақт ба дуруст давр задани навард (шпиндел) (бо одами коркунанда нигоҳ карда) эътибор дода мешавад.

**2.** Чӯби аз нав коркардаистодаро ба марказ ва байни вилка (чангак), патронҳо, планшайба маҳкам гузоштан лозим аст.

**3.** Ҳангоми даврзании навард байни чангак ва марказ чӯб набояд ҷойгир карда шавад.

**4.** Ҳангоми кор ҳама вақт тиргакро ба марказ мувофиқ намуда, ба чӯб наздик ҷойгир сохтан лозим. Барои он дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

давоми пармакунӣ дар вақт-вақташ тиргак ба чӯб наздик карда, ғеҷонда мешавад.

**5.** Ҳангоми кор қаппаки қафо ва синҷаро бо самтҳояш маҳкам карда баста гузоштан лозим аст.

**6.** Дастгоҳро аз кор бознадошта суфтагии сатҳро бо даст санҷидан мумкин нест.

**7.** Ҳангоми кор ба чашм гирифтани айнаки ҳимоявӣ талаб карда мешавад.

## 2.4. ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТ

### Тайёркунии деталҳои ашёҳои дуредгарӣ

Ашёҳои хонаву ҷойи аз чӯб тайёршаванда ҳархела буда, намудҳои асосии онҳо аз ашёҳои ошхона, меҳмонхона, хобгоҳ, ҳамчунин аз қисмҳои чӯбини асбобу ашёҳои мухталифи рӯзғор иборатанд. Ҳангоми тайёркунии ҳар як намуди ашёи хонаву рӯзгор мувофиқи ичрои вазифа аз кадом намуди чӯб тайёр кардани онҳо муайян карда мешавад. Дар ин боб асосан сахтии моводи чӯбини истифодашуда, ҳамчунин дар ҷараёни истифодабарӣ тобоварии онҳо ба рӯй додани ҳар гуна таъсиротро ба ҳисоб мегиранд. Тахтаи резакунии сабзавот, ки аз ҷумлаи ашёи рӯзгори шаклаш оддист, одатан аз чӯби сахтиаш дараҷаи миёна бо шаклҳои гуногун тайёр мешаванд.

Пояҳоро бо мехҳои оддӣ ё ки тобхӯранда маҳкам мекунанд, ҳамчунин ба тахтачаи махсус баровардашуда чокҳои пармагинро бо усули омезиш пайваст кардан мумкин аст. Барои тайёркунии ашёи мазкур интихоби чӯб, ба он кашидани хати нақшагирӣ, арракунӣ, рандакунӣ, пармакунӣ, суфтакунии чилбурӣ ва корҳои пайвасткунии пойчаҳо ба ичро мерасанд. Атрофи тахтаи мазкурро бо нақшҳои гуногун оро диҳед ҳам, мешавад.

Ин қабил тахтачаҳоро дар кӯбаки девори ошхона



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 61.** Нақшаи тайёркунии тахтачаи резакунии сабзавот.

нигоҳ доштан хеле созгор аст. Қафои тахтачаҳои ба кӯбакҳо овезон истодаи мувофиқ бо нақшҳои зебо ё ки дигар тасвирҳо бо усули гуногун ба ҷо оварда, оро дода мешаванд. Бисёр вақт ба тахтачаҳои ин қабил зебдиҳанда поячаҳо сохта намешаванд, ҷониби орододашудаи онҳо дар ҳолати намудоршавӣ ба кӯбак овезон карда мешаванд.

## Кори амалии мустақил

Дар асоси нақшаи расми 61 «Тахтачаи резакунии сабзавот»-ро омода созед.

### Тартиби иҷрои кор

1. Нақшаи «Тахтачаи резакунии сабзавот»-ро мекашанд.
2. Ба воситаи ин нақша сохтани ашё омӯхта мешавад.
3. Ҷойи кор омода гардида, ба сохтани ашё шурӯъ менамоянд.
4. Мувофиқи нақша корҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ пеш бурда мешаванд.
5. Корҳои рандакунӣ, буридан, сӯҳонкунӣ ва пардозгарӣ пай дар ҳам ба иҷро мерасанд.
6. Ба иҷрои ҷараёнҳои мураккаби кор аз омӯзгор ёрӣ гирифта мешавад.

***Ҷиҳозот:*** арра, ранда, сӯҳон, коғази ҷилбур, ҳамчунин асбобҳои ченкунӣ ва банақшагирӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Маълумот дар бораи пайвастагиҳои дуредгарӣ

Дар ҳосилкунии пайвастагиҳои дуредгарӣ якчанд усули равобит (алоқа) истифода мегардад. Вобаста ба ашё аз чӣ гуна мавод тайёр шудааст ва ба кадом мақсад истифода мегардад, он чӣ гуна сифатро соҳиб аст, ашёҳо байни ҳам дар намуди оддӣ ва мураккаб пайваст мегарданд. Усулҳои бастание, ки дар ҳосил кардани пайвастагиҳо истифода мегарданд: пайвастагиҳои дастарӯй, пайвастагиҳои призматикӣ ё ки ростнохун (якнохуна ё ки бисёрнохуна), пайвастагиҳои усули порсӣ, пайвастагиҳои ҷаҳанда, пайвастагиҳои чокин, пайвастагиҳои нохундори «думи фароштурук» ва ғайра.

Пайвастагии дастарӯй усули аз ҳама оддӣ ва осони ҳосилкунии пайвастагиҳо мебошад. Усули мазкур дар корҳои сохтмон, хоҷагии гармхона дар боби бо ҳам васлкунии қисмҳои чӯб, тайёркунии рамкаҳои оддии рӯкашгардида, витринаҳо ва ғайра истифода мегардад.

Мувофиқи андозаи пайвастагӣ деталлҳо бо роҳи бо якдигар мехкӯбӣ, ёрии мехи тобхӯр, болт ё ки чангак маҳкам карда мешаванд.

Дар васлкунии дастарӯй деталҳо «Г»-шакл, «Т»-шакл рост ва «думи фароштурук» карда пайваст шуданашон мумкин аст (расми 62). Пайвастагиҳои дуредгарӣ мувофиқи усули васлкунӣ ба пайвастагиҳои дуредгарии ҷудошаванда




**Расми 62.** Васлкунии пайвастагиҳои нохунӣ: а) ростнохуна; б) нохуни «Т» шакл; в) нохуни кушод.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 63.** Нохун баровардан ва гӯш кушодан: а) харошидани нохун ва гӯш; б) буриши гӯш; в) ҳаккокии гӯш.

ва ҷудонашаванда тақсим мегарданд.

Барои ба дараҷаи зарурӣ пухтакунии пайвастагиҳо аз мех, мехи чӯбин, мехи печдор, болосохти кунҷакдор, пластинкаи дохилшаванда, болт, гайка ва пайвастагиҳои гуногуни дуредгарӣ (пайвастагиҳои нохундор, пайвастагиҳои васлгариашон дастарӯй, ниҳон, нимниҳон) ва дигар воситаҳо истифода мегарданд (расми 63). Чӯби сахт ва қайиш (чандир) мехро хуб медорад. Лекин мехро ба ин қабил чӯб кӯфтан ниҳоят душвор мебошад. Меххои печдор (тобхӯранда) дар корҳои дуредгарӣ, яъне дар гузоштани часпак (ошиқ-маъшук)-и дару тирезаҳо истифода мегарданд (расми 64). Меххои мазкур нисбати меххои оддӣ пайвастагии ниҳоят пухта ҳосил мекунад. Деталҳоро бо мехи чӯбин пайваст кардан асосан дар пайвастагиҳои поягин мавриди истифодаанд. Ғафсии меххои чӯбин то 3–12 мм мешавад. Онҳоро ба сӯрохиҳои释пармагардида ширеш карда мекӯбанд. Барои начунбидани (бозӣ накардан) пайвастагиҳои кунҷакҳои ашёҳои пармагардида бо




**Расми 64.** Меххои печдор: а) саракҳои мех: 1 – пинҳон; 2 – нимпинҳон; 3 – нимкулӯла; б) андозаҳои меххои печдор (тобхӯранда).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

болосохти кунҷакдор, пластинкаи дохилшаванда, мехҳои тобхӯранда мустаҳкам карда мешаванд.

Ба баъзе деталҳои дуредгарии васлшаванда ва бо қувва коркунанда аз болту гайка истифода мебаранд.

## Кори амалии мустақил

Омӯзиши ҳосилкунии пайвастагиҳои «Дастарӯй».

### Тартиби иҷрои кор

Ҳосил кардани пайвастагии дуредгарии «Дастарӯй» дар асоси харитаи зерини технологӣ ба амал бароварда мешавад.

| № | Пайдарҳамии кор | Ангораи кор | Асбобҳо | | Ҷиҳозот |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ченкунӣ | корӣ | |
| 1 | Мувофиқи пайваст чӯб интихоб мегардад ва бо назардошти андозаи додашуда рандаву бурида мешавад. Баъди он корҳои зерини пайдарҳам ба иҷро мерасанд. | | | | |
| 2 | Нақшагирии пайдарҳам (2-то) |  | Хаткашак, гуниё, қалам, хаткаш | | Мизи нақшагирӣ ё ки дастгоҳ |
| 3 | Ҳосилкунии пайдарҳамӣ |  | | Арраи пармакунӣ ва буранда, исканаи кобанда | Дастгоҳ |
| 4 | Ҳосилкунии пайвастагӣ |  | | Мех, болға, мехи печдор, мурваттобак | Дастгоҳ |

***Ҷиҳозот:*** арра, ранда, сӯҳон, коғази ҷилбур, асбобҳои ченкунӣ ва банақшагирӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Пардоздиҳии рӯйи ашёҳои дуредгарӣ ва конструксиякунонии деталҳо. Ба сатҳи ашё пӯшондани қабатҳо

Маводҳои варақаи борики дар шакли қабатҳои борик аз ғӯлачӯб тарошида гирифта, **шпон (фона)** номида мешавад. Ғафсии онҳо 0,3 мм аст ва аз он зиёд намешавад. Аз болои ҳам хобондани шпонҳо, байниҳам перпендикуляр (мутавозӣ) часпондани нахҳо ҳосил шудани қабатро **фанер** меноманд. Мувофиқи усули тайёркунии фанерҳо тарошидагӣ, рандагӣ, ҳаккокӣ ва ширешкарда мешаванд. Фанери рандашуда аз ғӯлаҳои булут, чанор, чормағз, заранг, шамшод, санавбар барин дарахтҳо тайёр мешаванд. Фанерҳои мазкур аз чӯбҳои мулоими текстуравӣ ё ки тӯс сохта ва сатҳи ашё бо ДСП, яъне аз аррамайдаҳои бо роҳи пресскунӣ тайёршуда (ба сифати пардоз) рӯйкаш мегарданд. Ғафсии онҳо 0,8–1,5 мм, барашон 80 ва қадашон 1000 мм мешавад. Умуман, варақаҳои фанерӣ мувофиқи навъи андоза, усули коркард ва навъашон ҳар хел, масалан, барашон 1525, дарозиашон 1830 ва ғафсиашон то 12 мм мешавад.

Фанери ширешгардида аз 3 то 15 шпони ададашон тоқи ба ҳамдигар ширеш карда часпонанда иборат буда, бо ширеши сафедадор часпонда мешавад. Худи фанерҳо бошанд, ба ашё бо ширешҳои навъи БФ, албумин, кадеин часпонда мешаванд.

Фанерҳо мувофиқи навъҳояшон ба фанерҳои ФК ва ФБА тақсим мегарданд. Фанер маводи ду тарафаш якхелаи мустаҳкам буда, нисбати тахта камтар тоб мепартояд, ҳангоми ширеш карда часпондан ё ки бо ёрии шпилкаҳо кашида маҳкамкунӣ ҷойҳои тобпартофта рост карда мешаванд. Вай беҳуда намекафад, кафидаҳои мавҷуда ба қафо намегузарад. Азбаски фанер қайиш (чандир) аст, ба осонӣ қат мешавад ва барои кашондан ҳам созгор аст. Ана, бо ҳамин ҷиҳатҳояш аз тахтаи чӯбин бартарӣ дорад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Пардоздиҳӣ ҷараёни охирини кор буда, бо он деталҳои алоҳида ё ки умуман сатҳи ашё зеб дода, тобоварӣ ба намигарӣ афзун мегардад, барои аз ҳашаротҳо нигоҳ доштан бо ёрии асбобҳои махсус коркард мегузаронанд.

Чӯб ҳам дар зери таъсири ҳаво аз кор мебарояд. Ҳамчунин, ба он гард, шамол ва ҳашаротҳо ҳам таъсири бад мерасонанд. Баъди хушкондани чӯби нам он кач мешавад, мекафад, дар сӯрохичаҳои он гард ғун мешавад. Оқибат ашё ифлос гардида, тез вайрон мешавад. Намуди ашёи рангмолида ва локзада зебо мешавад, тоза нигоҳ доштани он ба осонӣ мекӯчад. Ин қабил ашёҳо дар шароити носозгор ҳам камтар зарар мебинанд.

Пардоздиҳӣ дорои намудҳои коркарди ҷилбурии сатҳҳо, гулдор кардани сатҳҳо, сӯзондан, рангмолӣ, локкунӣ ва рангубор мебошад. Пеш аз пардоздиҳии сатҳҳо бо ҷилбур (сунбода) соиш дода, хати рости онро хубу тоза кардан лозим аст. Теғаҳои тез ҳамчунин кунҷҳоро сӯҳон задан ва баъди он бо чилбур коркард гузарондан маъқултар аст.

**Локкунӣ ва рангубор.** Локзанӣ яке аз усули бештар паҳншудаи ялаққоскунии пардоздиҳии ашёҳои чӯбин буда, кори мазкур ба сатҳи ашё аз молидани чанд қабат лок иборат мебошад. Ҳангоми локзанӣ аз локҳои спиртӣ, равғанин ва нитролокҳо истифода мебаранд. Корҳои локзании ашё дар хонаи хушк, ҳарораташ мӯътадил, хуб шамол хӯранда, ҷойи аз майдагиҳо ва чанг орӣ ба иҷро расонданаш лозим аст. Локҳо бо чӯтка ё ки тампон (латта, дока, пахта) молида мешавад. Тампон аз як порчаи пахтае, ки намиро намегузаронад ё ки бо газвори риштагини борик печонда тайёр мегардад. Усулҳои локзании сатҳи ашё бо тампон дар расми 65 тасвир ёфтааст.

Дар пардоздиҳии сатҳи ашё рангҳои равғанин ҳам васеъ истифода мегарданд. Онҳо дар сатҳи ашё қабатеро ҳосил мекунанд, ки дорои хусусиятҳои тобоварӣ, мустаҳкамӣ, ҳимоявӣ мебошанд. Камбудии рангҳои рав-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 65.** Локзанӣ бо тампон.



**Расми 66.** Локзанӣ бо чӯтка.

ғанин хуб чило надодан ва оҳиста хушкидан аст (тахминан дар 24 соат). Сатҳи ашё, ки ранги равғанин молида мешавад, сараввал бо чилбур (сунбода) соиш дода, бояд хуб хушконида ва аз чангҳо фориғ бошад. Ба сатҳи ашё ранги равғанин бо чӯткаҳо ба як самт молида мешавад (расми 66).

Дар корхонаҳои азнавкоркарди чӯб бо корҳои пардоздиҳӣ пардозгарон машғул мешаванд. Онҳо корҳои рангмолии ашёро бо ёрии мошинаҳо ба ичро мерасонанд. Дар корхонаҳо ва устохонаҳои бадеӣ корҳои сӯзонда пардоздиҳиро коргарони махсус, наққошон ба ичро мерасонанд.

Барои бехавф кор кардан ҳангоми пардоздиҳӣ:

**1.** Дар хонаҳое, ки корҳои локзанӣ, рангмолӣ, соишдиҳӣ бо чилбур, сӯзондан амалӣ мегарданд, механизми шамолдиҳии росткунии мачро шуданаш шарт мебошад.

**2.** Ҳангоми ичрои корҳои пардоздиҳӣ алалхусус, ичрои пардоздиҳӣ бо локҳо, рангубор либосҳои махсус ва дастпӯшакҳоро пӯшидан лозим аст.

**3.** Тампон ва латтаҳои равғанрасидаро дар устохона нагузоштан лозим аст.

**4.** Ҳангоми истифодаи рангубор эҳтиёт шудан лозим аст. Онҳоро ба либос, даст ва пӯсти бадан нарасондан лозим аст.

**5.** Майдагиҳо ва хокаҳоеро, ки ҳангоми чилодиҳии сатҳи ашё ҳосил мегарданд, бо чӯткаи махсус тоза кардан лозим меояд.

**6.** Баъди анҷоми кор дастонро бо собун хуб шустан зарур мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**7.** Ҳангоми кор дастаи сӯзандори тафсонакро ба тагдори махсус гузоштан лозим меояд.

### Кори амалии мустақил

Сохтани дастаи болға

**Тартиби иҷрои кор**

**1.** Нақшаи «Дастаи болға» кашида мешавад.
**2.** Ба воситаи ин нақша ашёсозӣ омӯхта мешавад.
**3.** Ҷойи корро банд карда, ба сохтани ашё шурӯъ менамоянд.
**4.** Мувофиқи нақша корҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ ба иҷро мерасанд.
**5.** Корҳои рандакунӣ, буридан, сӯҳонзанӣ ва пардоздиҳӣ мувофиқан пайдарҳам ба иҷро мерасанд.

***Ҷиҳозот:*** арра, ранда, сунбода (коғази ҷилбур), сӯҳон, ҳамчунин асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ.

## Истифодабарии чӯб барои тайёркунии ашёҳои хонаву рӯзгор

### Кори амалии мустақил

Дар расмҳои 67–68 нақшаи «Курсӣ» ва «Либосовезак» барин ашёи хонаву рӯзгор оварда шудааст. Дар асоси ана ҳамин нақша харитаи технологии сохтани ашёро тартиб диҳед ва дар асоси харита ашёро созед.

**Тартиби иҷрои кор**

**1.** Дар асоси нақшаи «Курсӣ» ё ки «Либосовезак» харитаи технологӣ тартиб дода мешавад.
**2.** Дар асоси харитаи технологӣ ба сохтани ашё шурӯъ мекунанд.
**3.** Мувофиқи нақша корҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ ба иҷро мерасанд.
**4.** Корҳои рандакунӣ, бури-



**Расми 67.** Нақшаи тайёркунии курсӣ.



**Расми 68.** Нақшаи тайёркунии либосовезак.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дан, сӯҳонзанӣ ва пардозгарӣ мувофиқан пойдарҳам пеш бурда мешаванд.

5. Ба ичрои чараёнҳои мураккаби кор омӯзгорон кӯмак мерасонанд.

***Чиҳозот:*** арра, ранда, коғази чилбур, сӯҳон, ҳамчунин асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ.

## Ҷузъҳои (элементҳои) ҳунармандии халқие, ки дар азнавкоркарди чӯб истифода мегарданд

Санъати наққошии Осиёи Миёна аз қадим машҳури дунё аст. Биноҳои мустаҳкаме, ки дар гузашта падару бобоёнамон сохтаанд, то ҳоло мафтункории худро аз даст надодаанд. Нақшҳое, ки бо диди баланд кашида шудаанд, моро ба ҳайрат гузоштаанд. Нақшҳои миллиамон ба мазмуни ниҳоят ғанӣ соҳиб аст. Нақшаҳои аз қошуқи оддӣ, лаган, қуттича, сандуқ, гаҳвора, асбобҳои навозандагӣ, ашёи рӯзгор сар карда то девору шифтҳои истиқоматгоҳ ва биноҳои ҷамъиятӣ кашида шуда инсониятро ба ҳайрат меоварад, ӯро ба фикр кардан водор месозад. Ин нақшҳои зебо аз тарафи наққошони моҳир офарида шуда, дар давоми асрҳо бунёд гардида, ривоҷ ёфта, дар алоқамандӣ бо ривоҷи меъмориву санъати тасвирӣ такмил шуданд.

**Нақш** – калимаи арабӣ буда маънои тасвир, гулро мефаҳмонад. Нигораест, ки аз шаклу дигар ҷузъҳои маълум бо тартиби муайяни такроркунӣ ҳосил гаштааст ва ба растаниҳои табиат, паррандаву ҷонварон қиёсан кашида шудааст. Дар ганҷкорӣ, кашидадӯзӣ, зардӯзӣ, кулолгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ, бофандагӣ, панҷараҳо ва ғайра бо ҳар гуна роҳҳо нақшҳо истифода мегарданд. Дар натиҷаи рушди фарҳанг (маданият) мусаввирӣ ва наққошӣ аз ҳам ҷудо шуда ривоҷ ёфт. Ҳар гуна бозёфтҳои бостоншиносӣ ҳаминро нишон медиҳад, ки аз қадим дар тамоми халқҳои ҷаҳон наққошӣ мавҷуд буда аст. Чунончӣ, дар Чин, Европаи қадимӣ, Ҳиндустон ва дигар маҳалҳо намудҳои гуногуни нақшро дидан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Нақшҳои дар наққошӣ истифодашаванда аз рӯйи сохт ба нақшҳои ислимӣ ва гиреҳ тақсим мегарданд. **Нақши ислимӣ** – шакли барг, банд, дарахт, бутта, ғунча, парранда, моҳӣ ва дигар ашёҳои аз тарафи наққош бо сабк фаро гирифта ва дар асоси қонунияти маълум аз такроркунӣ ҳосил шудааст. Сабккунӣ – рангу шакли парранда, моҳӣ, гулро бо тарзи манзаравӣ умумигардонӣ мебошад. **Нақши гиреҳ** – яке аз намудҳои нақши ҳандасавӣ (геометрӣ) буда, маънои чигал, гиреҳро мефаҳмонад. Нақши гиреҳ як намуди нақши мураккаб аст. Вай яке аз намуди нақши геометрӣ буда, аз чоркунҷа, секунҷа, доира ва камон, ҳамчунин бисёркунҷа ташкил ёфтааст. Аз ҷиҳати сохт ба гиреҳи аз хатҳои рост, каҷ ва омехта ташкилёфта тақсим мешавад.

## Маълумот дар бораи касбу ҳунарҳо оид ба азнавкоркарди чӯб

Баъди бомуваффақият хатм кардани мактаб дар коллеҷҳои касбу ҳунар оид ба соҳаи хизматрасонӣ касбҳои зеринро интихоб карданатон мумкин аст:

усто-мусаввир оид ба кандакории чӯб;
- усто-мусаввир оид ба пардозгарӣ;
- усто оид ба технологияи азнавкоркарди чӯб ва истеҳсолоти мебел;
- усто оид ба сохтану тормимкунии асбобҳои мусиқӣ;
- устои миниатураи локӣ;
- дизайнери лойиҳакунандаи мебелҳо.

### Кори амалии мустақил

Кашидани намунаҳои нақши гиреҳ.

**Тартиби иҷрои кор**

Нақшҳои гиреҳӣ (ҳандасавӣ) дар асоси намуна кашида шавад, нақшакаширо осон мегардонад.

***Ҷиҳозот:*** қалам, хаткашак.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Тахия, интихоб, нақшагирӣ ва тайёркунии ангора ва харитаи технологии заготовка

Барои сохтани ҳар гуна ашё нақшаи зарурии он ва харитаи технологие шуданаш шарт аст, ки асоси чараёни технологии онро ташкил медиҳад. Тартиб додани харитаи технологӣ ва истифода аз он фаъолияти эҷодии донишомӯзонро пурзӯр мегардонад, тафаккури техникии онҳоро ривоҷ медиҳад ва ба мустақилона кор кардан ёрӣ мерасонад. Ба ғайр аз ин, ба воситаи тартиб додани харитаи технологӣ мувофиқи намунаи ашё ё ки нақша кор кардани конструксияи мураккаби он кор карда; интихоби заготовка барои ашё ва аниқкунии андозаи он; муайянкунии тартиби чараёни технологӣ ва гузаштан ба он, ҳамчунин иҷрои онҳо; интихоби асбобҳо, ускунаҳо (анҷомҳо) ва чиҳозот барин корҳои муҳим аз худ мегарданд.

Бо ёрии харитаи технологии тартибдода сохтани тамоми деталҳои ашёҳои ба нақша гирифта ва васлкунии онҳоро ба иҷро расондан лозим меояд.

Харитаи технологии сохтани «Нишондиҳанда» (указка)-ро тартиб диҳед

| № | Пайдарҳамии иҷрои кор | Ангораи кор | Асбобҳо | | Чиҳозоти истифодашаванда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ченкунӣ | корӣ | |
| | | | | | |

## Технологияи ҳунармандии халқие, ки бо чараёни азнавкоркарди чӯб ҳамоҳанганд

Ҳаккокии рӯи чӯб як намуди васеъ паҳншудаи санъати ороиши амалии халқи ӯзбек мебошад. Дар ин ҳолат нақш ё ки тасвир дар ашёи тахта ё чӯбин кашида, бурида, кандакорӣ карда мешавад. Ин намуди санъати



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бадеӣ амалан дар ҳамаи халқҳо мавҷуд буда, дар Шарқи қадим, дар меъмории мамлакатҳои дунёи антиқа васеъ истифода гардидааст. Дар давоми асрҳо дар натиҷаи ривоҷи кандакории чӯб дар мамлакатҳои Европа ва Осиё услуби ба худ хоси бадеӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тавр, дар кишварамон ҳам кандакории чӯб аз қадим ривоҷ ёфта, дар ашёи хонаву рӯзгор ва меъморӣ васеъ истифода гардидааст. Ин кандакорӣ дар ороиши дар, дарвоза, сутунҳо, ҳар гуна болор, миз, хонтахта, қуттича, чорчӯба (рамка), қаламдон ва дигар ашёҳо истифода шудааст.

Кандакории чӯб услуб ва усули ба худ хос дорад. Масалан, бо монументалии кандакории ҳаккокӣ, нигоҳ доштани ранги табиӣ кандакории чӯби Хева аз дигарон фарқ мекунад. Кандакории чӯби Бухоро бошад, бо ҷозибадории нақши ҳаккокӣ, оро додани нақшҳои ҷимҷимадор бо оби тилло, нуқра, дар заминаи нақшҳо истифода бурдани хатҳо фарқ менамояд. Дар кандакории чӯби Марғелон ҳаккокии ҳамвории заминааш амиқ ҷонибдорӣ шудааст. Дар Тошканд бошад, кандакории чӯби нақшаи безамина, ғабар-ғубури ҳамвораи бо нақш фарогиранда васеъ паҳн гаштааст. Мактабҳои кандакории чӯб тахминан баъди солҳои 40–50-ум пайдо шудаанд. Дар республикаамон мактабҳои Қӯқанд, Хева, Самарқанд, Тошканд мавҷуданд.

**Асбобҳое, ки дар кандакории чӯб истифода мегарданд.**

Дар кандакории чӯб асбобҳои гуногун истифода гардида, онҳо корҳои ба худ хосро иҷро кардаанд. Асбобҳои кандакории чӯб ба ду навъ тақсим мегардад: яъне, «қаламҳои ҳаккокӣ» барои кандани нақш ва дуюм «қаламҳои нақш»-анд. Асбобҳо аз рӯйи шаклу иҷрои кор ва исканаҳо якчанд хел мешаванд. Масалан, искана, исканаи морпеч, исканаи сатҳаш моҳигӣ, исканаи замин, исканаи ковза, исканаи ҳаддор ва ғайра мешавад. Мувофиқи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хусусияти иҷрои кор исканаи новагӣ, исканаи канора (чув) (ҳаккокӣ), исканаи каҷу килеб (хамида) (сӯрохкунӣ) истифода мегардад (расми 69).

**Исканаи ковза** – теғаш рост ва каҷу килеб мешавад. Дар исканаи ковзаи теғаш рост ба болои хати нақши кашидашуда баровардани роҳи сетеғаи ғабар-ғубур, ҳамчунин кашидани хатҳои мувозӣ (параллел) истифода мегардад.

**Исканаи рост** – буридани стержени рост буда, мувофиқи бари теғ ба исканаи хурд, миёна ва бузург (калон) тақсим мегардад. Бари теғ аз 5 мм то 10 мм мешавад. Бисёр вақт дар кандани нақшҳои услуби бағдодӣ истифода мешавад.

**Исканаи новагӣ** – мувофиқи сохташ нӯги теғи он дар шакли нова мешавад. Бараш аз 2 мм то 8 мм, дастакашро одатан аз чӯби сахт месозанд. Асосан онҳо исканаҳои хурд, миёна ва бузург мешаванд. Исканаҳои новагӣ дар ҳаккокӣ ва пардоздиҳӣ истифода гашта, асосан барои буридани банди аз ҳама хурди нақш, қисмҳои доирача, марғула, чашмаки хурд, гаҷак ва гул ба кор меоянд.

**Исканазамин** ба ҳосилкунии ҳаккокии заминаи нақш истифода мешавад. Бари исканаи мазкур аз 2 мм то 8 мм аст.

**Исканаи сатҳаш моҳигин** – асбоби теғаш барҷаста, чун рангинкамон бардошта буда, шакли қабурғаи моҳиро дорад. Бари буриш аз 4 мм то 19 мм сохта мешавад. Ба хурдиву калониашон нигоҳ карда, исканаҳои сатҳашон хурд, миёна ва бузург мешаванд.

**Исканаи морпеч** барои баровардани ҳошия, занҷир, нимдоира, хатҳои канораи нақшҳои ҳаккокикарда истифода мегардад.

**Исканаи ҳаддор** (маҳдуд) асбобест, ки барои ҳадкунии заминаи нақши ҳаккокикарда истифода мешавад. Онро барои аниқ намудоршавии нақши кандакоришуда, ҳам-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 69.** Асбобҳои ҳаккокии чӯб.

вора баромадани замина ва намуди ба худ хоси бадеӣ истифода мебаранд. Мувофиқи ҷойи кор исканаҳои маҳдуд якдандонадор, дудандонадор, панҷдандонадор, шонздаҳдандонадор мешаванд.

**Исканаи шоначадор.** Нӯги теғи буриш дар як тараф нимпаҳлӯ буда, вай дар шакли шонача сохта мешавад. Мувофиқи калониву хурдии андоза исканачаҳо хурду калон мешаванд. Исканаҳои мазкур дар занҷири камбар ва ҳаккокии нақшҳои хошиядор истифода мешавад. Бо ин асбоби ҳаккокӣ аз дастаи искана бо дасти рост дошта, болои хати тасвир ё ки нақш дар чуқурии муайян дар ҳолати халондан ба сӯйи худ бурида меравад.

**Қалами сӯрох** асбобест, ки ба сатҳи фатирии заминаи чӯб монанд карда, барои сурох карда ҳаккокӣ намудан истифода мегардад. Асбоби мазкур аз гурзӣ, банди чӯбин ва стержени оҳанини дароз иборат аст. Сӯрохчаҳо яккатора ва сеқатора мешаванд. Дар асбоб 1, 2, 3, 4 ва ғайра дандонаи барҷаста шуданаш мумкин аст. Дар сӯрохчаҳо нақш ба намуди аниқ, маҳин, боз ҳам ғанӣ, нафис соҳиб мегардад. Дар кандакории чӯб сӯрохкунӣ аз қадим боз ривоҷ ёфта меояд. Дар гаҷкорӣ услуби сӯрохкунӣ ба худ хос мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ 3. КОРҲОИ ЭЛЕКТРОТЕХНИКА

## Ташкили ҷойи кор дар корҳои васлкунии барқӣ. Намудҳои ноқилҳои барқгузаронӣ. Асбобҳои барқӣ ва усулҳои кор бо онҳо

Корҳои электротехника дар мизе ба иҷро мерасад, ки сарпӯши уфуқиаш (горизонталиаш) бо изолятсия рӯкаш гардидааст. Асбобҳои монтажи барқӣ дар тарафи рости донишомӯз, мавод дар тарафи чап ҷойгир карда шуда, ба он асбобҳои бештар истифодашаванда наздиктар гузошта мешавад. Дар иҷрои корҳои электротехника шумо аз маводи мухталиф (сим, шнур, маводи изолятсионӣ, найчаҳо) ва асбобҳои корӣ (мурваттобак, корд, анбӯри нӯгаш тез) истифода мебаред. Симҳои монтажи барқӣ аз мис ё ки арзиз (алуминий) сохта мешаванд. Барои монтажкунӣ аз симҳои бо изолятсия фарогирифта истифода мебаранд (расми 70).

Шнури барқӣ барои пайвасткунии асбобҳои маишии барқӣ ба шабакаи барқ таъин гардида, сими борики изолятсияшуда буда, вай аз симҳои пӯсти умумиашон бо як ё ду сими барқгузарон печондагӣ сохта шудааст.




**Расми 70.** Симҳо (а) ва шнурҳо (б).




**Расми 71.** Лентаи изолятсия (а) ва найча (б).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 72.** Асбобҳои васлкунии барқӣ: а) анбӯри ҷоғаш тез; б) корди монтажӣ (васлкунӣ); в) анбӯри ҷоғаш кулӯла; г) анбӯри ҷоғаш ҳамвор; д) мурваттобак.

Лентаи изолятсия ва найча бо изолятсиякунонии байниҳамдигарии ноқилҳои барқгузарон таъин гаштааст (расми 71). Анбӯри ҷоғаш тез дар буридани симҳо истифода мегардад. Қисми кории анбӯр ба қисми тез бурранда молик аст. Анбӯрҳои ҷоғашон кулӯла ва ҳамвор дар қат кардану тоб додани симҳо истифода мешавад. Дастакҳои онҳо бо маводи изолятсионӣ фаро гирифта шудаанд (расми 72). Корди монтажӣ барои кушодани изолятсияи симҳо муқаррар шудааст. Мурваттобак (отвёртка) барои васлкунии пайвастагиҳо истифода мегардад. Дастаҳои онҳо аз пластмасса ё ки чӯб сохта мешаванд.

## Васлкунии ноқилҳои барқӣ, корҳои изолятсиякунонӣ

Ба шохаҳо тақсимкунии ноқилҳои барқгузарон бо мақсади ба шабака васлкунии истеъмолгарони барқӣ амалӣ мегардад. Ҳамаи асбобҳои маишии барқӣ ба розеткаи штепсел васл мешаванд. Ҳангоми ба шохаҳо тақсимкунӣ изолятсияи қисми 30 мм-раи ҳар ду сим бо ёрии корди монтажӣ гирифта партофта мешавад (расми 73, а)

Изолятсияи 50 мм-раи нӯги симҳои пайвасткунанда гирифта партофта мешавад (расми 73, б).

Нӯги ҳамаи симҳои васлкунанда то ялаққос шудан тоза карда мешавад. Ноқилҳои ба ҳамдигар васлшаван-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 73.** Монтажкунӣ ва ба шохаҳо тақсимкунии симҳо.

даро дар ҳолати мутавозӣ (перпендикуляр) бо изолятсия дар масофаи 6 мм мегузоранд (расми 73, в) ва бо ангуштони дасти рост ба болои сими дуюм 4–5 маротиба печонда мешавад (расми 73, г). Қисми изофаи сим бо анбӯри чоғаш тез бурида, бо анбӯри чоғаш ҳамвор пахш карда мешавад. Ҷои шохакунии ноқилҳо бо кӯмочи баркӣ кафшер ва изолятсия карда мешавад. Аз маҳали пайвастшаванда 10–15 мм дуртар ба болои изолятсия ду маротиба лентаи изолятсионӣ, ҷойи васлшудан симҳо ҳам печонда, сипас ҷойи симҳо пайвастгардида бо лентаи изолятсия ду-се маротиба печонда шавад, изолятсия боварибахш мегардад.

## Арматураи электротехника

Дар корҳои электротехника хомушкунакҳои баркӣ, патрони баркӣ, вилкаи штепсел ва дигар ҷиҳозот истифода мешавад (расмҳои 74–77). Хомӯшкунаки баркӣ барои аз шабака ҷудову васл кардани энергияи барқ истифода мегардад. Вай аз асос, корпус, ҳамчунин аз ду контакти лағжандаву налағжанда сохта шудааст. Контакти хомӯшкунак аз мис ё ки латун тайёр мешавад. Мувофиқи конструксиякунонӣ хомӯшкунак ба девор, шифт гузошта ё ки дар ҳолати овезон шуданаш мумкин аст (расми 74). Патрони баркӣ барои лампаи равшанкунакро ба шабакаи баркӣ васл кардан истифода мешавад. Патронҳо ба шифт, девор гузошта ё ки овезон шуданашон мумкин аст.

Вилкаи штепсел барои истеъмолгари энергияи баркро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 74.** Хомушаккунакҳо: а) ба девор гузошташаванда (симаш кушод); б) ба девор гузошташаванда (симаш пӯшида); в) тугмачадор; г) ба девор гузошташаванда (клавишдор); д) овезон.

ба шабака пайвастан истифода мешавад. Ҳоло вилкаҳои ба қисмҳо ҷудошавандаро кор мефармоянд.




**Расми 75.** Сохти хомӯшкунаки овезон.




**Расми 76.** Патронҳои баркӣ: а) ба шифт гузоранда; б) ба девор гузоранда; е) овезон гузоранда.




**Расми 77.** Сохти патрони овезон.

## Маълумот дар бораи касбу ҳунар оиди соҳа

Баъди бомуваффақият хатм намудани мактаб дар коллеҷҳои касбу ҳунар оид ба соҳаҳои хизматрасонӣ касбҳои зеринро омӯхтану аз бар намудан мумкин:

– техник-электрикҳо оид ба истгоҳҳои баркӣ, ҷиҳозоти баркӣ ва монтажи сохторҳои баркӣ, адои хизмат ва тармим;

– техник-механикҳо оид ба монтажи ҷиҳозоти нерӯи гармии истгоҳҳои баркии гармӣ ва сохторҳои дегхонаҳо, истифодабарӣ ва тармим;

– васлгари ашёҳои техникии электронӣ;

– техники васлгар, созгар ва таъмиркунии ҷиҳозоти электронӣ;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– техник-технологи истеҳсолгари трансформаторҳо;

– электромеханики истифодабарии техникаи низоми электротехникии роҳи оҳан;

– техники таъмиркунӣ ва гузоштани асбобҳои авиатсия ва ҷиҳозоти баркӣ.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ном ва вазифаҳои асбобҳои кории электровасклкунӣ ва маводҳои онро бигӯед.
2. Асбобҳои электроваслгарӣ ба кадом саволҳо бояд ҷавобгӯ бошанд?
3. Фарқи сими барқиро аз шнур гуфта диҳед
4. Якчанд ноқилҳои барқиро қиёсан омӯхта, фарқияти онҳоро гӯед.
5. Хомӯшкунаки барқӣ, патрони барқӣ, вилкаи штепселро омӯзед. Онҳо аз кадом қисмҳо таркиб ёфтанашонро бозгӯ намоед.
6. Барои чӣ сохторҳои барқӣ асосан аз қатронҳо тайёр мешаванд?
7. Чун машғулиятҳои пештара қоидаҳои бехавфии техникиро ҳангоми иҷрои чараёнҳои мазкури васлгарии барқӣ фаҳмонда диҳед.

## Кори амалии мустақил

Бо сохти сохторҳои барқӣ шинос шудан.

### Тартиби иҷрои кор

1. Расми 75-ро бо диққат омӯзед ва инҳоро ба иҷро расонед:

**а)** винтҳояшро кушода, сарпӯши хомӯшаккунаки овезонро боз намоед; **б)** сохтори механизми контактиро дида бароед, ҷойи васлшавии онҳоро омӯзед; **в)** ҳангоми ҳаракати фишанги хомӯшкунак омӯзиши ҳолати кашагии контактро мушоҳида намоед; **г)** ҳолати дар гирондан ва хомӯш карданро муайян кунед; **д)** сарпӯшро пӯшонед ва винтҳои маҳкамкуниро мустаҳкам намоед.

2. Аз расми 77 истифода бурда, инҳоро иҷро кунед:

**а)** сарпӯши патрони барқиро кушоед ва асоси (мағзи) чинниии онро гиред; **б)** сохти мағзро омӯзед, контактҳои такягоҳӣ ва паҳлӯгӣ, винтҳои контактро ёбед; **в)** ҷойҳои васлкунии симҳоро ёбед. **г)** мағзи патронро ба ҷойи сарпӯш мувофиқ гузоред; **д)** сарпӯши патронро тоб дода, пӯшонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ 4. ТАЪМИРИ АШЁҲОИ ХОНАВУ РӮЗГОР

## Тадбирҳо оид ба локзании рӯкашҳои фарш, ҳамчунин мебелҳо, тадбирҳои нигаҳдории сатҳҳои рӯкашгардида ва корҳои хурди тармимгарӣ

Барои он ки рӯкашҳои фарш, ҳамчунин мебелҳо ба шумо муддати дароз хушсифат хизмат расонад, риоя кардан ба тавсияҳои истеҳсолгарон, сари вақт ба ҷо овардани таъмири ҷорӣ лозим аст.

Мебелҳоро дар назди асбобҳои гармидиҳӣ гузоштан тавсия намегардад. Ҳамчунин ба мебелҳо бевосита афтодани нурҳои офтоб ҳам хавфнок ба ҳисоб меравад. Чунки он аз гармии беҳад мехушкад, хусусиятҳои худро аз даст медиҳад. Барои он ки хона аз намигарӣ мувофиқи меъёр истифода барад, гулҳои манзаравӣ, аквариум барин манбаъҳои намӣ буданашон тавсия мегардад.

Мебелеро, ки бо пластик фаро гирифтааст, мувофиқи зарурат бо салфеткаи нам пок кардан басанда аст. Ҳангоми хотимаи кор мебел бо салфеткаи хушк пок карда шавад, пеши роҳи ба сӯрохӣ ва ҷойҳои васлгари ҳимоявӣ афтодани намӣ гирифта мешавад.

Ҳамчунин аз воситаҳои махсуси кимёвӣ-полиголҳо барои азнавкоркарди сатҳи чӯб истифода бурдан мумкин аст.

Сатҳҳои аз шпон ва фанер тайёршударо аз гард мунтазам тоза кардан тавсия мегардад, вай барои дароз шудани мӯҳлати хизматрасонии онҳо хизмат мекунад.

Баъзе носозиҳои хурди дар мебел сарзадаро ба усто муроҷиат накарда, худатон дар вақташ бартараф карданатон мумкин аст. Барои ин дар хонадонатон асбобҳои махсус ва фурнитураҳои зарурӣ шуданаш лозим аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мисол, агар дари ҷевон ва тумбаҳо кaҷ шуда монанд, мебелро нисбати фарш ба ҳолати рости уфуқӣ овардан лозим меояд. Барои ин дар шароити хона ба зери пойи мебел тагдорҳои картонӣ ё пластмассагӣ гузоштан мумкин аст. Агар таги ҷевон хам шавад, он аз берун намудор нашаванда карда зераш бо такягоҳи чӯбин мустаҳкам карда мешавад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Барои нигоҳ доштани фаршу мебели локзада ва сатҳаш рӯкашгардида бояд ба чӣ эътибор дод?
2. Дар бораи воситаҳои кимиёвие маълумот диҳед, ки ба сатҳи чӯб азнавкоркарди махсус медиҳанд.
3. Ба корҳои хурди тармимгарӣ мисолҳо оваред.

## Кори амалии мустақил

Тадбирҳои нигоҳ доштани фаршу мебелҳои локзада ва сатҳаш рукашгардида, корҳои хурди тармимиро иҷро кардан.

***Ҷиҳозот:*** плакати қоидаҳои бехатарии техникӣ. Маводҳо оид ба тадбирҳои нигоҳ доштани фаршу мебелҳои локзада ва сатҳашон рӯкашгардида.

## Таъмири хурди чорчӯбаҳои оина ва усулҳои нигаҳдории гармӣ дар зимистон

Дар биноҳои гармкунанда азбаски ҳарорати беруна ва дохила фарқ мекунанд, ба воситаи девори беруна, фарш, шифт гармӣ нест мешавад. Низоми гармӣ ана ҳамин ҷойи гармии нестшударо сарпур карда ва бояд дар хонаҳо ҳароратро меъёран нигоҳ дорад. Дар зимистон барои нигоҳ доштани гармии хона сараввал бояд оина зич напӯшида ва сӯрохичаҳо (тарқишҳо)-и шамолҳосилкунандаро пӯшанд. Барои санҷидани тарқишҳои мавҷудаи чорчӯбаи оинаҳо, сараввал онҳо бо поролон ё ки пахта, сипас аз газвор порчаҳои барашон 4–5 см, шаклашон тасмаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дароз бурида, аз болои он пӯшонда мешаванд. Барои ин порчаи газвор дар об андохта, намнок карда, тарафи часпондашавандаашон собун зада мешавад. Ин усули часпонидашуда барои онро осон гирифта партофтан мадад мерасонад. Ҳамчунин барои чорчӯбаи оинаро зич маҳкам кардан аз ресмони риштагини борик истифода бурдан мумкин аст. Дигар тарқишҳои хурди хонаро маҳкам кардан бо ёрии парафин амалӣ мегардад. Барои ин парафини оддие, ки ба шамъсозӣ муқаррар шудааст, бо 65–70 дараҷа дар об маҳлул мегардад. Баъди он бо кӯмаки сӯзандоруи истифодааш якдафъаинаи гарм кардашуда бо парафин пур карда, ба сӯрохичаҳо пошида мешаванд. Ба мақсади дар хона нигоҳ доштани гармӣ зичкунакҳои замонавии бо усули саноатӣ тайёршавандаро ҳам истифода бурдан мумкин аст. Онҳо асосан найшакл омода мегарданд. Ҳамчунин, барои тарқишҳои калон дар шакли ҳарфи P, барои сӯрохичаҳои хурд бошанд, дар шакли ҳарфҳои D, E шуданашон мумкин аст.

## Намудҳои касбу ҳунар оид ба соҳаҳои хизматрасонӣ

Баъди бомуваффақият хатм кардани мактаб дар коллеҷҳои касбу ҳунар касбҳои зеринро дар соҳаҳои хизматрасонӣ аз бар кардан мумкин аст:

– механики тармимгар ва созгари ҷиҳозоти гидроэнергетика;

– механики хизматрасони техникӣ, созгар, тармимгар ва васлгари ҷиҳозоти фулузкорӣ ва васлгарӣ;

– механики васлгар, созгар, хизматрасонии техникӣ ва тармимгари низоми мошинасозӣ ва ҷиҳозоти дастгоҳӣ;

– механики хизматрасонии техникӣ, тармимгар ва созкунии низоми мошинасозӣ;

– механики созгар, хизматрасонӣ ва тармимгари мошинаҳои технологӣ ва ҷиҳозоти саноатӣ;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– механики васлгар ва корфармоии низоми шамолдиҳӣ, хунуккунӣ, агрегату мошинаҳои техникии криоген;

– механики созгари ускунаҳои истеҳсолии нон, макарон ва маҳсулоти қаннодӣ;

– механики созгари элеватор, ускунаҳои истеҳсолгари орду ярма ва хӯроки омехта.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Дар барои ҷузъҳои асосии низоми гармидиҳӣ маълумот диҳед. **2.** Фарқияти намудҳои марказӣ ва маҳаллии низоми гармидиҳиро гӯед. **3.** Дар бораи усулҳои тармими хурди чорчӯбаи оина ва нигоҳ доштани гармӣ дар зимистон маълумот диҳед. **4.** Намудҳои касбу ҳунарро оид ба соҳаҳои хизматрасонӣ номбар кунед.

## Кори амалии мустақил

Усулҳои гармкунии биноҳо. Тармими хурди чорчӯбаҳои оина ва усулҳои нигоҳ доштани гармиро дар зимистон ба иҷро расондан. Ҷамъоварии маълумот оид ба намудҳои касбу ҳунари соҳаҳои хизматрасонӣ

***Ҷиҳозот:*** Плакати қоидаҳои бехатарии техникӣ.

Маводҳо оид ба иҷрои усулҳои тармими хурди чорчӯбаҳои оина ва нигоҳ доштани гармӣ дар зимистон.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САМТИ II
# ХИЗМАТИ СЕРВИС

## БОБИ 1. АСОСҲОИ ПАЗАНДАГӢ

### 1.1. Мафҳумҳои умумӣ

#### Қоидаҳои бехатарии техникӣ дар хонаи таълимии пазандагӣ ва талабҳои санитарӣ-гигиенӣ



**Расми 1.** Ҷиҳозонидани ошхона.

Хонаи машғулият гузаронӣ оид ба самти пазандагӣ бояд хуб равшан, барои эмин будан аз пешгирии бӯй ва буғ дорои ҷиҳозоти махсуси шамолдиҳӣ бошад. Деворҳои он бо кафел (тахтачаҳои сафолӣ) фаро гирифта, барои шустани дасту зарфҳои ошхона шароити алоҳидаро молик бошад. Барои нигоҳ доштани ҷиҳозоти ошхона мебелҳо, барои азнавкоркарди маҳсулот ва ородиҳии таъом мизҳо, ҳамчунин барои аз нигоҳи гармӣ коркард гузарондан плитаҳои барқӣ ва духовкаҳо ба мақсади пешгирии оташ ва бехавфии барқ мувофиқи қоидаҳои пешбинигардида гузошта шуданашон лозим аст (расми 1).

**Қоидаҳои бехавфии техникӣ дар хонаи таълимии пазандагӣ:**

1. Пеш аз шурӯъ ба таъомпазӣ соз будани асбобу ҷиҳозоти барқӣ санҷида мешавад.
2. Барои пайваст кардани ҷиҳозоти барқӣ ба манбаи энергия дастҳо хушк буданашон лозим аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Ҳангоми истифодаи қимакунаки гӯшт ба он маҳсулотро бо ҷиҳози махсус тела додан лозим меояд.
4. Кордро ба шахси дигар бо дастааш дароз кардан лозим аст.
5. Дар дегчаи сирдор (кострюлка) ва дег ҳангоми ҷӯшондани об обро лабрез кардан нашояд.
6. Сарпӯши зарфи моеъи ҷӯшидаистодаро нисбати он ба тарафи дигар нигаронда кушодан лозим аст.
7. Ба равғани тафсидаи тоба маҳсулотро ба оҳистагӣ, аз як канори тоба андохтан зарур мебошад.
8. Ба моеъи ҷӯшидаистода маҳсулоти гуногунро напошида, эҳтиёткорона андохтанро фаромӯш накунед.
9. Дег ва зарфҳои тафсонро бо дастпӯш ё ки ҷиҳозоти махсус доштан лозим аст.
10. Дар ошхона зарфҳои тагаш кач, бандҳо ва канораш шикаста, сираш кӯчидаро кор нафармудан лозим аст.

**Қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ дар хонаи пазандагӣ:**

**1.** Ҳангоми пухтани таом ва маҳсулоти пазандагӣ либоси махсус ба бар гирифтан, пешдомани рангаш кушод ва дастпӯшак ё ки рӯймол бастан лозим меояд. **2.** Пеш аз шурӯъ ба таъомпазӣ бояд дастон бо собун шуста, нохунҳо гирифтагӣ бошанд. **3.** Ҳангоми хӯрокпазӣ то имкон ҳаст, аз маҳсулоти наву сифатнок истифода бурдан тавсия мегардад. **4.** Ҳангоми азнавкоркарди гӯшт, моҳӣ аз тахтакаш ва кордҳои тамғаашон махсуси «XG», «XB» бояд истифода бурд. **5.** Тез-тез тоза кардани ҷойи кор ва барои доимо тозаву озода нигоҳ доштани он риоя кардан лозим аст. **6.** Саранҷомӣ ва покизагии ҷиҳозоти хонаро таъмин кардан лозим аст. **7.** Зарфҳои тозаро дар ҷевонҳои махсуси гигиенӣ бояд нигоҳ дошт. **8.** Пасмондаҳоро ба зарфи махсуси сарпӯшдор андохта, бояд дар вақташ бароварда партофт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Таърих ва рушди пазандагӣ. Қимати ғизоии маҳсулоти хӯроквори, аҳамияти он ба организми инсон

Пазандагӣ яке аз санъатҳои қадимаи инсоният буда, саромади он ба истифодан оташ, даврҳои аввали деҳқонӣ ва чорводорӣ барин соҳаҳо якҷоя оғоз ёфта, вобаста ба тараққиёти ана ҳамин соҳаҳо ривоҷ ёфтааст.

Пазандагии миллии халқҳои Ўзбекистон ҳам дар қатори дигар намудҳои фаъолият доимо тағйир ёфта, такомул пайдо кардааст. Баробари фарорасии асри XIX дар Ўзбекистон ҳам парваришу рӯёндани помидор, карам, картошка, лаблабу барои сабзавотҳо, тамашк ва қулфнай барин резаворҳо оғоз ёфт. Намуди таомҳо афзуд. Аз сабаби бисёрии сабзавот, меваву резавор таомҳои мо бо хушбӯӣ, бомаззагии худ фарқ карда меистад. Барои таъмини гуногунии намудҳои таом ва болаззатиаш бо дид пешкаш кардани он ба дастурхон, асоси пазандагиро ташкил медиҳад.

Санъати пазандагӣ маҷмӯи усулҳои муайяни тайёркунии таомҳои гуногун, сермоя ва покиза аз растанӣ ва маҳсулоти чорвои ба организми инсон зарурӣ, афзояндаи қобилияти меҳнатии он, таъминкунандаи ба сар бурдани ҳаёти солим, ҳамчунин дода, пешкаш кардани он ба дастархон мебошад.

Барои он ки организми инсон мӯътадил ривоҷ ёбад, солим гардад, бо моддаҳои гуногуни ғизоӣ сафедаҳо, карбогидрадҳо (моддаҳои ширин), намакҳои маъданӣ, витаминҳо, об ва дигар моддаҳо таъмин шуданаш лозим аст. Сафедаҳо барои ҳаёт моддаи аз ҳама муҳим ба ҳисоб меравaнд. Сафеда асосан, дар гӯшт, моҳӣ, тухм ва маҳсулоти ширӣ бисёр аст. Сафедаҳо дар боби ҳосил кардани ҳуҷайраҳои нави организм, таъмини инкишофу ривоҷи тамоми узв, бахшидани қувваю мадор накши муҳим доранд. Сафедаҳои ширӣ дар организм ба осонӣ ҳазм мешаванд, пурра аз худ мегарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чарбуҳо (равғанҳо) моддаи асосие ҳастанд, ки ба организм ҳарорат мебахшанд. Чарбуҳо аз растанӣ ва чорво гирифта мешаванд. Равғани растаниро аз пунбадонаи пахта, донаи зағир, офтобпараст, зайтун барин растаниҳо мегиранд. Равғанҳои растанӣ дар тайёркунии ҳар гуна таъомҳо ва коҳуҳо (салатҳо) истифода мегарданд. Равғани ҳайвон аз зери пӯст ва чарбуи гову гӯсфанд барин ҳайвонот гирифта, онҳо дар организм ба душворӣ ҳазм мешаванд.

Карбогидрадҳо (моддаҳои ширин) барои организм нерӯи асосӣ, манбаи ҳарорат ба ҳисоб мераванд. Манбаъҳои асосии карбогидрадҳо қанд, асал, ширавор, меваҳои тару тоза, сабзавот, маҳсулоти ширӣ ва донадоранд. Карбогидрадҳо дар организм тез ва ба осонӣ ҳазм мегарданд.

Барои он ки шахс мӯътадил инкишофу ривоҷ ёбад, ба маризӣ дучор нашавад, аҳамияти мояҳо (витаминҳо) ниҳоят калон аст, Манбаъҳои асосии витаминҳо сабзавот ва меваҳо, маҳсулоти ғаллагӣ, моҳӣ, шир ва маҳсулоти шириаңд.

Моддаҳои ғизоие, ки барои организми кас заруранд, ҳар рӯз ба воситаи таъом ва маҳсулоти озуқавӣ қабул мегарданд. Онҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

**1.** Шир ва маҳсулоти ширӣ. **2.** Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ. **3.** Ғалла ва маҳсулоти ғаллагӣ. **4.** Сабзавот ва меваҳо. **5.** Равғанҳои хӯрокворӣ. **6.** Қанд ва маҳсулоти қаннодӣ.

Дар таркиби шир тамоми моддаҳои ба организм зарурӣ мавҷуданд. Ба ғайр аз ин, моддаҳое ҳам ҳастанд, ки маризиҳои организми инсонро нест мекунанд ва пешгирӣ менамоянд. Ба маҳсулоти ширӣ ҷурғот, творог, чакка, панир, қаймоқ, равғани зард ва ғайраҳо дохил мешаванд.

**Гӯшт.** Дар Ӯзбекистон асосан гӯшти чорвои калони шохдор ва гӯсфанд, ҳамчунин гӯшти асп, буз, парранда, моҳӣ истеъмол мегардад. Ба маҳсулоти гӯштӣ – ҳасиб



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

(колбаса), ҳасибча (сосиска), гӯшти яхнӣ, қазӣ, консервҳои гӯштӣ медароянд. Онҳо маҳсулоти гаронбаҳо, серғизоанд.

Маҳсулоти ғаллагӣ ба бисёр гурӯҳҳо тақсим мегардад. Ба онҳо ярмаҳо (биринҷ, марҷумак, кашк (маннӣ), ҷав, сулӣ, арзан), растаниҳои ғилофакӣ (мош, лӯбиё, нахӯд), маҳсулоти макаронӣ, нон ва маҳсулоти нонӣ медароянд. Таъоми аз онҳо тайёршуда аз карбогидрадҳо, моддаҳои минералӣ ва мояҳо (витаминҳо) саршоранд.

Дар сабзавоту меваҳо барои организм моддаҳои зарурӣ ҳастанд. Дар таркиби онҳо карбогидрадҳо, моддаҳои минералӣ, алалхусус мояҳо бисёранд. Дар кушодани иштиҳо, ҳазми таъом, хуб гаштани фаъолияти рӯдаҳо сабзавотҳо аҳамияти калон доранд. Дар таркиби пиёз, сир, турб, шалғам барин сабзавот моддаҳое ҳастанд, ки микробҳои зараррасони организмро нобуд месозанд.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Ҳангоми ҷиҳозонидани хонаи пазандагӣ бояд ба чӣ эътибор дод?
2. Дар хонаи таълимии пазандагӣ ба кадом қоидаҳои бехавфии техникӣ риоя кардан лозим аст?
3. Қоидаҳои санитарӣ-гигиении хонаро шарҳ диҳед.
4. Дар хонаи таълимии пазандагӣ бояд ба кадом қоидаву тартиб риоя намуд?
5. Барои мӯътадил инкишофу ривоҷ ёфтани кас чӣ гуна озуқаворӣ лозим меояд?
6. Озуқаворӣ ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мегардад?

## 1.2. АСБОБУ АНҶОМҲО, ҶИҲОЗОТ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

### Хусусиятҳои ба худ хос ва рушди ошхонаи миллии ӯзбек

Ба худ хос будани пазандагии ӯзбек – лаззатнок шудани таъомҳои нодир ба ду омил (сабаб) вобаста аст. Сабаби



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

якум – нав, сифатнок, навъаш баланд будани маҳсулот аст. Сабаби дуюм риоя ба зебогии намуди зоҳирии таъом, хушбӯӣ, маззаи аҷоиб доштан барин сифатҳо мебошад. Ин бошад, ба маҳорати пазанда вобаста аст (расми 2).

Ҳангоми тайёр кардани таъом аз гӯшт, орд, биринҷ, мош, нахӯд, лӯбиё, сабзавот ва сабзаҳо (кабудиҳо) барин маҳсулоти сермасрифи халқӣ истифода бурда мешавад.

Дар пазандагии миллии ӯзбек тайёркунии таъомҳои гӯштӣ мақоми алоҳидаро соҳиб аст. Аз гӯшти гӯсфанд, чорвои калони шохдор, асп, парранда таъомҳои гуногуни болаззат тайёр карда мешавад. Ҳамчунин, аҳолии Ӯзбекистон шир ва маҳсулоти шириро хеле бисёр истеъмол менамояд. Ӯзбекистон кишварест, ки аз меваву сабзавот бой аст. Ин силсилаи меваву сабзавотҳо аз дастархони ӯзбек мақоми муносиб пайдо кардаанд.

Аз нӯшокиҳо, асосан чойи кабуду сиёҳ истеъмол мегардад. Ҳангоми чойнӯшӣ ба дастархон қанд, парварда, пашмак, набот, асал, ҳалво барин меваҳои дурдонаи Шарқ пешкаш мегардад.

Ҳангоми тайёркунии таъом аз зиравор, дорувор, сабзаҳои ба пазандагии миллиамон хос истифода мебаранд. Ба ғайр аз ин, ба сифати таъом ва намуди зоҳирии он аҳамияти калон медиҳанд.



**Расми 2.** Дастархони миллии ӯзбек.

Таъомҳои ӯзбек дар дегҳои қаърашон (тагашон) нимапуфакшакл пухта мешаванд. Дар онҳо масаликро кофта зирбондан қулай аст, зери хӯрок намегирад, дег ба оташдон ва плитаи газӣ хуб ҷойгир мегардад.

Санъати пазандагии ӯзбек ҳам чун дигар соҳаҳо ҳеҷ гоҳ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

холис тараққӣ намекунад. Таъсири миллатҳои гуногуне, ки дар Ӯзбекистон истиқомат мекунанд, халқҳои мамлакатҳои ҳамсоя ба якдигар идома дорад. Масалан, ба таъомномаи ӯзбек назар афканед, дар он будани таъомҳои аврупоӣ, кафказӣ, тоторӣ, уйғурӣ, қазоқӣ, тоҷикӣ ва дигар бисёр таъомҳоро мушоҳида мекунем. Дар навбати худ, оши палави мо, таъомҳои хамирӣ, таъомҳои тунуки мо дастархони дигар халқҳоро зеб медиҳад.

## Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ҳангоми кор дар ошхона

Дар ҷойҳои ҷамоатии таъомхӯрӣ, корхонаҳои озуқаворӣ ба қоидаҳои гигиенаи шахсӣ амал намудани коркунони он ниҳоят зарур аст. Ба қоидаҳои гигиенаи шахсӣ риоя накардани онҳо боиси сар задани маризиҳои гуногуни сирояткунанда (исҳоли хунин, сил, пӯсту таносул), ҳамчунин заҳролудшавӣ аз ҳар гуна таъомҳо мегардад. Барои ҳамин дар корхонаҳои ҷамоавии таъомхӯрӣ пеш аз ба кор қабулкунии ходимон онҳо аз назорати тиббӣ гузаронда, дониши санитарӣ-гигиениашонро санҷидан ва имтиҳон кардан лозим аст. Кормандони корхонаҳои ҷамоавии хӯрокхӯрӣ ба қоидаҳои зерини гигиенаи шахсӣ риоя карданашон шарт аст:

1. Ба кор бо либоси тоза ва озода омадан.
2. Нохунро тоза гирифта, дар дастон зебу зевар набояд бошад.
3. Пеш аз ба кор шурӯъ кардан дастро бо собун тоза шустан, хилъати тозаи сафед, пешдоманро ба бар гирифта, мӯйҳоро ба зери калапӯшак гирифтан зарур мебошад.
4. Аломатҳои шамолхӯрӣ ё ки захми маддадор, ҷойҳои сӯхта, буридагӣ дошта бошанд, ба ҷойи кор намондан лозим аст.
5. Пеш аз ба ҳоҷатхона рафтан либосҳои махсусро бадар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

карда, баъди аз он ҷо баргаштан даст бо собун шуста мешавад.

## <u>Машғулияти амалӣ.</u> Коркарди аввалини сабзавот, аз усулҳои поракунӣ истифода буда, тайёркунии коҳу, қоидаҳои гузоштан ба дастархон

Дар таъомхӯрӣ сабзавотҳо аҳамияти калон дошта, дар таркиби онҳо карбогидратҳо, мояҳо, моддаҳои рангу бӯйдиҳандае, ки бо организм ниҳоят заруранд, моддаҳои меъданӣ мебошанд. Моддаҳои ба таъом рангу бӯй ва таъмбахшандаи таркиби сабзавот дар боби кушодани иштиҳо, ҳазмкунии хӯрок аҳамияти калон доранд

Пеш аз истифода ба хӯрок сифати сабзавотҳо санҷида, ҳамчунин онҳо коркарди аввалро аз сар мегузаронанд. Ҷараёни коркарди аввалини сабзавот аз марҳилаи зерин иборат аст:

**саракунӣ → шустан → тоза кардан → аз нав шустан → реза кардан.**

**Саракунӣ.** Бо мақсади пурсамар ва сарфакорона истифода бурдани сабзавотҳо ба ҳар як таъом ба таври алоҳида мувофиқи сифат, хурдиву калонӣ, меъёр ҷудо карда мешавад.

**Шустан.** Сатҳи сабзавотҳо пеш аз истифода аз хок, қумҳо ба воситаи шустан тоза карда мешаванд.

**Тоза кардан.** Пӯстлохи рӯйи сабзавот бо кордҳои махсус ё ки оддӣ тоза карда мешавад.

**Аз нав шустан.** Баъди он ки сабзавотро аз пӯстлох тоза мекунанд, бо оби хунук шуста мешавад.

**Усулҳои поракунии сабзавотҳо.** Сабзавотҳоро бо усулҳои асосӣ ва мураккаб пора кардан мумкин аст. Сабзавотҳо мувофиқи таъоми тайёршаванда, асосан дар шакли зарурӣ пора карда мешаванд (ҷадвали 1.)



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ҷадвали 1.*

## Усулҳои поракунии сабзавотҳо

| Шакли поракунӣ | Сабзавот | Истифода дар пазандагӣ |
|---|---|---|
|  Коҳшакл | Сабзӣ, лаблабу, картошка, карам | Барои оши палов ва коҳуҳо, зирбондан дар равғани бисёр, барои гарнирҳои котлет ва бифштекс, карамшӯрбо. |
|  Чоркунчаи дарозшакл | Картошка | Зирбондан дар равғани бисёру барои гарнирҳои бифштекс ва шӯрбои сабзавотнок. |
|  Кубашакл | Картошка, сабзӣ | Барои мастоба, мошхӯрда, лағмон ва дигар таъомҳои моеъ, ҳамчунин барои коҳуҳо |
|  Парракшакл | Картошка, сабзӣ | Зирбондан, барои шӯрбо ва гарнирҳо |
|  Баргаккунонӣ | Сабзӣ, картошка, лаблабу | Коҳуҳои гуногун барои гарнири таъомҳо |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 3.** Поракунии сабзавотҳо бо усули мураккаб

### Бо усули мураккаб поракунии сабзавотҳо

Барои бо усули мураккаб поракунии сабзавотҳо аз ҷиҳозот ва кордҳои махсус истифода мебаранд. Ба усулҳои мураккаби поракунӣ спиралшакл, пуфакшакл, гофрелӣ ва ғайра медароянд (расми 3).

### Тайёркунии коҳуи «Баҳор» аз сабзавот

**Асбобу зарфҳое, ки барои машғулияти амалӣ заруранд:** тахта ва кордҳо барои сабзавоти хом, тағорача, зарфҳо барои коҳу, асбоб ва кордҳое, ки барои ородиҳии коҳу сабзавотро бо ҳар гуна шакл пора мекунанд, чангол (вилка). **Маҳсулоти заруpӣ:** шалғам 4 дона, барги коҳу 1 банд, бодиринги тару тоза 2 дона, пиёзи кабуд 1 банд, тухм 2 дона, сметана ё ҷурғот 200 г.

**Тартиби иҷрои кор: 1.** Шалғамча, бодиринги поккардаву шуста дар шакли коҳуи майда пора мегардад.

**2.** Барги коҳу ба порчаҳои калон тақсим карда, пиёзи кабуд бо дарозии 1,5–2 см, шибит майда намуда, пора карда мешавад.

**3.** Тухмро дар об ҷӯшонда, пӯсташ гирифта, дар шакли коҳ пора мегардад.

**4.** Ба ғайр аз шибит тамоми махсулот омехташуда, сметана ё ҷурғотро ҳамроҳ менамоянд. Коҳуи тайёршударо ба зарфҳо андохта, болояш шибит мепошанд, бо сабзаҳо ва тухм зеб дода, ба дастархон гузошта мешавад.

### Коҳуи помидору бодиринг (шакароб)

**Маҳсулоти заруpӣ:** 2 бехпиёз, 500 г помидор, бодиринг ва қаламфур.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Тартиби ичрои кор: 1.** Пиёз дар шакли нимҳалқа пора карда, шуста мешавад.

**2.** Помидори сурхро шикофта, тилим ё ки дигар хел карда пора намуда, бо пиёз омехта месозанд, намакаш санҷида мешавад.

**3.** Бодиринг шуста, майда реза карда, пора мешавад ва ба коҳу омехта мегардад.

**4.** Коҳуро ба ликопчаҳо андохта, ба дастархон мегузоранд. Ба болои коҳу қаламфурро пора кардан, алоҳида додан ҳам мумкин аст.

### Коҳуи карамнок

**Маҳсулоти зарурӣ:** 1 дона карам, 50 г шакар, 50 г равғани растанӣ ё ки 50 г сметана, 250 г пиёзи кабуд, 100 г себи тару тоза, 100 г сабзии сурх.

**Тартиби ичрои кор: 1.** Карами навро дар шакли коҳ пора карда намак андохта, омехта, болояшро мепӯшанд.

**2.** Карами поракардашударо бо усули баргча ба себ, пиёзи кабуд майда ва сабзии дар шакли коҳча порашуда омехта менамоянд.

**3.** Ба маҳсулоти тайёршуда шакар ва равғани тафсондашуда ё ки сметанаро ҳамроҳ мекунанд. (расми 5).



**Расми 4.** Коҳуи помидору бодиринг



**Расми 5.** Коҳуи карамнок.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Хусусиятҳои ба худ хоси пазандагии миллии ўзбекро бигўед.
2. Дар пазандагии миллии ўзбек таъомҳоро ба дастархон чӣ тавр мегузоранд?
3. Ҳангоми поракунии сабзавотҳо аз чанд усули асосӣ истифода мебаранд?
4. Чараёни коркарди аввалини сабзавотҳо чӣ гуна амалӣ мегардад?
5. Картошка бо кадом усулҳо пора карда мешавад?
6. Сабзӣ бо кадом усулҳо пора карда мешавад?
7. Бо усули мураккаб пора кардани сабзавот кай истифода мегардад?
8. Талаб нисбати сифати сабзавоти порашуда чӣ гуна мебошад?
9. Ҳангоми риоя ба поракунии сабзавот ба кадом қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ бояд амал намуд?
10. Аз сабзавот чӣ гуна коҳу тайёр кардан мумкин аст?

## 1.3. ЧИҲОЗОТИ ТЕХНОЛОГИИ ДАР ПАЗАНДАГӢ КОРБАСТШАВАНДА ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

### Чиҳозот ва мафҳуми умумӣ дар бораи истифодабарии онҳо

Дар пазандагӣ дар шароити хона ва ичрои чараёнҳои технологӣ, чиҳозот бо чунин тартиб тақсим мегарданд:

**1.** Чиҳозоте, ки дар тайёркунӣ ва гармкунии таъом ва маҳсулоти пазандагӣ истифода мешаванд: плитаи газӣ ё ки баркӣ, духовкаҳо, маҳсулоти баркӣ, чойчўшонаки баркии об, печи микромачро, тостер, тухмчўшонак ва ғайра.

**2.** Чиҳозоте, ки ба коркарди механикии озуқаворӣ таъин гардидаанд: чиҳози гўштқимакунак, тозакунии сабзавот ва дигар чиҳоз, шарбатгирӣ.

**3.** Чиҳозе, ки ба озуқаворӣ коркарди ғайримеханикӣ мерасонанд: чевонҳои зарфнигоҳдор, мизҳо, тахтакашҳо, кордҳо, болғачаҳо, зарфҳо ва анчоми ошхона.

**4.** Чиҳозоте, ки барои дастархонкушоӣ заруранд: мизу



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

курсиҳо, сервисҳо ва асбобу анҷоми ошхона, дастархон ва дастпокҳо.

Ҷиҳози дар ошхона истифодабарӣ, асбоб ва зарфҳое, ки ба тағйирёбии ҳарорати моддаҳои шустанӣ, воситаҳои безараркунонӣ тобоваранд, сатҳашон ҳамвор, соф шуданашон лозим аст. Ба ҷиҳози ғайримеханикии ошхона мизҳо, зарфҳо, ваннаҳои маҳсулотшӯйӣ ва ғайра медароянд. Сатҳи мизҳо бо маводи обнагузаранда рӯкаш мегарданд.

Зарфҳо бо оби гарм баробари андохтани соддаи истеъмолӣ, воситаҳои шустушӯ бо ёрии ҷиҳози дахлдор шуста мешаванд. Зарфҳои даҳонашон тангро бо чӯткаҳои махсус мешӯянд. Дохили чойникҳои рухгирифтаро бо оби соддаи истеъмолӣ дар об ҷӯшонда, баъд мешӯянд.

Ҳангоми тайёркунии таъом дегу тобаҳои ҳаҷмашон ҳархела, дегчаи сирдор, ҳамчунин тағораҳои сирдор истифода мешаванд. Барои азнавкоркарди маҳсулот аз ҷиҳозу асбобҳои махсус истифода мебаранд. Ба ҷумлаи онҳо тахтачаҳои гуногун, тахтаву тирак, навардча, ғалбер, элак, кафккунанда, тағорачаҳои бузургиашон мухталиф, асбоби буррандаи шаклдор, қолибҳои ширинӣ дохил мешавад. Дар даври ҳозира аз намудҳои замонавии анҷомҳои мазкур истифода мебаранд. Алалхусус, зарфҳои гуногун, қасқонҳо, дегчаҳои сирдор, чойҷӯш, зарфҳои коҳу, обҷӯшак, микроволновка, чойникҳои замонавӣ, кордҳои андозаашон гуногун, шарбаттайёркунак ба ҷумлаи онҳо медарояд. Ба воситаи истифодабарии онҳо машғулиятҳо шавқовар мегузаранд, ҳамчунин малакаи донишомӯзон аз рӯйи истифодаи анҷомҳои рӯзгор, асбобу ускунаҳо баланд мегардад. Барои дар ошхона маҳсулотро бурида пора кардан аз тахтакашҳо истифода мебаранд. Тахтаҳои буридани гӯшти хом, кордҳо алоҳида ҷудо карда, аломатҳо гузошта мешавад, яъне «ГХ» (барои гӯшти хом). Барои буридани гӯшти пухта, колбаса (ҳасиб), панир, нон ва ғайра тахта ва кордҳои алоҳида истифода мегарданд:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

яъне «СХ» (сабзавоти хом), «ГП» (гӯшти пухтагӣ), «СП» (сабзавоти пухтагӣ), «Н» (нон) ва дигар ҳарфҳо гузошта мешаванд.

## Ҷиҳозоти ошхонаи замонавӣ

**Комбайни ошхона.** Комбайни ошхона ҷиҳози универсалӣ буда, якчанд вазифаро ба иҷро мерасонад. Бо ин ҷиҳоз сабзавотро пора кардан, аз меваву сабзавот шарбат гирифтан, ҳамир намудан, гӯштро пора кардан, коҳуро омехта кардан ва дигар корҳоро ба иҷро расондан мумкин аст. Барои дар комбайн пора кардани сабзавот аввало коркарди аввалин гузаронда, он шуста мешавад. Сабзавотро дар андозаву шакли дилхоҳ пора кардан мумкин аст.

**Гӯштқимакунак** барои гӯштро қимакунӣ, тайёркунии массаҳои котлет истифода мешавад.

**Миксер.** Миксер асосан барои кафккунонии сафедаи тухм, тайёркунии креми торт истифода мегардад.

**Шарбатбарор.** Шарбатбарор барои фишурда гирифтани шарбатҳои меваву сабзавоти гуногун мавриди истифода аст.

**Плитаи газ.** Плитаи газ ҷиҳози аз ҳама бештар истифодашавандаи ҳароратбахш дар шароити хона ба ҳисоб меравад. Онҳо асосан чорхонадор буда, ҳоло панҷхона-



**Расми 6.** Комбайни ошхона.



**Расми 7.** Гӯштқимакунак.



**Расми 8.** Миксер.



**Расми 9.** Шарбатбарор.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дорашон истифода мешавад. Хонаҳои онҳо дар андозаҳои гуногун буда, барои маҳсулотро дар оташи паст ё баланд пухтан таъин шудаанд. Қисми духовкаи плита барои пухтани ҳар гуна маҳсулоти пазандагӣ ва кулчаҳои равғании маҳсулоти пазандагӣ муқаррар гаштааст. Барои равшан кардани духовка лампочка, ҳамчунин, таъмини ҳарорати зарурӣ барои пухтани кулчаҳои равғанин терморегулятор гузошта шудааст. Барои хабар расондан аз хусуси пухтани таъому маҳсулот зангӯлача гузошташуда, дар плитаи газ тугмачаи даргиранда мавҷуд аст. Ҳангоми кор бо плитаи газ ба қоидаҳои бехавфии техникӣ қатъиян риоя кардан лозим аст. Дар ҷое, ки плитаи газ гузошта шудааст, ҳатман бодгузарак (форточка)-и тиреза шуданаш



**Расми 10.** Плитаи газ.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Намудҳои ҷиҳозотеро номбар кунед, ки дар пазандагӣ истифода мегарданд.
2. Намудҳои зарфҳоеро номбар кунед, ки дар ошхона истифода мешаванд.
3. Ҳангоми истифода аз ҷиҳози ошхона ва зарфҳо аз чӣ гуна қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ ва бехатарии меҳнат истифода мебаранд?
4. Зарфҳои ошхона дар ҷевонҳо чӣ тавр нигоҳ дошта мешаванд?
5. Барои чӣ маҳсулоти гуногун дар тахта ва кордҳои алоҳида пора карда мешаванд?
6. Комбайни ошхона кадом вазифаро иҷро мекунад?

## Машғулияти амалӣ. Қоидаҳои ҷӯшондани сабзавотҳо

Таъомҳои аз сабзавот тайёршуда дар хӯрокхӯрӣ аҳамияти муҳим доранд. Онҳо дар организм осон ва тез



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳазм мегарданд. Таъомҳои сабзавотӣ ба ҳазмкунии хӯрок, хуб гардидани фаъолияти рӯдаҳо ёрии калон мерасонанд. Сабзавотҳоро ҷӯшонда, зирбонда, буғ карда пухтан мумкин аст.

Ҳангоми ҷӯшондани сабзавот ба инҳо амал кардан зарур аст:

1. Сабзавотро ҷӯшонда, таъом тайёр карданӣ бошанд, онро каме ба оби ҷӯшони намакдор андохта, дар оташи паст мепазанд. Дар ин сурат серғизогии онҳо ҳифз гардида, фоиданокии моддаашон нест намешавад ва мояашон пора-пора намегардад.
2. Лаблабу ва сабзӣ дар оби бенамак ҷӯшонда мешавад. Чунки оби намакдор ба таъми онҳо зарар мерасонад.
3. Ҳангоми ҷӯшондани сабзавот об бояд онҳоро 1–1,5 см пӯшонад. Агар об бисёр бошад, моддаҳои ғизоии онҳо кам мегардад.
4. Бо мақсади пешгирии нест нашудани витамини С сабзавот бояд дар зарфи пӯшида ҷӯшонда шавад.

### Тайёркунии шӯлаи (бӯтқаи) картошка

**Асбобу зарфҳое, ки барои машғулияти амалӣ заруранд:** дегча барои ҷӯшондани картошка, тағорачаи 2 литра, блендер ё ки ҷиҳози ғиҷимкунаки картошка, ликопчаҳо, қошуқ, чангол.

**Маҳсулоти зарурӣ:** 300 г картошка, 40 г шир, 10 г равғани зард.

**Тартиби иҷрои кор: 1.** Пӯсти картошка тоза карда, шуста, ба порчаҳо тақсим мегардад ва дар оби намакин ҷӯшонида пухта мешавад. **2.** Баъди пухтани картошка обаш рехта, дар гармо-гармиаш ғиҷим мекунанд. **3.** Ба картошкаи ғиҷимшуда ба оҳистагӣ шири ҷӯшонида ва равғани зард омехта, намакашро месанҷанд.

Шӯлаи ин гуна картошкаро ба сифати ҳам таъоми алоҳида, ҳам ба сифати гарнир (хӯриши таъом) дар таъоми ғафс додан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4.** Шӯла ба дастархон ба ликопча андохта дода, бо қошуқ «нақш» бароварда пардоз мешавад, ба болояш равғани зард рехта, сабзаҳо мепошанд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Сабзавотҳоро бо кадом усулҳо мепазанд?
2. Ҳангоми ҷӯшонида пухтани сабзавотҳо бояд ба чиҳо аҳамият дод?
3. Барои тайёркунии шӯлаи картошка чӣ гуна асбоб ва зарф, ҳамчунин маҳсулот зарур мешавад?
4. Ҷараёни тайёркунии шӯлаи картошкаро бозгӯ намоед.

## 1.4. ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЙЁРКУНИИ ТАЪОМҲО

### Тухм ва қимати ғизоии он, усулҳои пухтан. Қоидаҳои гузоштан ба дастархон

Тухм маҳсулоти серғизо буда, дар таркиби он сафеда, моддаҳои маъдании калсий, фосфор, витаминҳо бисёр аст. Асосан тухми мурғ ба фурӯш бароварда мешавад. Вазни тухми мурғ байни 45–55 г мешавад.

Дар натиҷаи ба пӯсти тухм дохил шудани ҳаво ва микроорганизмҳо сифаташ ба тезӣ вайрон мешавад. Пӯсти тухми нав хира мешавад. Пӯсти тухми кӯҳна суфтаву ялаққос мегардад. Пардаи зери пӯст ниҳоят пухта аст ва сафедаи тухмро нигоҳ медорад. Сафеда қисми асосии тухм буда, ниҳоят серғизо мебошад, дар организм пурра ва ба тезӣ ҳазм мешавад. Ҳангоми тайёркунии ғизо ва дигар маҳсулот аз тухм сифат ва мӯҳлати коршоямии он аҳамияти муҳим дорад. Тухми навро ҷӯшонда зирбонда истеъмол карда, барои крем ва хамираи торт истифода мебаранд. Тухмро барои пухтани ҳар гуна пухтаниҳо кор мефармоянд. Аз тухме, ки дар хонаи сард бештар нигоҳ дошта шудааст, барои тайёркунии хамир, ба сатҳи маҳсулоти хамирӣ молидан истифода мебаранд. Пеш аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

истифодаи тухм, албатта, сатҳаш дар оби мӯътадил шуста мешавад.

## Усулҳои тухмро ҷӯшонида пухтан

Тухмро бо се усул ҷӯшондан мумкин аст:

**1.** Тухмро ба оби ҷӯшон 3–5 дақиқа андохта, тухми мазкур бо хомохомиаш истеъмол (фурӯ бурда) мешавад.

**2.** Тухмро ба об андохта, 7–8 дақиқа ҷӯшонда, бо усули «халтача» пухтан. Дар ин ҳолат сафедаи тухм пухта, зардинааш дар ҳолати моеъ мемонад ва дар организм ба осонӣ ҳазм мешавад. Сипас барои осон кӯчидани пӯстлохи тухм ба оби хунук меандозанд.

**3.** Тухмро ба об андохта, 10–12 дақиқа ҷӯшонем, сахт шуда мепазад ва онро дар тайёркунии коҳуҳо (салатҳо), таъомҳо кор фармудан мумкин аст.

## Усулҳои зирбондани тухм

Тухмро бирён карда (зирбонда) қуймоқи яклухти тухм, омлет (тухмбирён), чалпак пухтан мумкин аст.

**Қӯймоқи яклухти тухм:** 4 дона тухм, 15 г равған.

Тухмро шикаста ба тобаи равғанаш каме тафсида зардиаш паҳн нашуда андохта, ба рӯяш намаки майда мепошанд. Дар ин ҳолат оташ паст шуданаш лозим,



**Расми 11.** Тухми ҷӯшондашуда.



**Расми 12.** Қӯймоқи яклухти тухм.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар акси ҳол канораи тухм месӯзад. Тухм 2–3 дақиқа то сафедааш сахт нашудан омехта накарда, зирбонда мешавад, зардаи миёнааш чун чашм намудор шуда меистад. Тухми пухтаро ба ликопча андохта, ба дастархон мегузоранд.

**Омлет** (тухмбирён): 2 дона тухм, 30 г шир, 5 г равған.

**1.** Тухмро ба зарф шикаста, шир, намакро ҳамроҳ карда хуб меомезанд.

**2.** Ба равғани доғшудаи тоба маҳсулоти тайёршуда тунук карда рехта, дар оташи баланд пухта мешавад.

**3.** Омлет ғафс шавад, дар зераш қабати сурхчатоб ҳосил гардад, пухтагӣ ба ҳисоб меравад.

**4.** Канораи омлети тайёрро ба миёнааш тоб хӯронда, дар шакли дарозрӯя мепечонанд.

**5.** Ҳангоми ба дастархон гузоштан ба ликопча андохта, ба рӯяш равғани зард мерезанд. Бо омлет гӯшту қима, ҳасиб, ҳасибчаи пухта, нон, сабзаҳо ва дигар маҳсулотро якҷоя карда зирбондан мумкин аст.

**Қуймоқи ӯзбекӣ:** 2 дона тухм, 15 г орд, 10 г равған, 50 г шир, 2 г намак.

**1.** Ба шири ширгарм намак, орд андохта, хуб омехта, ба он тухмро шикаста ҳамроҳ мекунанд.

**2.** Ба тоба равған андохта, ба он дар ғафсии 1 см маҳсулоти тайёршуда бо қошуқ рехта, рӯяш то сурх шудан пухта мешавад.

**3.** Қуймоқи тайёрро ба ликопча андохта, ба рӯяш равғани зарди обкардашуда рехта, ба дастурхон мегузоранд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Тухм аз рӯи сохт аз кадом қисмҳо иборат аст?
**2.** Сифати тухмро чӣ тавр донистан мумкин аст?
**3.** Усулҳои ҷӯшондани тухм чӣ гунаанд?
**4.** Аз тухм тайёр кардани қуймоқи яклухтро гуфта диҳед.
**5.** Намудҳои аз тухм омодасозии омлет ва тайёркуниашро гӯед.
**6.** Қуймоқи ӯзбекӣ чӣ тавр тайёр карда мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Машғулияти амалӣ. Тайёркунии нӯшобаҳои гарм. Усулҳои дамкунии чой ва қаҳва

Дар ғизохӯрӣ ба сифати нӯшобаҳои гарм чой, қаҳва, какаоро менӯшанд. Чой аз қадим ба сифати нӯшобаи шифобахш, бардамкунанда машҳур аст. Дар таркиби чой моддаи кофеин буда, вай ба системаи асаби кас, фаъолияти дил таъсир расонда, шахсро бардам месозад, ташнагиро бартараф менамояд. Навъҳои кабуду сиёҳи чой мавҷуд аст. Моддаҳое, ки ба таркиби онҳо дохиланд, дар оби хунук маҳлул намешаванд. Аз ҳамин сабаб ҳар чӣ қадар дар оби ҷӯшон дам гардад, баромадани он ҳамон қадар хуб, бӯяш тез мешавад. Агар чой ба чойник якбора пур карда, дар оби хунук дам карда шавад, моддаҳои таркиби чой танҳо 10–15 фоиз маҳлул шуда, ба об мегузаранд ва чой хуб намебарояд.

Чойи дамкардашударо аз +70° С паст нафуроварда, ба пиёлаҳо ё ки стаканҳо рехта, ба дастархон мегузоранд. Бо чой одатан якҷоя қанд, мураббо, асал, лимӯро мегузоранд. Ба ғайр аз ин, маҳсулоти қаннодӣ, ширавор, торт, кулчақандро ҳам гузоштан мумкин аст.

Ӯзбекҳо ҳам чун дигар халқҳо чойро дӯст медоранд мекунанд. Чойи гарм дар ҳамаи фаслҳои сол ба дил намезанад. Ба дастархони ӯзбек барои нонушта бисёр вакт чойи сафед, ширчой ҳам тайёр карда мешавад. Қаҳва аз меваи дарахти қаҳваи мамлакатҳои тропикӣ гирифта мешавад. Қаҳва нӯшобаи тез буда, ба системаи асаб ва фаъолияти дили кас таъсири пурзӯр мерасонад. Дар таркиби қаҳва ба ғайр аз моддаи кофеин сафеда, карбогидрад, намакҳои маъданӣ, моддаҳои хушбӯй мавҷуд аст. Онҳо ба савдо дар намуди дони яклухт, дар ҳоли хокаи кӯфташуда ва тез маҳлулшаванда бароварда мешаванд. Барои тайёркунии нӯшобаи қаҳвагӣ аз қаҳваҷӯшонакҳои махсус истифода мебаранд. Барои ба дастархон гузоштан аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маҷмӯаи зарфҳои махсус истифода мебаранд. Якчанд усули ба дастархон гузоштан ва дамкунии қаҳва мавҷуд аст.

**Асбобу зарфҳои зарурӣ.** Барои ҷӯшондани об аз чойники «Тефал» ё ки чойники махсус, плитаи барқӣ ё газин, дегчаи сирдори ғунҷоишаш 3 л, қаҳваҷӯшонак, чойники ғунҷоишаш 1 л, пиёлаҳо, л икопчаҳо, сервисҳои қаҳва, чашка, қошуқи чой истифода мебаранд.

**Тартиби дамкунии чой.** Маҳсулоти зарурӣ: 1 л об, 20 г чойи сиёҳи хушк ё ки чойи кабуд.

**1.** Барои чойдамкунӣ чойник бо оби гарм шуста мешавад.

**2.** Ба чойник чойи хушк андохта, ба 1/3 қисми ҳаҷми чойник оби ҷӯш рехта, 5–7 дақиқа сарпӯши чойник пӯшонда, дам мегардад.

**3.** Сипас оби ҷӯшидаро рехта чойник пурра карда ба дастархон бо гармогармиаш гузошта мешавад.

**Тартиби дамкунии чойи сафед.** Маҳсулоти зарурӣ: 2,5 л шир, 1 л об, 2 чойқошуқ чойи хушки сиёҳ, мувофиқи табъ равғани зард.

**1.** Дар дегчаи сирдор (кострюлка) як литр об ҷӯшонда, ба он чойи хушкро меандозанд.

**2.** Баъди ранг гирифтани чой ба он ширро ҳамроҳ карда, 8–10 дақиқа ҷӯшонда мешавад.

**3.** Дар анҷоми ҷӯшиш каме намак меандозанд.

**4.** Чойи сафеди тайёр ба пиёлаҳо рехта, ба рӯяш ним чойқошуқ равғани зард мувофиқи табъ андохта, ба дастархон мегузоранд.

**Тартиби тайёркунии ширчой:** Маҳсулоти зарурӣ:

1 коса қаймоқ, 3 чойқошуқ чойи хушк, 1 чойқошуқ намак, мувофиқи табъ мурч.

**1.** Ба дегчаи сирдор 1,5–2 л обро андохта мечӯшонанд. Сипас чойи сиёҳи хушк андохта, боз 2–3 дақиқа ҷӯшонда мешавад



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**2.** Қаймоқро андохта хуб меомезанд, каме намак ҳам меандозанд.

**3.** Ширчой баъди 2–3дақиқа ҷӯшондан мепазад.

**4.** Ширчойро ба пиёлаҳои калон рехта, бо ҳар як пиёла ним чойқошуқ равғани зард, мувофиқи табъ мурч андохта ба дастархон мегузоранд.

**Тартиби тайёркунии қаҳваи сиёҳ:**

**1.** Ба 1 литр оби қаҳвачӯшонак 10 г қаҳваи майдаи тез маҳлулшаванда андохта, то ҷӯшидан гарм карда мешавад, лекин намеҷӯшонанд.

**2.** Қаҳваи тайёрро ба чашкаҳо рехта, дар зарфи алоҳида бо шакар ё ки қанд якҷоя пешкаш мегардад.

**Тартиби дар шир тайёр кардани қаҳва.** Маҳсулоти зарурӣ: 6 г қаҳваи кӯфташуда, 2,5 г шакар, 75 г шир.

**1.** Дар дегчаи сирнок қаҳваи сиёҳи ғафс тайёр карда мешавад.

**2.** Шир ҷӯшонда, сипас шакар ва қаҳваи сиёҳ ҳамроҳ карда, онро боз то ҷӯшидан метафсонанд.

**3.** Қаҳваи тайёр ба стакан ва ё чашкаҳо рехта, ба дастархон гузошта мешавад.

**Тартиби тайёркунии какао.** Маҳсулоти зарурӣ: 6 г хокаи какао, 25 г шакар, 130 мл шир.

**1.** Хокаи какао бо шакар омехта мешавад.

**2.** Ба ин масса каме шири ҷӯшон андохта, хуб омезиш медиҳанд.

**3.** Сипас шири боқимонда рехта, то ҷӯшидан тафсонда мешавад.

**4.** Какаои тайёрро ба стаканҳо ва ё чашкаҳо рехта, ба дастархон мегузоранд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Кадом намудҳои нӯшобаҳои гарм мавҷуд аст?
**2.** Чой ба организм чӣ аҳамият дорад?
**3.** Тартиби дамкунии чойро гӯед.
**4.** Чӣ тавр тайёр шудани чойи сафедро бигӯед!



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**5.** Барои тайёр кардани ширчой чиҳо заруранд?
**6.** Усулҳои қаҳвадамкунӣ чӣ гунаанд?
**7.** Қаҳваи ширдор чӣ тавр дам карда мешавад?
**8.** Ҳангоми тайёркунии какао бояд ба чӣ эътибор дод?

## Машғулияти амалӣ. Тайёркунии таъомҳои яхна аз сабзавот

Таъоми яхна ва дигар газакҳо ҳам намуди сабуки ғизост. Азбаски онҳо аз сабзавоти тару тоза тайёр карда мешаванд, аз витаминҳо, намакҳои маъданӣ, туршиҳои органикӣ серобанд. Таъомҳои яхна дар боби кушодани иштиҳо, ҳазмкунии хӯрок, хуб шудани фаъолияти рӯдаҳо аҳамияти калон доранд. Таъомҳои яхна аз рӯи намуди зоҳирӣ, зебдиҳӣ, таъм бо рангу шакли мухталифи худ аз дигар таъомҳо фарқ мекунанд. Газакҳо (хӯриш) гарм шуданашон мумкин аст. Умуман таркиби онҳо фақат аз маҳсулоти асосӣ иборат буда, таъомҳои бе гарнир ё бо гарнир пешкашшуда таоми (газаки) яхна номида мешавад.

Рӯйи таъоми яхна ва газак ҳангоми ба дастархон гузоштан бо сабзаҳои барги коҳу ё ки дигар сабзавот дар шакли зебо оро дода мешавад. Таъомҳои яхна ва газакҳоро ба ликопчаҳо, зарфҳои чиннӣ ё дигар зарфҳои махсуси коҳу гузошта, ба дастархон мегузоранд.

Ҳангоми тайёркунии таомҳои яхна ба қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ қатъан риоя кардан зарур аст, чунки онҳо пеш аз ба дастархон гузоштан гарм карда намешаванд. Ҳарорати таъомҳои яхнаи ба дастархон гузошташаванда +10–12° шуданаш лозим аст.

### Тайёркунии таъомҳои яхна аз сабзавоту гӯшт

**Асбобу анҷомҳои зарурӣ:** плитаи баркӣ ё газӣ, дегчаи сирдори 3 л-ра ё ки дег, тағорачаҳо бо бузургии гуногун, тахтакашҳо, кордҳо, омезишдиҳандаи махсус, ликопчаҳо, зарфҳои коҳу, қошуқ, чангол (чангча).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Венегрети сабзавотӣ

**Маҳсулоти зарурӣ:** 300 г картошка, 200 г лаблабуи сурх, 150 г сабзӣ, 200 г бодиринги намакзада, 300 г карами шӯр, 200 г пиёзи кабуд, 100 г равғани коҳу.

**Тартиби иҷрои кор: 1.** Лаблабуи сурх ва картошкаи пухташуда, сабзии пӯсташ тозакардаро бо усули кубача майда пора карда мешаванд.

**2.** Пиёзи кабуд, сарпиёз майдаву пора мешавад.

**3.** Бодиринги намакзада ва карами шӯрнокро майдаву пора менамоянд.

**4.** Ба ғайр аз лаблабу боқимондаи таъоми сабзавотро меомезанд.

**5.** Равғани коҳу андохта, шӯрнокиаш санҷида мешавад.

**6.** Ба коҳуи тайёршуда аз ҳама охир лаблабуро меомезанд. Аз маҳсулоти ба даруни коҳу андохта шаклҳо сохта, зеб медиҳанд ва ба дастархон мегузоранд.

## Коҳуи гӯштдор (оливйе)

**Маҳсулоти зарурӣ:** 65 г гӯшт, 55 г картошка, 40 г бодиринги намаккарда, 15 г тухм, 30 г майонез, 15 г нахӯди кабуд.

**Тартиби иҷрои кор: 1.** Гӯшти пухта, тухм ва картошка дар шакли кубачаи хурд пора карда мешавад.

**2.** Бодиринги намаккарда дар шакли кубача майда реза карда мешавад.

**3.** Маҳсулоти порашударо омехта, намакаш санҷида, нахӯди кабудро ҳамроҳ менамоянд.

**4.** Маҳсулоти омезишёфтаро ба майонез ҳамроҳ мекунанд.

**5.** Коҳуи тайёршударо ба зарфи махсус меандозанд, сатҳашро бо сабзаҳо оро дода, ба дастархон мегузоранд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Таъомҳои яхна ба организм чӣ гуна аҳамият доранд?
**2.** Газак гуфта чиро мефаҳмед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**3.** Ҳангоми тайёркунии таъомҳои яхна бояд ба кадом қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ риоя намуд?
**4.** Маҳсулоти тайёркунии винегрети сабзавотро бозгӯ намоед.
**5.** Коҳуи гӯштнок чӣ тавр тайёр мегардад ва ба дастархон мегузоранд?

## Тайёркунии бутерброд (кулча)-ҳои барои кушод, пӯшида, газак омодашуда ва тартиби гузоштан ба дастархон

Бутербродҳо газаки бештар тайёршаванда ба ҳисоб мераванд, онҳо аз ҷиҳати тайёркунӣ ба намудҳои пӯшида, кушода, газакӣ ҷудо мешаванд. Бутербродҳо асосан барои нонушта омода мегарданд.

**Бутербродҳои кушода.** Барои тайёр кардани ин бутербродҳо нони бӯлка ё ки батон тахминан ба 1 см ғафсӣ, вазнаш 40 г ҳамвор карда бурида мешавад. Ба рӯйи порчаи нон маҳсулоти тайёршуда дар шакли пӯшида ҷойгир мешавад. Маҳсулот ба 1–3 порча тақсим шуда, бутерброд аз як ё чанд хел маҳсулот тайёр шуданаш мумкин аст (расми 13).




**Расми 13.** Бутербродҳои кушода




**Расми 14.** Бутербродҳои пӯшида



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 15.** Канапе.

**Бутербродҳои пӯшида.** Нони бутербродҳои пӯшида нисбати бутербродҳои кушода ғафстар бурида мешавад. Дар рӯйи (сатҳи) онҳо тунук карда равғани зард молида, ба болояш маҳсулот мегузоранд, баъд бо нонпорча пӯшонда мешавад (расми 14).

**Бутербродҳое, ки барои газак омода мешаванд (канапе).** Барои тайёр кардани онҳо порчаи нони мулоим дар шакли кубаи хурд, ромб, доира бурида, баъд дар тобаи тафсон ду тарафаш сурх карда гирифта мешавад. Баъди хунук шудани нон ба болояш равғани зард мемоланд ва ба шакли он мувофиқ маҳсулот мегузоранд. Болояш бо сабзавот, сабзаҳо оро дода мешавад. Бутерброди мазкур чанд қабат карда, аз якчанд маҳсулот тайёр шуданаш низ мумкин аст (расми 15).

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Бутербродҳо аз ҷиҳати тайёркунӣ чанд намуд доранд?
2. Бутербродҳои кушода чӣ тавр тайёр карда мешаванд?
3. Бутербродҳои пӯшида чӣ тавр омода мешаванд?
4. Бутербродҳо (канапе) барои газак чӣ тавр тайёр карда мешаванд?

## Тайёркунии қуймоқ ва тартиби гузоштан ба дастархон

Маҳсулоти хамирин баробари ҳамроҳкунии шир ё ки об, шакар, равған, тухм ва дигар маҳсулот якҷоя тайёр



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

карда мешавад. Қӯймоқ ҳам як навъи маҳсулоти хамирин мебошад. Барои тайёркунии хамир сараввал орд бехта, шир гарм карда, тухм дар оби ширгарм шуста мешавад.

**Асбобу анҷомҳои зарурӣ:** плитаи барқӣ ё газӣ, дегчаи сирнок, тоба, кафкҳосилкунак, ликопчаҳо, чангол.

### Тайёркунии қӯймоқи творогдор

1 Барои 1 кг қӯймоқ меъёри маҳсулоти зарурӣ: орд 400 г, шир 1 л, тухм 4 дона, шакар 25 г, намак 8 г, равғани растанӣ 20 г, творог 300 г.

**Тартиби иҷрои кор: 1.** Ба дегчаи сирнок (кострюлка) тухм, шакар, намак андохта, омехта карда, хуб кафк дода, ба он нисфи шир ҳамроҳ намуда, орди бехтаро андохта хамири моеъ омода мекунанд.

**2.** Баъд хамир бо як хел ғафсӣ ҳамвор карда, омехтаи шири боқимонда андохта ва равғани растанӣ ҳамроҳ карда хуб меомезанд.

**3.** Тобаро тафсонда равғани растанӣ молида, хамири моеъи тайёршуда бо кафлез андохта ҳамвор карда, ба тоба рехта мешавад.

**4.** Дар тоба аввало як тараф, сипас тарафи дигари хамирро бо оташи миёна пухта мегиранд.

**5.** Хамири қӯймоқи пухта ба лаган андохта тахт карда мешавад.

**6.** Барои қӯймоқ қимаи творогӣ тайёр карда мешавад. Творог хуб ғиҷим карда, ба он мувофиқи табъ шакар, сметана омехта мешавад.

**7.** Хамири қӯймоқ паҳн карда, ба мобайнаш қимаи творогӣ рехта, дар шакли лифофа печонда мешавад.

**8.** Пеш аз ба дастархон гузоштан қӯймоқи печонда-



**Расми 16.** Қӯймоқи. творогдор



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шуда ба тобаи тафсони равғанмолида гузошта, ду тарафаш то сурх шудан зирбонда мешавад ва ба ликопча андохта, ба рӯяш равғани зард ё ки сметана молида, ба дастархон мегузоранд (расми 16).

### Тайёркунии қӯймоқи мураббогин

Барои 1 кг қӯймоқи мураббогин маҳсулоти зарурӣ: орд 400 г, шир 1 л, тухм 4 дона, шакар 25 г, намак 8 г, равғани растанӣ 20 г, мураббо 200 г.

**1.** Барои тайёр кардани қӯймоқи мураббогин чун қӯймоқи творогӣ хамири моеъ тайёр мекунанд.

**2.** Дар тобаи сатҳаш равғанмолида ду тарафи хамир дар оташи миёна сурх карда пухта мешавад.

**3.** Хамири пухтаро ба лаган меандозанд.

**4.** Хамир гирифта, ба рӯяш мураббо мемоланд ва чорқат карда, дар лаган тахт карда мемонанд.

**5.** Қӯймоқи мураббогин дар ҳолати сардӣ ба дастархон гузошта мешавад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Барои қӯймоқ хамир чӣ тавр тайёр карда мешавад?
2. Барои хушсифат баромадани маҳсулоти хамирин бояд ба чӣ эътибор дод?
3. Пайдарҳамиро ҳангоми тайёркунии қӯймоқи творогӣ гуфта диҳед.
4. Қӯймоқи тайёр ба дастархон чӣ тавр гузошта мешавад?
5. Қӯймоқи мураббогин чӣ тавр омода мегардад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ АЗНАВКОРКАРДИ ГАЗВОР

## 2.1. Мафҳумҳои умумӣ

Президентамон И.А.Каримов дар асари худ «Маънавияти воло – қувваи мағлубнопазир» («Юксак маънавият – енгилмас куч» таъкид намудаанд, ки ташаккулёбии маънавияти донишомӯзон ба низоми таълиму таълим бевосита вобаста мебошад. Дар ҷараёни ба амал баровардани ин таълиму тарбия ба пурзӯр кардани заминаи моддиву техникии мактабҳои таълими умумӣ эътибори калон дода мешавад. Пурсамар гардидани дарсҳои таълими меҳнат, ки дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ пеш бурда мешаванд, аз бисёр ҷиҳат дар таъминоти дурусти моддии хонаи таълимии технологияи коркарди газворҳо намудор мешавад.

Бо мақсади кам кардани таъсири мағалҳое, ки дар ҷараёни машғулиятҳои таълими меҳнат сар мезананд, технологияи коркарди газворҳо дар хонаи алоҳидаи таълимӣ ҷойгир карда мешаванд. Хона барои пеш бурдани корҳои дӯхту дӯз ва бурандагӣ тахассусонида мешавад. Хона фарох, равшан, хушк, ба 10–12 донишомӯз таъин гардида, дар як кунҷаш хонаи либоспӯшӣ ҷудо карда, албатта, дорои оина мебошад. Барои нишон додани корҳои дар хона ба иҷро расида ҷевону тахтаҳои намоишгоҳӣ, маникенҳо, ҷевон барои нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои намоишгоҳу техникӣ шуданаш лозим аст. Хона бо стендҳои тарғибкунандаи корҳои донишомӯзон ҷиҳозонида, онҳоро «Маликаи дӯзандагӣ», «Дӯзандаи моҳир», «Аз чок то ашё», «Дизайнери ҷавон» гуфта номгузорӣ кардан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар хона ба ҳар ду донишомӯз якто мошини дӯзандагии маишӣ, аз рӯйи имконият барои истифодаи умумӣ мошинаҳои махсус, мизи дарзмол бо аппарати обпошиаш, мизи буррандагӣ мешавад. Ба болои мизи дарзмол аз газвори чит ғилоф дӯхта, дар вақт-вақташ тозаву иваз карда мешавад. Ҳангоми кор бо дарзмол ба зери пой қолинчаи резинаро паҳн мекунанд. Дар хона қайчиҳои хурду калони бурандагӣ, хаткашаки калон, лентаи сантиметрнок, якчанд қуттиҳои корӣ мешавад. Дар онҳо олоти кории ба чараёни дӯзандагӣ зарур: қайчӣ, маҷмӯи сӯзанҳо, сӯзанак, ҳалқаи корддор, изҳосилкунанда, бӯр, лентаи сантиметрнок, ангуштпона, қалам, хаткашаки масштабнок мешавад. Донишомӯзе, ки ба хонаи таълим медарояд, дар корҷома шуданаш талаб карда мешавад.

## Қоидаҳои бехавфии техникӣ ва талабҳои санитарӣ-гигиенӣ

Хонаи таълимии технологияи коркарди газвор ба талабҳои санитарӣ-гигиенӣ ва қоидаҳои бехавфии техникӣ ҷавоб доданаш лозим аст. Ҳарорати хона 19–21° С буданаш зарур мебошад.

Хона дар вақт-вақташ бояд шамол дода шавад. Ҳавои хона ба воситаи дару тиреза, бо усули механикӣ баробари истифодаи шамолдиҳак (вентилятор) иваз мегардад. Ба ғайр аз ин, хонаро дар фасли зимистон бо ёрии шабакаи махсуси гармӣ гарм кардан лозим аст. Хуб равшан кардани хонаи таълимии технологияи коркарди газвор аҳамияти калон дорад. Дар паҳлӯи ҷойи корӣ ба худ мувофиқ қоидаҳои бехавфии меҳнат овехта мешаванд. Дар хона ҳатман қуттии тиббӣ – «аптечка» шуданаш лозим аст, ки бо маҷмӯи доруҳои зарурӣ барои ёрии аввалини тиббӣ фаро гирифта шудаанд. Дар назди қуттии дору нишонии манзили маскани аз ҳама наздики даво ва нақшаи ба он рафта расидан буданаш зарур аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Вазифаҳои донишомӯзони навбатдор дар давоми дарс:**

**1.** Санҷидани истифодаи асбобу анҷоми ҷиҳозоти хона, саранҷомии хона.

**2.** Паҳн кардани харитаҳои равиши нишондиҳандаи тартиби иҷрои корҳои амалӣ ва баъди анҷоми дарс ҷамъ карда гирифтани онҳо.

**3.** Баъди анҷоми корҳои амалӣ тозакунӣ ва шамолдиҳии хона.

**Қоидаҳои бехавфии техникӣ ҳангоми кор бо сӯзан, сӯзанак, қайчӣ:**

**1.** Сӯзан ва сӯзанакҳо дар зарфи махсус ва болинчаҳо нигоҳ дошта мешаванд.

**2.** Ашёро бо ёрии ангуштпона дӯхтан лозим аст.

**3.** Партовҳои сӯзанро ба гирду атроф напартофтан зарур аст.

**4.** Андозаҳои қайчӣ, сӯзанҳо ба либоси дӯхташаванда мувофиқ омаданашон лозим меояд.

**5.** Қайчӣ дар зарфи махсус бояд нигоҳ дошта шавад.

**6.** Ҳангоми қайчиро ба якдигар дароз кардани донишомӯзон тарафи тези он, нӯгаш ба донишомӯз набояд нигаронда шуда бошад

**Қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ, бехавфии техникӣ ҳангоми кор дар мошинаи дӯзандагӣ:** 1. Ба ҷойи кор равшанӣ аз пеш, ё аз тарафи чап афтоданаш лозим аст. 2. Нишастгоҳро ба рӯ ба рӯйи сӯзани мошина гузошта, сарро каме ба пеш хам карда нишастан зарур аст. 3. Байни дӯзандаву мошин 10–15 см шуданаш лозим аст. 4. Мӯйҳо дар зери рӯймол ҷамъ шуданаш лозим аст. 5. Коршоямии мошинаҳо, асбобу анҷомро санҷидан лозим аст. 6. Ҳангоми кор дар мошина ба дуруст будани ҳолати даст бояд эътибори ҷиддӣ дод. 7. Ба мошинаи коркардаистода равған молидан, аз болояш дароз кардани чизу чора манъ аст.

**Газворе, ки аз нахи растанӣ тайёр мешавад, хусусияти онҳо.** Газворҳое, ки дар ҷараёни дӯзандагӣ истифода



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мегарданд, мувофиқи таркиби нах ба газворҳои нахашон табиӣ ва кимиёвӣ тақсим мегарданд. Ба газворҳои нахашон табиӣ, газворҳо аз нахи пахта, зиғир, пашм, абрешим дохил мешаванд.

**Пахта** намро ба тезӣ қабул мекунад ва ба зудӣ хушк мешавад. Дар зери таъсири равшанӣ пахта ба оҳистагӣ пухтагии худро аз даст медиҳад. Ҳангоми дар 150° С дарзмол кардан нахи пахтаи хушк тағйир намеёбад, агар ҳарорат аз он баландтар гардад, каме зард мешавад, рангаш сиёҳтоб мегардад ва дар 250° С ба ангишт табдил меёбад. Нахи пахта алангаи зардчатоб дода месӯзад, моддаи хокистарранг ҳосил менамояд. Ҳангоми сӯзондани газворҳои нахашон пахтагин бӯйи коғази сӯхта ба димоғ мерасад.

**Нахи зағир** нисбати пахта намиро ба тезӣ ҷабида, ба зудӣ хушк мешавад, гармиро хуб мегузаронад, ҳангоми палмосидан ба даст сардӣ медиҳад. Ба таъсири дарзмоли тафсон хуб тобовар аст, чун пахта месӯзад.

**Хусусияти газворҳое, ки аз нахи пахтаву зағир бофта шудаанд.** Газворҳои аз нахи пахта бофта сабук, мулоим, тобоваранд. Либоси аз онҳо тайёршуда зебову созгоранд, ҳаворо хуб мегузаронанд, ба зудӣ шуста мешаванд. Ба зудӣ тоза шуда, ба ҳарорати баланд тобоваранд. Газворҳои мазкур пачақ намешавад. Ҳангоми шустан риштаи даста дароз мешавад, тез ғиҷим шуда, дарзмолро хуб қабул мекунад.

Газворҳо аз нахи зағир нисбати газворҳои нахашон пахтагин тобовар, аз рӯйи риштаи даста ва кӯндаланг кам дароз мешаванд, сахт, вазнин ва ғафстар мешаванд. Сатҳи газвори нахи зағир суфта, дарозшаванда аст, тез ғиҷим шуда, ба осонӣ дарзмол карда мешавад.

Риштаҳое ҳам, ки барои дӯхтани газворҳои пахтагин истифода мегарданд, тайёр карда мешаванд. Риш-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

таҳо ба чанд намуд тақсим мегарданд: риштаи мошин, риштаи зебдиҳӣ, риштаҳои дӯзандагӣ (абрешим ва мулина), риштаҳои бофандагӣ (расми 17).




**Расми 17.** Намудҳои ришта: 1–риштаи мошина; 2–риштаи зебдиҳӣ; 3–риштаи дӯзандагӣ; 4–риштаи бофандагӣ.

Бо риштаҳои мошина либос дӯхтан мумкин аст. Риштаҳои мошина риштаҳои оддӣ ва абрешимдор, капронӣ, лавсанӣ мешаванд. Аз чанд нах риштаҳо тайёр мегарданд. Нахҳо дар мошинаҳои махсус калоба карда, сафед намуда, ранг молида, аз крахмал баҳра бардошта ба ғалтакҳо печонда мешаванд. Дар саноати мо риштаҳои рақамашон 10, 20, 30, 40, 50, 60, 70, 80, 100 ва 120 тайёр гардида, баробари афзудани рақами ришта худаш бориктар шудан мегирад. Дарозии риштаҳои ба ғалтак печонда то 200, 500, 1000 метр мешавад. Онҳо сафед ва ранга буда, аз рӯйи сохт ба риштаҳои сур, бечило, чилодор тақсим мегарданд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Қоидаҳои асосии бехавфии техникиро дар хонаи коркарди газвор гӯед
2. Дар хонаи таълимӣ бояд ба кадом қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ риоя намуд?
3. Тартибу қоидаҳои дохилиро дар хонаи коркарди газвор бигӯед.
4. Ҷойи кори донишомӯз чӣ гуна равшан мегардад?
5. Ба газворҳои нахашон табиӣ чиҳо медароянд?
6. Аз хусуси газворҳое, ки аз нахи растанӣ (пахта ва зағир) тайёр машаванд, хусусиятҳои онҳо маълумот диҳед.
7. Фарқи газвори нахаш пахтагинро аз газвори нахаш зағирӣ фаҳмонед.
8. Дар бораи риштаҳое маълумот диҳед, ки дар саноатамон истифода мегарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Кори амалӣ. Бофтани сарҷа ва полотно. Муайянкунии тарафҳои рост ва баръакси газворҳо, риштаҳои барқад ва кӯндаланг



**Расми 18.** Порчаи газвори бофтааш полотно.

**Бофтани газвор.** Риштаҳои барқад ва кӯндаланг бо ҳам пайваста, газворҳо ҳосил мегарданд. Бофтани аз ҳама оддӣ бофтани полотно мебошад (расми 18.). *Бофтани полотно* дар байни газворбофӣ васеъ паҳнгардида буда, дар он риштаҳои барқад (тан) ва кӯндаланг (пуд) бо навбат меоянд, дар тарафи рости газвор як маротиба риштаи пуд, маротибаи дигар риштаи тан мебарояд. Риштаҳо дар ҳар як самт ҷой иваз мекунанд. Бо ин васила бофтаи тарафи росту чапи газворҳо як хел мешавад.

Бофтани полотно дар бофтани газвор васеъ паҳнгардида буда, он амалан дар ҳамаи газворҳои таркибашон нахдор дучор меояд. Масалан, дар газворҳои аз риштаи пахта бофташуда: чит, сурф, маркизет, брезент ва ҳоказо. Газворҳои бо роҳи бофтани полотно тайёршуда аз газворҳои сохти бофташон дигар бо пухтагӣ фарқ мекунанд, сахти газвор зич, ҳангоми бофтан сахт мешавад.

Фарқи газворҳои **бофташон сарҷа** аз газворҳои бофташон полотно аз ҳамин иборат аст, ки дар сатҳи рости газвор аз чап ба рост, аз паст ба боло саросари диагонал ҷӯяҳо ба назар мерасанд. Дар баъзе ҳол ин ҷӯяҳо аз рост ба чап ҳам тӯл мекашанд. Газворҳои бофтаашон сарҷа чандир, маҳин мешаванд. Лекин пухтагиашон нисбати газворҳои бофташон полотно пасттар аст.

**Тайёркунии намунаҳои бофтани полотно ва сарҷа. Асбоб ва ҷиҳозот:** коғази ранга, қайчӣ, ширеш, ҷӯтка, хаткашак, сантиметр, албом, қуттии корӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Нишон додани бофтани полотно дар ду коғаз. Дар бофтани газвор коғази барқад тан ва коғази кӯндаланг пуд ба ҳисоб меравад (расми 19).

Дар коғази полотно бофтан одатан дар чунин марҳила ба амал бароварда мешавад:



**Расми 19.** Бофтани полотно.

**1.** Коғази сафеди андозааш 105x150 мм гирифта, байнашон ба дарозӣ як хел карда бо хаткашак кашида, сипас рост карда бурида мешавад (адади буриш ҷуфт шавад). Дар ин ҳол ду нӯги тасмаи коғази аз байни онҳо бофта гузаронандаро ҳам ба пушти коғази сафед овардан мумкин аст (расми 20.а).

**2.** Аз коғази ранга тасмаҳо бурида мешавад (расми 20. б). Бари тасма ба масофаи байни ду буриши коғази сафед баробар мешавад. Дарозиаш бошад, ба қади коғази сафед баробар мегардад. Буришҳои коғази сафед барқад (тан), тасмаҳои коғази ранга бошад, кӯндаланг (пуд) мешавад.

**3.** Тасмаҳои ранга аз қафои коғази сафед гузаронда мешаванд. Онҳоро бо навбат, гоҳ аз зери тан, гоҳ аз болояш гузаронда мебофанд. Нӯги ҳар як тасма ба қафои коғази сафед дароварда бофта, дар анҷом боз дар қафо намудор шуда меистад. Нӯги ҳар дуи он бо коғази сафед ширеш карда мешавад.




**Расми 20.** Иҷрои амалии бофтани полотно дар коғаз.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 21.** Бофтани полотно дар амал бо картон ва ришта.

**4.** Намунаи тайёршударо ба албом мечаспонанд.

Бофтани полотно аз картон ва ришта амалан ин тавр аст: **1.** Риштаро ба сӯзан гузаронда, ба чорчӯба маҳкам мекунанд (расми 21, а).

**2.** Ришта дар чорчӯба ба дарозӣ тоб дода, кашида мешавад. Ин риштаи барқад мешавад (расми 21, б).

**3.** Дигар риштаи рангинро дуқабат карда, ба моку печонда ва аз байни риштаи барқад (якеро аз болояш, дуюмашро аз зераш) мегузаронад. Он риштаи кӯндаланг мешавад (расми 21. в).

**4.** Ҳангоми анҷоми кор риштаро барнаканда, риштаи охиринро тоб хӯронда бармегардонанд. Дар бари газвор милки дутарафа ҳосил мегардад (расми 21, г).

**5.** Намунаи тайёршударо бо чорчӯбааш ба албом мечаспонанд (расми 21, д).

Яке аз хусусиятҳои ба худ хоси бофтани сарҷа ҳамин аст, ки адади риштаҳои аз ҳама ками дар раппорти бофташаванда иштироккарда 3-то мешавад ва ҳангоми интихоби ҳар як риштаи пуд нақши бофтан бо як ришта мегузарад.

Дар амал бофтани сарҷа чунин аст (расми 22).

**1.** Дар бофтани сарҷа чун бофтаи полотно бо ҳамин андоза коғази сафеду ранга гирифта мешавад, ҳамчунин бо ҳамин тартиб бурида мегиранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 22.** Бофтани сарҷа ва иҷрои амалии он.

**2.** Лентаҳои ранга аз қафои коғази сафед гузаронда мешавад. Онҳоро дар қатори аввал бо навбат, гоҳо ба 2 тан аз поён, гоҳо ба 1 тан аз болояш гузаронда мебофанд.

**3.** Дар қатори дуйум лентаҳоро аз зери 1-то тан, гоҳ аз болои 1-то тан ва гоҳ аз зери 2-то тан гузаронда бофта, дар охир боз аз қафо бароварда ба анҷом мерасонад.

**4.** Дар қатори сейум лентаҳоро гоҳ аз болои 1-то тан ва гоҳ аз зери 2-то гузаронда мебофанд.

**5.** Дар қатори чаҳорум чун қатори 1 аз нав бофта мешавад. Дар ҳама қаторҳо нӯги ҳар ду лента бо коғази сафед ширеш карда мешавад.

**6.** Намунаи тайёршуда ба албом часпонда мешавад.

**Аниқкунии роставу чаппагии газвор.** Ду тарафи газвор мувофиқи ҷойгиршавии роставу чаппаи гулҳо, суфтагӣ, мӯяк ва тозагӣ ё ки самти гулҳо муайян карда мешавад.

**Асбоб ва ҷиҳозот:** порчаҳои газвор, дафтар ё ки албом, ширеш, чӯтка, намунаи ҳисобот (ҷадвали 2).

**Рафти кор: 1.** Бо ҳар гуна порчаҳои газворҳо шинос мекунанд.

**2.** Тарафҳои роставу чаппаи газвор аниқ мегардад.

**3.** Порчаи газворро ба ду тақсим карда, ба албом часпонда мешавад (якумӣ роста, дуйумиро чаппа мечаспонанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4.** Баъди анҷоми кори амалӣ намунаи ҳисобот пур карда мешавад.

*Ҷадвали 2.*

| Газворҳо | Тарафҳои газворҳо | |
|---|---|---|
| | Ростааш | Чаппааш |
| Гул андохта шудааст<br>Лағжанда, ялаққосӣ<br>Мӯякдор<br>Якранга<br>Пуди ҳарранга | | |

**Аниққунии риштаҳои барқаду кӯндаланги газворҳо**

Самти риштаҳои барқаду кӯндаланги газворро аз милки газвор, дарозшавии риштаҳои барқаду кӯндаланг, дар натиҷаи тез кашидан аз овозбарорӣ, намуди риштаҳои барқаду кӯндаланг донистан мумкин аст.

**Асбоб ва ҷиҳозот:** намунаҳои газворҳо (милкдор – бемилк), лупа (пурбин), дафтар ё ки албом.

Аз рӯйи машғулиятҳои амалӣ ҷадвали 3 пур карда мешавад.

*Ҷадвали 3.*

| Самти ришта | Милк | Дарозшавӣ | Овоз | Ғафсӣ | Суфтагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Риштаи барқад | | | | | |
| Риштаи кӯндаланг | | | | | |

**Рафти кор:**

1. Порчаи газвор гирифта, риштаҳои барқад ва кӯндаланг муайян мегарданд.
2. Порчаи газвор ёзонда дида мешавад, ба кадом тараф бештар ёзиданаш аниқ мегардад.
3. Порчаи газворро тез-тез кашида, кадом вақт ҷарангдор, кадом вақт беҷаранг овоз баровarданаш муайян мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4.** Ба порчаи газвор ба воситаи пурбин нигоҳ карда, намуди риштаҳои барқад ва кӯндаланг муайян мешаванд (расми 23).



**Расми 23.** Риштаҳои барқад (тан) ва кӯндаланг (туб)-и газвор.

**Муайякунии самти риштаҳои газвор**

**1.** Ҳангоми бофтани газвор риштаи асосӣ (тан) ба милк барқад шуда мегузарад.

**2.** Газвор барқад кам, ба кӯндалангӣ бештар меёзад.

**3.** Риштаҳои барқади газвор ҳангоми ба қад ба зудӣ кашидан овози чарангдор мебароранд.

**4.** Риштаҳои барқади газвор бориктар ва суфта, кӯндаланг бошад, ғафсу мӯякдор мешаванд. Он дар пурбин хуб намудор мешавад (расми 23).

**Муайянкунии хусусиятҳои газворҳои нахашон пахтагӣ ва зағирӣ. Асбоб ва ҷиҳозот:** намунаҳо аз чит ва газвори нахаш зағирӣ, сӯзан, қуттии корӣ, дафтар.

**Рафти иҷрои кор**. Хусусиятҳои газворҳо муайян карда, ба якдигар муқоиса намуда, дар ҷадвал иншо мегарданд:

**1.** Аз риштаи барқади ҳар як намуна 3–4-то кофта, онҳоро чен карда кашидан, кадоме пухта буданаш муайян мегардад.

**2.** Риштаҳои барқад ва кӯндаланги ҳар як намуна кашида гирифта, кадоме пухта буданаш аниқ мешавад.

**3.** Охири ҳар ду намунаро ҷустуҷӯ карда, кадоме мулоим буданаш муайян мешавад.

**4.** Аз ҳар ду газвор намуна гирифта, тахминан 1 дақиқа ғиҷим карда мешавад, баъд паҳн карда ҳамвор менамоянд, кадоме бештар ғиҷим шуданаш аниқ мегардад. Хусусиятҳои наххои пахта ва зағир дар ҷадвали 4 нишон дода шудаанд:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ҷадвали 4.*

| **Номи нах** | **Ранг** | **Чӣ гуна намуд дорад** | **Дарозӣ (см)** | **Ғафсӣ** | **Мулоимӣ** | **Сахтӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Пахта | Сафед | Хиратар | 0,6–5,2 | борик | мулоим | бақуввват |
| Зағир | Кабуди баланд | ялаққос | 25–100 | ғафс, суфта | дағал | бақуввват |

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Газворро чӣ тавр ҳосил мекунанд?
2. Чаро ранги риштаҳо ду хел мешаванд?
3. Самти риштаҳои барқад ва кӯндаланг чӣ тавр муайян мегарданд?
4. Тарафи роставу чаппаи газворҳо чӣ тавр маълум мешаванд?
5. Сабаби пош нахӯрдани милки газворро фаҳмонед.
6. Аз хусуси касбҳои ресандаву бофанда чиҳоро медонед?
7. Кадом риштаи газвор бештар меёзад?

## 2.2. АСБОБУ АНҶОМ, ҶИҲОЗОТ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

### Корҳои дастӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи асбобу анҷомҳо

Нисбати чараёнҳои мошина ба иҷрои кор бо даст вақт бисёр мешавад. Кори дастӣ ба ду гурӯҳ тақсим мегардад: рост истода ва нишаста иҷро кардани корҳо. Барои рост истода иҷро кардани кор либос ё порчаи либос ба болои миз гузошта, ба нишаста иҷро кардани кор онҳоро ҳам ба миз гузошта, ҳам ба зонуи донишомӯз гузошта ба сомон расондан мумкин аст. Барои монданашавии пойҳо ба қисми поёнии ҷойи корӣ дар ҳоли нишаста иҷрошаванда қуттичаи хурд гузошта мешавад. Асбобу



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чиҳози истифодашаванда ба гирифтан созгор ва ба ҳамдигар наздик гузошта мешаванд. Барои онҳое,ки корро дастӣ иҷро мекунанд, ташкили коргоҳи (ҷойи кор) ин гуна чиҳоз зарур мешавад: миз – қисми болояш суфта, олоти меҳнат ва нигоҳдорандаи намунаҳо, аз қуттиҳои кушодашуда ташкил ёфта: қуттичаи махсуси корӣ – барои нигоҳ доштани ришта ва олотҳо, зарф барои партовҳо, тиргак (такягоҳ) барои кор.

Дар қисми пеши тарафи рости миз ҷойи маҳдуд буда, дар ин ҷо қайчӣ, бӯр, сӯзан, ришта ва ғайра нигоҳ дошта мешавад. Дар кунҷи болои тарафи рости миз зери шишаи органикӣ харитаи технологӣ ҷойгир шудааст. Дар зери мизи корӣ зарфи ахлотпартоӣ мебошад. Ҳангоми рост ё нишаста кор кардан ба ҳолати тана (гавда) аҳамият додан лозим аст, чунки ҳолати гавда нодуруст бошад, одам ба зудӣ монда мешавад, қобилияти корӣ паст мегардад ва гавда каҷ шуда, қат мешавад. Барои рост нишастани коргар пойҳо ба такягоҳ бояд пурра расида истанд. Пойҳоро қат карда нишастан нашояд, чунки гардиши хун бад мегардад. Гавда ва сарро рост дошта, ё ки каме ба пеш хам шудан лозим аст. Либос ё порчаи дӯхташавандаро дар масофати 25–30 см нигоҳ доштан маъқул аст. Ҷойи кор бояд хуб равшан гардад, равшанӣ аз тарафи чап дарояд. Коргаре, ки рост истода кор мекунад, гавдаро рост ва сахт дошта, қисми гардан ва қафаси сина ба сутунмӯҳра рост истоданаш лозим аст.

Асбобу анҷоми ба иҷрои корҳои дастӣ таъингардида дар ҷадвали 5 оварда шудаанд. Ҳангоми истифодаи ин асбобу анҷомҳо донишомӯзон бояд ба қоидаҳои бехавфии техникӣ ва санитарӣ-гигиенӣ риоя намоянд.

Силсилаи ба анҷомрасидаи омехташавии риштаҳои газворҳо **бахя** номида мешавад. Бахяи ба даст андохта



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар забони халқ **лаганда** номида мешавад. Аз якчанд бахяҳои паи ҳам такроршуда қатори бахя, аз лагандаҳо бошад, қатори лаганда ҳосил мешавад.

**Асбобу ҷиҳозот барои иҷрои корҳои дастӣ.**

*Ҷадвали 5*

| Номгузорӣ | Расм |
|---|---|
| **1. Сӯзанҳои дастӣ.** Нӯгаш тези пухта, суфтаи нӯгаш нашикананда шуданаш лозим. Мувофиқи дарозӣ ва ғафсӣ аз 1 то 12 рақамбандӣ мегардад. Сӯзанҳои ададашон тоқ нисбати ададашон ҷуфт дарозтар мешавад. Мувофиқи андозаҳои сӯзан дар газворҳои ғафсияшон гуногун истифода мегардад. |  |
| **2. Қайчӣ.** Барои буридани порчаҳо, ҳангоми дӯхтан дар буридани баъзе ҷойҳои порчаҳо, нӯги риштаи охири бахяқатор истифода мегардад. 8 хели қайчӣ мавҷуд аст. |  |
| **3. Ангуштпона** – ангуштони дастҳоро аз халидани сӯзан ҳимоя мекунад ва ба ангушти ишоратии дасти рост гирифта мешавад. Ду хел: тубнок ва бетуб мешавад. Барои дӯхтани либоси занона ва либосҳои даруна ангуштпонаи тубдор истифода мегардад. Барои дӯхтани либосҳои хонагӣ – палто, костюм, плаш ангуштпонаи бетуб истифода мешавад. |  |
| **4. Лентаи сантиметрдор** – тасмаи резинагии дарозиаш 150 см буда, дар ҳар як 0,5 см аломат дорад. Тасмаи сантиметрӣ барои ченкунии андозаи тана ва порчаҳо истифода мешавад. |  |
| **5. Манекен** – барои санҷидани дуруст васл шудани порчаҳои либос истифода мегардад. |  |
| **6. Ҳалқаи теғдорро** асосан баъди ба даст гирифтани лаганда барои буридани нӯги ришта истифода мебаранд. Ба ангушти ишоратӣ пӯшонда мешавад. |  |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | |
|---|---|
| **7. Дукча** – барои чаппа карда дуруст намудани чокҳои шаклдор, нӯгҳои гиребон, борт, стержени нӯгтези аз фулуз, пластмасса ё ки устухон тайёршуда кор фармуда мешавад. |  |
| **8. Сӯзанак** – барои бо ҳам пайвастани порчаҳои гуногун, гузарондани хатҳо аз як тараф ба тарафи дигар, ҳамчунин пӯшидани либос мавриди истифода мебошад. |  |
| **9. Хаткашак** – ба лоиҳагирӣ ва буридани нақшаҳои либос истифода мегардад. |  |
| **10. Изгузоранда** барои тайёркунии ба картон фуровардани порчаҳои нақшаи либос ё ки аз коғаз ба газвор, аз як порча ба дигараш из фуровардан истифода мегардад. |  |
| **11. Бӯр** – барои фуровардани нақшаҳо ва муайян кардани камбудиҳо ҳангоми пӯшидани либос истифода мешавад. Изи бӯр аз 0,1 см набояд зиёд бошад. |  |

Ҳангоми либосдӯзӣ барои бо ҳам муваққатан пайвастани деталҳои чоки дастӣ ва тамоман боқӣ гузоштани он дӯхта мешавад. Ба чокҳои оддии дастӣ инҳо медароянд (расми 24):

**1.** Барои муваққатан пайвастани лагандаи кӯконидани рост (расми 24, а).

**2.** Лагандаи сӯрох (расми 24, б).




**Расми 24.** Чоки дастӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**3.** Лагандаи салкӣ (расми 24, в).

**4.** Лагандаи пайвастагии моршакл (расми 24, г).

**Қоидаҳои дӯхтани чоки дастӣ:**

**1.** Ғафсии нақши бӯрини газвор аз 0,1 см зиёд набояд бошад.

**2.** Барои пайвасти муваққатӣ қатори лагандадӯхта бо риштаи рангаш баланд дӯхта мешавад (барои намудор шудан).

**3.** Дарозии лаганда 1 см, дар нӯгаш 3–4 чок мешавад.

**4.** Баъди дӯхтан қатори лаганда мустаҳкам мегардад.

**5.** Баъди кӯккунии чоки лаганда қатори салқин чоки бахяқатори мошинаро канда мепартоянд.

**6.** Қатори лагандаи кӯккунӣ баъди бахя канда мешавад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ҳангоми ичрои корҳои дастӣ чӣ гуна талабҳо пеш гузошта мешаванд?
2. Корҳои дастӣ ба кадом гурӯҳҳо тақсим мегарданд?
3. Ба ҷойи кор чӣ гуна талабҳо пеш гузошта мешаванд ва чӣ тавр ташкил меёбанд?
4. Дар ичрои корҳои дастӣ – буридан ва дигар корҳо чӣ гуна асбобу анҷом истифода мешаванд?
5. Дар ичрои корҳои дастӣ ба кадом қоидаҳои бехатарии техникӣ ва санитарӣ-гигиенӣ риоя кардан лозим аст?
6. Намудҳои чоки дастиро номбар кунед.
7. Қоидаҳои дӯхтани чоки дастиро  эзоҳ диҳед
8. Қоидаҳои дӯхтани чоки дастиро гӯед.
9. Чаро бахяқатор меноманд?

## <u>Машғулияти амалӣ.</u> Тайёркунии намунаҳои чоки дастӣ. Тайёркунии дастгирак (қаппак). Усулҳои дарзмолкунӣ

**Ичрои чокҳои дастӣ. Асбоб ва ҷиҳозот:** қуттии корӣ, газвор барои тайёркунии намуна, хаткашаки махсус, бӯр, қайчӣ, сӯзан, ришта. Барои ичрои корҳои дастӣ пор-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чаҳои газворҳои андозаашон 5 х 8 см 7 дона карда бурида мешаванд. Барои ин аз хаткашак, бӯр, қайчӣ истифода мебаранд. Ба иҷрои ин кор чоки дастӣ чун тарзи нишондоди ҷадвали 6 ба амал баров振арда, корҳои иҷрошуда ба албом часпонда мешаванд.

## Технологияи иҷрои чокҳои дастӣ

*Ҷадвали 6*

| Номгузорӣ | Соҳаи истифодабарӣ | Нақша | Тартиби иҷрои бахя |
|---|---|---|---|
| 1. Лагандаи кӯккунии рост барои пайвасти муваққатӣ | Ба осонӣ канда, дар кӯккунии порахои либос, дар порчаҳо ҳосилкунии бурма, гули рах-рах ё ки катаки газвор бо ҳам рост омада истифода мешавад. Пайвасти порчаҳои паҳлӯву китфон ба гузарондани остинҳо ба ҷояш истифода мешавад. |  | Дарозии лаганда ҳангоми кӯккунӣ ба 2–3 см баробар аст. |
| 2. Лагандаи йӯрмагин | Барои нигаҳдорӣ аз порашавии лахтакҳои порчаҳо истифода мешавад. Ҳангоми иҷрои лагандаи йӯрмагин сӯзан аз зери газвор халонда, тарафи болои газвор бароварда мешавад. Лаганда таранг накашида, газвор аз лахтак давр занонда гузаронда, аз тарафи рост ба чап нишеб карда ҷойгир мешавад. Бузургии лагандаи йӯрма ба зичии газвор вобаста аст. |  | Масофа аз ҷойи халондани сӯзан то порча 0,5–0,7 см аст. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3. Лагандаи салқӣ (нусхагӣ) | Барои як порчаро бо бӯр ё ки нақши ишорашуда ба порчаи дуюм кӯчондан истифода мешавад. Барои иҷрои лагандаи салқӣ аломат саросари хат чун лагандаи сигма фуроварда, риштаҳо накашида холӣ, яъне салқӣ карда гузошта мешавад. Дарозии риштаи салқӣ 0,5–0,7 см, такрории лаганда 5 см 4–5-тогӣ мешавад. Сипас парчаҳоро тела дода, риштаи лаганда кашида мешавад. Тарафи росташ ба дарун нигаронда, риштаҳои намудори лаганда ба даруни детал гузошта бо қайчӣ бурида мешаванд |  | Дарозии риштаи салқӣ 0,5–0,7 см, дарозии лаганда 1,0–1,5 см. |
| 4. Лагандаи пайвастагии ироқи-шакл | Барои дӯхтани канораи порчаи газвори дӯхташаванда, ҳамчунин қат карда дӯхтани канораи порчаҳо истифода мегардад. Лагандаи ироқи-шакл аз чап ба рост дӯхта, сӯзан аз рост ба чап халонда мешавад. Порчаи болоии қатшуда пурра сӯрох карда, порчаи асосии болои газвор дар ғафсии нисф овехта мешавад. Мувофиқи зичии газвор бузургии лаганда аз 0,5 то 0,7 см. |  | Бузургии лаганда 0,5–0,2 см, фарохии қатори лаганда бошад, 0,3–0,7 см мешавад. |

**Тайёркунии дастгирак (қаппак). Асбоб ва чиҳозот:** қуттичаи корӣ, газвор барои қаппак (16 x 31 см), хаткашак, қалам, сӯзан, ришта

**1.** Тайёркунии газвор: ростиашро ба дохилаш андохта, ду қат мекунанд (8 x 31 см) ва канораи тарафи 3-юм–0,5



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 25.** Тайёркунии дастгирак (қаппак).

см кӯк зада, ҳамчунин барои ба ростиаш тоб додан 3–4 см ҷой қат карда намешавад. Ҳангоми иҷрои кори дастӣ ба ангушти миёна ангуштпонаро меандозанд.

**2.** Қисми боқимонда ба ростиаш тоб дода, чокҳояш дуруст карда, дарзмол карда мешавад.

**3.** Газвори тайёршуда ба се порчаи баробар (7 х 10 см) тақсим гардида, хатҳои мувозӣ гузаронда мешавад.

**4.** Газвор аз болои тамоми хатҳо дар давраи кӯккунии дастӣ дӯхта мешавад (расми 25).

**5.** Атрофи дорак (қаппак) ҳамвор карда, дарзмол мезананд. Ба як нӯгаш аз ришта овезак пайваст мегардад. Барои ҳамвор кардани газвор, равон кардани чоки ашёи дӯхташуда дарзмол карда мешавад. Ҳангоми либосдӯзӣ аз дарзмол дуруст истифода шавад, кор босифат мегардад. Дарзмол сабук, миёна ва вазнин мешавад. Вай аз 1 кг то 10 кг буда, 1–3 кг-аш сабук буда, 4–8 кг-аш барои дарзмолкунии либосҳои рӯй истифода мегардад. Чокҳо, либосҳои газворро аз қафояш дарзмол мезананд.

**Қоидаҳои бехавфии техникӣ ҳангоми кор бо дарзмол**

**1.** Пеш аз дарзмолро ба шабакаи барқӣ пайвастан изолятсияи шнур санҷида, ҳангоми пайвастан ва кашидан бояд дастон хушк бошанд.

**2.** Барои донистани тафсидани дарзмоли барқӣ ангуштон набояд ба он расанд.

**3.** Ба тафсидани дарзмоли барқӣ, давр задани сими он набояд роҳ дод.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4.** Ҳангоми кор шнур набояд ба дарзмол расад.

**5.** Ҳангоми дарзмолкунӣ дар зери пой ҷиҳози резинӣ шуданаш шарт аст.

**6.** Баъди анҷоми кор шнури дарзмол бояд аз шабакаи барқӣ канда шавад.

**7.** Агар сими дарзмоли ба нерӯи барқ васлкунанда носоз бошад, усто чеғ зада соз карда мешавад.

**8.** Дарзмолро дар ҳолати рост ё ки ба болои тагаки махсус гузоштан лозим аст.

**9.** Дарзмолро дар ҳолати даргирифта набояд гузошт.

**Усулҳои дарзмолкунӣ:**

**1.** Дарзмолкунӣ суфтакунии газвор ё ки либос, ҳамворкунӣ аст (расми 26, а).

**2.** Дарзмолкунии кушод кушодани байни чокҳо, ба ду тараф хобонда дарзмол кардан аст (расми 26, б).

**3.** Пахш карда дарзмолкунӣ чокҳоро ба як тараф хобонда, дарзмол кардан мебошад (расми 26, в).

**4.** Нафисгардонӣ бо дарзмол бо намӣ дарзмолкунии борик аст (расми 26, в).

**5.** Буғкунӣ нест кардани ялаққосии дар либос ҳосилшуда мебошад.

Омӯзгор ҳар як усулро дар амал нишон медиҳад.




**Расми 26.** Усулҳои дарзмолкунӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Қоидаҳои иҷрои корҳои дарзмолкунӣ:**

**1.** Мувофиқи хусусиятҳои газвор росткунии ҳарорати дарзмол ба ҷо оварда мешавад.

**2.** Пеш аз дарзмолкунӣ бояд тоза будани зери он санҷида шавад.

**3.** Либоси тайёрро аввало аз дохил ва баъд аз тарафи ростааш аз қисмҳои майда сар карда дарзмол мезананд.

**4.** Либоси дарзмолшударо дуруст овехта ё ки тахт карда мондан мувофиқи мақсад мебошад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Тартиби иҷрои чокҳои дастиро бигӯед.
2. Марҳилаҳои тайёркунии дастгиракҳоро маънидод созед.
3. Чараёни коркарди намӣ-гармидиҳиро гӯед.
4. Дар бораи дарзмолҳо маълумот диҳед.
5. Усулҳои дарзмолкуниро бигӯед.
6. Қоидаҳои аз дарзмол дуруст истифодабариро маънидод созед.
7. Шартҳои техникии риоя ба коркарди намӣ-гармидиҳӣ аз чиҳо иборатанд?

## 2.3. МОШИНА, ҶИҲОЗОТ, ДАСТГОҲҲО ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

### Мошинаҳои дӯзандагии бо даст ҳаракатдиҳанда. Тайёркунии мошинаҳои дӯзандагӣ ба кор ва бе ришта дӯхтан

Ҳоло бисёр мошинаҳои дӯзандагӣ мавҷуд буда, онҳоро мувофиқи иҷрои корашон ба се намуд тақсим кардан мумкин аст:

1. Мошинаҳои дӯзандагии бо даст ҳаракатдиҳанда.
2. Мошинаҳои дӯзандагии бо пой ҳаракатдиҳанда.
3. Мошинаҳои дӯзандагии бо барқ ҳаракатдиҳанда.

Мошинаи дилхоҳи дӯзандагӣ аз чанд қисм сохта, онҳо аз ҳар гуна хӯлаҳои фулузин тайёр карда шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 27.** Қисмҳои асосии мошинаи дӯзандагии бо даст ҳаракатдиҳанда

Қисмҳои мошинаи дӯзандагӣ (расми 27) ва механизмҳои асосӣ аз инҳо иборат аст:

1-платформа; 2-росткунаки бахя; 3-корпуси бо даст ҳаракатдиҳанда; 4-риштатобак; 5-маховик; 6-тана; 7-риштакашак; 8-фишанги кулангбардор; 9-росткунаки болоии ришта; 10-ҳаракатдиҳандаи сӯзан; 11-Ҷиҳози моку; 12-куланги фишордиҳӣ; 13-пластинкаи сӯзан; 14-қуттии платформа.

Сохти қисми бо даст ба ҳаракат овардани мошинаи дӯзандагӣ зерин аст (расми 28): Корпуси он (1) 3-то ва 5-то чархи хурди дандонадорро молик аст. Дар чархи калон дастаки чӯбин ё ки пластмассагӣ (7), фишанг (4) насб карда мешавад ва он чархро давр мезанонад. Чархҳои дандонадор ҳаракатро ба воситаи ҷилави фӯлодӣ ба маховик медиҳанд. Фишанги хоначаи (2) чархи дандонааш калон корпуси ҳаракатдиҳандаи дастро бо вакти махсус (8) ба корпуси мошина маҳкам мекунад. Маховик пурра давр мезанад ва мошина кор мекунад. Ҳангоми кор бо мошини дӯзандагӣ ба талабҳои зерини санитарӣ-гигиенӣ риоя кардан лозим аст:




**Расми 28.** Қисми ҳаракатдиҳандаи даст.

**1.** Ба сӯзани мошин аз пеш ва паҳлӯ равшанӣ афтоданаш лозим аст.

**2.** Мизи дӯзанда бояд рӯ ба рӯйи сӯзан бошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Оринҷи дӯзанда ба мизи мошина рост омаданаш лозим аст.

4. Танаи одам аз мизи мошина 10–15 см дуртар шуда, қоматро рост доштан, сарро каме хам карда нишастан талаб карда мешавад.



**Расми 29.** Кор бо мошинаи дӯзандагӣ.

5. Аз сӯзан то чашм масофа 30–35 см шуданаш зарур аст (расми 29).

**Ҳангоми кор дар мошинаи дӯзандагӣ ба қоидаҳои зерини бехавфии техникӣ риоя кардан лозим меояд:**

**1.** Либоси махсус (пешдоман) ба бар карда, мӯйҳо дар зери рӯймол ҷамъ шуданаш лозим аст.

**2.** Аз болои мошина ашёҳои зиёдатӣ гирифта, қайчӣ дар тарафи рости миз шуданаш лозим меояд.

**3.** Дар байни маҳсулоти тайёр сӯзанак набояд бошад.

**4.** Пеш аз кор дар мошина дуруст гузоштани сӯзан ва куланги онро санҷидан лозим аст.

**5.** Ҳангоми кор дар мошина диққату эътиборро ба як ҷо ҷамъ оварда, ба қисмҳои ҳаракаткунандаи он набояд наздик омад.

**Мошинаи дарздӯзӣ мувофиқи тартиби зерин ба кор тайёр мегардад:**

**1.** Росткунии ҳаракатдиҳандаи бахя (расми 30). Бузургии бахя мувофиқи ғафсӣ ва вобаста ба намудаш интихоб мегардад (то 0-4 мм).

Сӯзан гузошта мешавад (расми 31). Сӯзан ба ҳолати аз ҳама боло оварда, 3-винт кушода мешавад. 1-ҷӯяи сӯзан ба тарафи риштагузарак нигаронда ва 2-сӯзан ба сӯрохии дастак даровардa мустаҳкам карда мешавад.

**2.** Ба найча риштаро мепечонанд. Мошина ба ҳолати салт оварда, ба найча риштаро мепечонанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 30.** Росткунии ҳаракатдиҳандаи бахя.




**Расми 31.** Гузоштани сӯзан.

**3.** Риштаҳои болоӣ ва поёнӣ гузаронда, мошина ба кор омода мегардад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Намудҳои мошинаи дарздӯзиро номбар кунед.
2. Мошинаи дарздӯзии бо даст ҳаракатдиҳанда аз кадом қисмҳои асосӣ иборатанд?
3. Сохти мошинаи дарздӯзии бо даст ҳаракатдиҳандаро маънидод созед.
4. Сохти мошини дарздӯзии бо даст ҳаракатдиҳандаро бигӯед.
5. Ҳангоми кор дар мошинаи дарздӯзӣ ба кадом талабҳои бехавфии техникӣ амал кардан лозим аст?
6. Ҳангоми кор дар мошинаи дарздӯзӣ ба кадом талабҳои санитарӣ-гигиенӣ амал карда мешавад?
7. Тартиби ба кор омодасозии мошинаи дарздӯзиро бигӯед.

## Машғулияти амалӣ. Қоидаҳои кор бо мошинаҳо. Бе ришта дӯхтан дар мошина. Риштагузаронӣ ба мошина. Дӯхтани чокҳои пайвасткунанда, зий ва нақшу нигор

**1. Ба кор омода сохтани мошина.** Равғани мошинаро пок карда, кулангашро бардошта, риштаҳои болоиву дохиларо гузаронда, дарозии бахя дуруст карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. **Оғози кор.** Газворро ба зери куланг гузошта, сӯзан фуроварда мешавад. Охири риштаро дошта кулангро фуровардa, кор оғоз меёбад.

3. **Иҷрои кор.** Дар ҷойи муқарраршуда дӯхтани бахяқатор (газворро кашидан ё ки лағжондан мумкин нест).

4. **Анҷоми кор.** Сӯзан, кулангро бардошта, газворро бо дасти чап кашида, ришта 10–15 см мононда бурида мешавад. Ба зудӣ ба куланг як порча газвор монда, кулангро мефуроранд. Сӯзани мошина ҳам ба ҳолати поёнӣ оварда мешавад.

**Бе ришта кор кунондани мошина. Асбоб ва маводҳо:** Мошинаи дарздӯзӣ, барои беришта дӯхтан порчаи газвор ё ки коғаз, хаткашак, қалам.

**1.** Ба порчаи газвор ё ки коғаз бо ёрии хаткашак хатҳои мувозии байнашон 2 см гузаронда мешавад.

**2.** Равғани мошина пок карда, кулангаш бардошта мешавад.

**3.** Саросари хатҳои мувозӣ (параллел) бахяқатор дӯхта мешавад. Дар ин ҳол ба рост шудани чокҳо эътибор диҳед.

**4.** Сӯзан кулангро бардошта, газвор ё ки коғазро бо дасти чап кашида, куланг ва сӯзан фуровардa мешавад.

**Гузарондани ришта ба мошина. Асбоб ва маводҳо:** мошинаи дарздӯзӣ, риштаи ғалтагин.

**Гузарондани риштаи болоӣ** (расми 32).

**1.** Мошина ба ҳолати коршоямӣ оварда, сӯзан боло карда мешавад (ҷӯяи сӯзан дохили тарафи чап истоданаш лозим аст).

**2.** Ғалтаки ришта ба сутунчаи махсус гузошта ва ба воситаи ҳаракаткунандаи ришта – 1 гузаронда мешавад.



**Расми 32.** Гузарондани риштаи болоӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 33.** Гузарондани риштаи поёнӣ.

**3.** Аз байни ликопчаи (2) росткунандаи риштаи болоӣ ва ба воситаи пружинаи мувофиқкунанда – 3 гузаронда мешавад.

**4.** Ба воситаи сӯрохии риштакашак – 3 гузаронда, сарпӯшҳои паҳлӯ бо чӯяи ришта – 5 ба чӯяи риштаи сутуни ришта – 6 (чангакҳо) мегузарад.

**5.** Ришта ба сӯрохии сӯзан тавассути чӯяи ришта – 7 аз ҷониби чӯяш сӯзан гузаронда, нӯги зиёдатии ришта 10–15 см мешавад.

**Гузарондани риштаи поёнӣ (расми 33):**

**1.** Ба моку найчаи ришта печонда шуда гузошта мешавад (расми 33, а).

**2.** Риштаи найча аз байни пружинаи риштабарори моку гузаронда, қисми зиёдатии ришта 10–15 см мешавад (расми 33, б).

**3.** Моку ба хоначаи худ гузошта мешавад (рами 33, в).

**4.** Пластинкаи лағжандаи болоӣ пӯшида, риштаи моку аз сӯрохчаҳои пластинкаи сӯзан бароварда мешавад (расми 33, г).

**5.** Ҳар ду риштаро аз байни куланг гузарондан лозим аст.

**Дӯхтани чокҳои мошина. Асбоб ва мавод:** мошинаи дӯзандагӣ (дарздӯзӣ), ғалтак, ришта, порчаи газвори лағжандаи андозааш 5х8 см, қуттии корӣ, хаткашаки махсус, қайчӣ.

Чокҳои мошина се намуд доранд (ҷадвали 7).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**1.** Чокҳои пайваст. **2.** Чокҳои зий. **3.** Чокҳои ороишӣ. **Харитаи технологӣ аз рӯйи дӯхтани чокҳои мошина.**

*Ҷадвали 7*

| Намуди чок | Накша | Тартиби иҷрои дӯхтан |
|---|---|---|
| | | **1. Чоки яклухт** |
| 1.1. Ба як тараф хобонда дарзмол-кунӣ (а). 1.2 Дарзмол-кунии кушод (б)) |  | Барои дӯхтани чоки пайваст ду порча рост, лахтакҳо як хел карда, сараввал бо даст кӯк зада, ба чоки пайваст лахтак дар ҳолати мувозӣ дӯхта мешавад. Фарохии чок 0,5–1 см аст. Риштаи чоки кӯккунӣ гирифта партофта, чок ҳамвор карда, ба ҷониби дигар хобонда ё ки байнаш кушод дарзмол карда мешавад. |
| 1.3. Чокҳои пайваст. |  | Ба ҷойи як порча порчаи дуюм рост гузошта, кӯк карда мешавад. Чоки намудаш рост бо лахтак дар фарозии 0,5 см дӯхта мешавад. Риштаи чоки кӯккунӣ гирифта партофта, чок ҳамвора дарзмол карда мешавад. |
| | | **2. Чоки зий** |
| 2.1. Чоки пайвасти буришаш кушод. |  | Буриши аввал бо усули лаганда кушод дӯхта, сипас буриш кӯк карда мешавад. Аз чоки кӯккунӣ дар фосилаи 0,1 см бо мошина зер карда бахяқатор дӯхта, анҷоми чокро мустаҳкам мекунанд. Риштаи чоки кӯккунӣ гирифта партофта, ҳамвор карда дарзмол мезананд. Буриши порча ба берун 0,5–0,7 см қат карда мешавад. Дарозии чок 0,1–0,3 см. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | | |
|---|---|---|
| 2.2. Чоки қатноки буришаш пӯшида. |   | Буриши порча ба берун қат карда кӯк зада, сипас дар фарозии фасони пешбинишуда боз қат ва кӯк карда мешавад. Аз зийи қатшуда ба чоки кӯкзанӣ дар фарозии 0,1 см бахяқатор пеш бурда, анҷоми чокро мустаҳкам мекунанд. Риштаи чоки кӯккунӣ гирифта партофта, ҳамвора дарзмол зада мешавад. Фарозии қаткунии якум 0,7 см. Фарозии чок 0,1–0,2 см. |
| | **3. Чокҳои ороишӣ** | |
| 3.1. Дастаи ба ҳамдигар нигаронда |   *а*   *б* | Дастаи ба ҳамдигар нигаронда бо 3 хат: хати миёна –1, хати паҳлӯ – 2, хати анҷоми дӯхт – 3 (нақшаи а). Барои ҳосилкунии дастаи ба якдигар нигаронда порча бо хати пешбинигардидаи 1, ростааш ба дарун қат карда мешавад. Аз хати паҳлӯи 2 то анҷоми хати дӯзандагӣ – 3 аввал кӯк зада, сипас бо мошин дӯхта мешавад. Чоки кӯккунӣ гирифта партофта, даста ба ду тараф кушода (хати миёнаи пешбинигардида бояд ба чоки дӯхтан аниқ хоб кунад) дарзмол зада мешавад (нақшаи б). Амиқии даста ба фасон вобаста аст. |
| 3.2. Қатшаванда |   | Аз тарафи рост якто хат муқаррар мешавад. Ҳангоми иҷро порча аз хати пешбинигардида ба дохили ҷониби баръакс қат карда, сараввал кӯк зада, сипас бо мошина дӯхта мешавад. Чоки кӯккунӣ гирифта партофта, ба як тараф нигаронда дарзмол мешавад. Фарозии чок 0,1–0,3 см. |

Донишомӯзон бо ёрии харитаи технологӣ намудҳои чокро медӯзанд, ба ҳар як намунаи тайёр ном гузошта, ба албом (мураққаъ) мечаспонанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Қоидаҳои коркунӣ дар мошинаи дӯзандагиро шарҳ диҳед.
2. Марҳилаҳои дар мошина ба ришта дӯхтанро бигӯед.
3. Риштаи поёнӣ бо мошинаи дӯзандагӣ чӣ тавр гузаронда мешавад?
4. Риштаи болоӣ ба мошинаи дӯзандагӣ чӣ тавр гузаронда мешавад?
5. Кадом намудҳои чокҳои мошина мавҷуданд?
6. Намудҳои чоки қатшавандаро шуморед.
7. Намудҳои чоки зийро шуморед.
8. Намудҳои чоки ороиширо шуморед.

## 2.4. ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТ

### Маълумот дар бораи буридан ва дӯхтан

**Намудҳои либос.** Аз ҷавонӣ бо дид пӯшидани либоси хушдӯхт, тоза ва услуби миллиро омӯхтан лозим аст. Ба бачагон муносиб ва мувофиқи тан либос интихоб кардан зарур аст. Либосҳо аз рӯйи адои вазифа ба чанд намуд тақсим мешаванд: либоси хона дар хона пӯшида мешавад; либоси рӯзмарра ба кор ҳар рӯз пӯшида мешавад; либоси варзиш ҳангоми истироҳат, машғулиятҳои варзишӣ пӯшида мешавад; либосҳои олуфта дар шабнишиниҳои гуногун, тӯйу тантанаҳо пӯшида мешаванд ва ғайра.

Барои дӯхтани ягон либос бояд ба ин пайдарҳамӣ риоя намуд: **1.** Гирифтани коркард аз танаи одам.

**2.** Интихоби фасони либоси дӯхташаванда ва кашидани ангораи (эскизи) он.

**3.** Интихоби газвор ва муайякунии хусусиятҳои он.

**4.** Ба вуҷуд овардани нақшаи ашё, дар асоси нақша тайёркунии андоза, бурида гирифтани атрофи он.

**5.** Тайёркунии андоза ба буриш, гузоштани аломат ба андоза.

**6.** Тайёркунии газвор ба буриш ва ҷойгиркунии андоза.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 34.**
Андозагирии тана.

**7.** Буридану дӯхтани ашё, пардоздиҳии либоси тайёр.

Барои офаридани нақшаи пешдоман бо кулоҳчаи ресмондор гирифтани андозаи тана дар расми 34 тасвир ёфтааст.

Барои хуб гирифтани ченкунии дуруст мақоми хатҳои гавда: хати гардан, хати қафаси сина, хати миён, хати колбад (бӯкса), хати доман муайян мегардад.

Ҳангоми ченкунӣ ба инҳо бояд эътибор дод:

**1.** Ченкунӣ бо лентаи сантиметрӣ ба ҷо оварда, онро кашида ё ки озод гузошта чен кардан мумкин аст.

**2.** Ҷойи мӯъҷази миён бо миёнбанд баста мешавад.

**3.** Ҳангоми андозагирӣ тана рост истода, сар начунбиданаш лозим аст. Дар акси ҳол андоза нодуруст гирифта мешавад.

**4.** Андозаи доиравӣ пурра гирифта, нисфи қомати он меёзад, чунки нисфи нақшаи пешдоман кашида мешавад. Андозаи дарозӣ пурра меёзад. Қомати андозаи аз гавда гирифта дар ҷадвали 8 оварда шудааст.

*Ҷадвали 8*

| Номи андоза | Номи аломат | Андозагирӣ |
|---|---|---|
| Дарозии қисми қафаси сина | ДҚҚС | Аз миён боло мувофиқи модел ба дарозӣ чен мешавад. |
| Дарозии пешдоман (либос) | ДП | Аз миён поин мувофиқи дарозии курта то боло 4–5 см чен мегардад. |
| Нисфи давраи миён | НДМ | Ҷойи аз ҳама мӯъҷази миён чен мегардад. |
| Нисфи давраи колбад | НДК | Гирду тана уфуқӣ чен мегардад. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 35.** Олатҳои зарурии корӣ барои нақшакашӣ.

**Дар асоси андозаҳои тана иҷрои нақшаи ашё.** Олатҳои кории зарурӣ барои нақшакашӣ: хаткашаки масштабнок, хаткашаки секунҷа, лекалоҳои андозаашон гуногун дар расми 35 оварда шудаанд. Ҳамчунин хату аломатҳои шартие, ки дар нақша истифода мегарданд, дар ҷадвали 9 оварда шудаанд.

*Ҷадвали 9*

| **Номҳо** | Намудҳои хат | Аломатҳо |
|---|---|---|
| Хати ғафси 1-мм-ра<br>Хати борики ним мм-ра<br>Хати штрихӣ-пунктирӣ<br>Баробарӣ<br>Кунҷак | ▬▬▬<br>———<br>— — —<br>=<br>∠ | Аз болояш кашида мешавад нақша кашида мешавад хатҳои тир ва марказ |

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Кадом намудҳои либосро медонед?
2. Ба ҳолати тайёр овардани либос аз кадом марҳилаҳо иборат аст?
3. Қоидаҳои андозагириро маънидод созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4.** Андозаҳои дарозӣ ва доиравӣ чӣ тавр иншо мегарданд?
**5.** Аломатҳои андозаҳо чӣ тавр ифода меёбанд?
**6.** Барои кашидани нақша чӣ гуна олоти корӣ зарур мешавад?
**7.** Барои нақшакашӣ аз кадом аломатҳои шартӣ истифода мебаранд?

## Иҷрои нақшаи пешдоман ва кулоҳчаи ресмондор

**Пешдомани қисми пӯшонандаи қафаси сина яклухт мешавад** (расми 36). Барои пешдоманҳои дар расм тасвирёфта газвори пахтагини 70-см-ра сарф мешавад. Пешдомани



**Расми 36.** Моделҳои пешдомани бачаҳо.




**Расми 37.** Нақшаи пешдоман.

мазкурро аз лахтакҳои газвори гуногун ҳам дӯхтан мумкин аст. Бо нақшу нигори гуногун пешдоманро оро дода, онро ба намуди боз ҳам зеботар овардан мумкин аст.

Тайёр кардани нақшаи пешдомани қисми қафасисинапеч (расми 37).

**Асбоб ва чиҳозот:** хаткашаки масштабнок ва кунҷакдор, лекало (қолиб мистер), қалами ТМ ва 2 М, хаткушак, албом (мураққаъ). Нақшаи пешдоман дар расми 37, андозааш дар ҷадвали 10, ҳисоби қисмҳои пешдоман дар ҷадвали 11 дода шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ҷадвали 10*

| № | Аломати андоза | Номҳои андоза | Андозаи стандарт | Андозаи ман |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ДҚҚС | Дарозии қисми қафаси сина | 20 | |
| 2 | ДП | Дарозии пешдоман | 40 | |
| 3 | НДК | Нисфи даври бадан | 40 | |
| 4 | НДМ | Нисфи даври миён | 30 | |
| 5 | ИФП | Иловаи фарозии пешдоман | 10 | |

*Ҷадвали 11*

| № | Порчаи накша | Тартиби кашидан, номи порча | Андозаи стандарт | Андозаи ман |
|---|---|---|---|---|
| | | Андозаи тӯр | | |
| 1 | A | Дар нуктаи А кашидани кунчак | – | – |
| 2 | $AB_l$ | Дарозии қисми қафаси сина ДҚҚС | 20 | 20 |
| 3 | $B_lE$ | Дарозии домани пешдоман ДП | 40 | 40 |
| 4 | $B_lB_{ll}$ | Дарозии пешдоман | $B_kAYA$:2+ +QF | 40:2+10=30 |
| 5 | | Аз нуктаи $B_{11}$ ба боло ва паст бурише, ки аз хатҳои уфуқии нуктаҳои А ва Е гузаштаанд, давом дода, мувофиқан нуктаҳои $A_1$ ва $E_1$ гузошта мешаванд. | | |
| 6 | $AA_2$ | Андозаи қисми қафаси сина | Мувофиқи модел | 10 |
| 7 | $B_lCh$ $ChCh_l$ | Ҷойи кисса | Мувофиқи модел | 4–5 |
| 8 | $Ch_lCh_2$= = $Ch_lCh_3$ | Андозаҳои кисса $Ch_l$ $Ch_2$=$Ch_3Ch_4$ $Ch_l$ $Ch_3$=$Ch_2Ch_4$ | Мувофиқи модел | 15 |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **9** | – | Аз болои хатҳои асосии нақша давондан | | – |
| **10** | – | Дарозии миёнбанд. Мағзи дарозиаш $B_1AYA+15$ тайёр мегардад | | 30+15=45 |
| **11** | – | Дарозии ресмон – мағз омода мегардад | | 30 |



**Расми 38.** Кулоҳчаи ресмондор.




**Расми 39.** Нақшаи кулоҳча.

Кулоҳчаи ресмондор (расми 38). Барои омода сохтани нақшаи чунин кулоҳча Bsh A = 48 см, QBshA 4–6 см андозаҳо истифода мегардад. Нақшаи иҷрои кулоҳчаи ресмондор (расми 39).

Кунҷи рост кашида, кунҷи болоии он бо ҳарфи V ишора мегардад. Аз нуқтаи V ба тарафи рост ба андозаи давраи сар иловаи онро зам намуда, қимати ба ду тақсимшудаи вай гузошта ва бо ҳарфи V ишора мегардад: $VV_1$=(BshA+A+QBshA):2=(48+ 4):2=26 см.

Аз нуқтаи V ба поёни қимати 20 см, ки барои тамоми андозаҳо як хел аст, гузошта, бо ҳарфи E ишора мешавад: VE = 20 см.

Ҳангоми офаридани чоркунҷаи росттии $VV_1=EE_1$ ба анҷом расонда мешавад, яъне:

$$VV_1=EE_1=26 \text{ см}, \quad VE=V_1E_1=20 \text{ см}.$$

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Дар бораи пешдомани бачаҳо маълумот диҳед.
**2.** Барои нақшаи пешдоман аз кадом андозаҳо истифода мебаранд?
**3.** Нақшаи пешдоман аз кадом қисмҳо иборат аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Барои кашидани нақшаи кулоҳчаи ресмондор чӣ гуна андозаҳо истифода мегарданд?
5. Нақшаи кулоҳчаи ресмондор чӣ тавр кашида мешавад?

## Моделигардонии пешдоман ва кулоҳчаи ресмондор, тайёркунии андозаҳо

**Моделигардонӣ.** Барои офаридани мода асосан ба нақшаи асос хатҳои моделӣ даровbooарда мешаванд. Нақшаи асос ин баробари истифода аз формулаҳои андозаҳо ва ҳисобкунӣ кашидани нақша мебошад. Пеш аз иҷрои кор мувофиқи фасони интихобшуда нақшаи асосӣ кашида мешавад. Ба ҳамин нақша ҳамроҳ кардани ягон хат ё ки аз он баровардa партофтани ягон хат, тағйир додани шакл **моделигардонӣ** номида мешавад (расми 40). Шакли қисмҳои либосро тағйир надода, бо роҳи ородиҳии онҳо ҳам моделӣ гардондан мумкин аст (расми 40). Пешдомани хонагии бо як хел андоза дӯхта дар расми 40 дода шудааст. Пешдоманҳои мазкур дар намуди гуногун ва бо ҳар гуна нақшу нигор дӯхта шудаанд. Ба маводи ороишӣ ба ғайр аз ҷияк тӯр кашида, қуроқ, аппликатсияҳо дохил мешавад. **Интихоби газвор ба пешдоман ва кулоҳчаҳо.** Либосҳо мувофиқи пӯшидани таъиноти вақт аз газвори гуногун дӯхта мешаванд. Умуман, дар дӯхтани пешдоман ва кулоҳчаҳо газворҳои рангашон кушод ё ки гулашон майдаи аз нахи пахта ва зағир тайёршуда интихоб мегардад. Намуди зоҳирии ин газворҳо ба ғайр аз зебо будан, онҳо ба осонӣ шуста, хуб дарзмол зада мешаванд. Барои ҳамин ҳангоми интихоби газвор бояд ба хусусиятҳои технологии онҳо эътибор дод.



**Расми 40.** Моделигардонии пешдоман.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар саноати бофандагӣ газворҳои барашон ҳар хел (аз 60 сантиметр то 1 м 60 сантиметр) истеҳсол мегарданд. Барои ҳамин барои муайякунии миқдори газвори ба либос сарфшаванда бараш ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Асбобҳо ва чиҳозот:** хаткашакҳои масштабнок ва 50 см-ра, хаткашаки кунҷдор, лекалои гуногун, қалами ТМ ва 2М, хатпоккунак, албом, қайчӣ. Дар асоси нақшаи масштабаш 1:4 нақшаи пешдоман ва кулоҳчаи ресмондор мувофиқи андозаашон кашида мешаванд. Қисми пешдоман ва домани чоки яклухт ба шакли давра оварда, моделӣ гардонда мешавад. Саросари нақшаи асос ва хатҳои моделигардонда нақшаҳои пешдоман ва кулоҳча бурида, андозааш ба буриш тайёр, яъне:

**1.** Ба андоза навишта мондани номи либос – пешдомани қисми қафаси синапӯши яклухт.

**2.** Ба андоза навишта мондани андозаи либосандозаи 38.

**3.** Нишон додани адади деталҳои андоза – 1 дона.

**4.** Дар андоза муайянкунии самти риштаи барқади газвор.

**5.** Навиштани миқдори ҳадди чоке, ки ба андозаи аз газвор монда буридашаванда – қисми паҳлӯ 1 см амалӣ гар-донда мешавад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Мақсад аз моделигардонӣ чист?
**2.** Ба буридани андоза чӣ тавр тайёрӣ мебинанд?
**3.** Хатҳои ангоравии пешдоманро ба қисми андоза гузаронед.
**4.** Мувофиқи намуди чокҳо ба хатҳои пешдоман хати нав дароред.

## Буридан ва дӯхтани кулоҳчаи ресмондор

**Талабҳо нисбати буридан:**

**1.** Пеш аз буридан газвор хуб дарзмол карда, тахт карда мешавад.

**2.** Риштаи барқади газвор, гулҳо, нуқсонҳои сатҳи онро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба назар гирифта, қисмҳои андозаро ба газвор паси ҳам ҷойгир мекунанд.

**3.** Атрофи қисмҳои андозаро бо бӯр, собун, ё ки қалами оддӣ кашида мебароянд.

**4.** Қади чоки дар газвор мондашуда бо ҳадди қисмҳои андоза боқигузошта як хел шуданаш лозим аст. Қисмҳои андоза мувофиқи хатҳои аниқ бурида мешаванд.

**5.** Қисмҳои андоза мувофиқи хатҳои аниқ бурида мешаванд.

**6.** Ҳангоми буридан андозаро бо газвор сарфакорона ҷойгир сохта, алоқадри ҳол хатҳояшро кам баровардан лозим аст.

**Талабҳо нисбати сифати қисмҳои либосҳои дӯхташаванда:**

**1.** Чоки дастӣ дар як хел дарозӣ мешавад.

**2.** Чоки мошинаҳо аз ҷойи пешбинишуда ва канораи он аз як хел масофа гузашта, бояд кунҷҳояш ҳамвор бароянд.

**3.** Қатори лагандаи салкӣ ва сӯзанак баъд аз қатори лаганда кӯкзада гирифта партофта, он чоки кӯккунӣ бошад, баъд аз бахяқатор гирифта ҳазор мешавад.

**4.** Тамоми чоку қисмҳо дарзмол карда мешаванд.

**Талабҳо нисбати сифати либоси тайёр:**

**1.** Намуди зоҳирии либос бояд бо модаи интихобшуда як хел бошад.

**2.** Қисмҳои монанди либос байни ҳам баробар ва симметрӣ ҷойгир шуданашон лозим аст.

**3.** Либоси тайёршуда бояд хуб дарзмол карда шавад.

**Технологияи тайёркунии кулоҳчаи ресмондор:**

**1.** Буридан.

**2.** Тайёркунии қисмҳои ашёи буридашуда бо дӯхтан.

**3.** Дӯхтани канорҳои кулоҳча.

**4.** Қисмҳои болоӣ ва поёнии кулоҳчаро қат карда дӯхтан.

**5.** Гузарондани коркарди ниҳоии кулоҳча ва оро додан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 41.** Буридани кулоҳчаи ресмондор.

**Буридани кулоҳчаи ресмондор:**

**Асбоб ва чиҳозот:** газвор, қайчӣ, қуттии корӣ, сӯзанак, бӯр.

Кулоҳчаи ресмондорро чун расми 41 саравval андозаашро омода карда, сипас аз газвор 1 дона порча бурида гирифта, кор-ҳои зерин ба ичро мерасанд:

**1.** Сифати газвор, яъне будан-набудани доғҳо, чойҳои кандаи ришта (сӯрохӣ, дарида) ва дигар камбудиҳо санҷида мешаванд.

**2.** Ченкунии газвор ба бару дарозӣ (андозаро сарфакорона чойгир сохтан лозим аст).

**3.** Мувофиқи гули газвор, самти риштаи барқад роста ва чапаашро муайян кардан.

**4.** Дарзмолкунии газвор. Мувофиқи дарозӣ милкашро бурида партофтан.

**5.** Тарафи ростаи газвор ба ростааш нигаронда, ба чойи бо бӯр кашида фуроварда, бо сӯзанак халонда мешавад.

**6.** Тарафи кӯндаланги (паҳлӯи) газворро ҳамвора буридан (бо кӯмаки хаткашак бо бӯр кашидан ва зиёдатиашро бурида партофтан).

**Барои дӯхтани кулоҳчаи ресмондор корҳои зерин ба амал бароварда мешаванд**:

**1.** Ду тарафи ин кулоҳчаи шаклаш чоркунҷаи рост саравval 0,5 см-ӣ қат карда, сипас боз ба 1 см қат гардида, кӯк зада мешавад.

**2.** Аз хати кӯккунӣ дар фосилаи 1 см бо мошина бахяқатор дӯхта мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**3.** Сипас риштаи кӯкзananда гирифта партофта мешавад. Ба чокаш коркарди намӣ-гармиро медиҳанд.

**4.** Қисми поёнии кулоҳчаи тасмагин сараввал ба 0,5 см қат карда, сипас боз ба 2 см қат намуда бо даст дӯхта мешавад.

**5.** Қисми болоии кулоҳчаи тасмагин сараввал ба 0,5 см қат карда, сипас боз ба 4 см қат намуда, бо даст дӯхта мешавад.

**6.** Аз чокҳои кӯккунӣ дар фосилаи 0,1 см бо мошина бахяқатор дӯхта мешавад.




**Расми 42.** Дӯхтани кулоҳча.

**7.** Ба қисми болоии кулоҳчаи тасмадор бо мақсади ҳосилкунии тобхӯрда дар канораш 2 см гузошта, сараввал дар даст, сипас бо мошина бахяқатор ба ичро мерасад.

**8.** Сипас риштаи кӯкзанӣ гирифта партофта мешавад. Ба чокҳояш коркарди намӣ-гармӣ медиҳанд (расми 42).

**9.** Аз байни чокҳои 2 см-раи болоӣ ва поёнии кулоҳча тасмаҳоро мегузаронанд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ҳангоми буридан кадом талабҳоро пеш мегузоранд?
2. Ба ашёи тайёр кадом талабҳоро пеш мегузоранд?
3. Газвор барои буридан чӣ тавр тайёр карда мешавад?
4. Роҳҳои буридани кулоҳчаи ресмондорро гӯед.
5. Барои дӯхтани кулоҳчаи ресмондор чӣ гуна корҳо амалӣ мегарданд?
6. Барои чӣ коркарди намӣ-гармӣ дода мешавад?
7. Чаро сараввал кӯк карда мешаванд?

## Буридани пешдомани буришаш яклухт

Буридани пешдомани қисми қафаси синапӯш бо тартиби зерин ба ичро мерасад:

**Асбоб ва чиҳозот:** қайчӣ, қуттии корӣ, сӯзанак, лекалои гуногун, газвор, бӯр.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 43.** Буридани пешдоман.

**1.** Ҷойгир сохтани андозаи пешдоман баробари ба ҳисоб гирифтани ҳадди чок дар ҷойи нишондодаи газвор ва халондани сӯзанак. Кашидани атрофи андоза (чун расми 43 ҷойгир карда мешавад).

**2.** Барои коркарди (дӯхтани чокҳои қисмҳои доман, пахлӯ ва қафаси синапеч ҳадди чокро бо бӯр мекашанд (расми 44).

**3.** Киссаи андозаи пешдоман ҳам дар газвор ҷойгир карда мешавад. Канораи он кашида мешавад ва ҳадди чокро боқӣ гузошта, бо бӯр мекашанд.

**4.** Санҷидани ҷойгирсозии дурусти қисмҳои андоза дар газвор: рост фуровардани ҳадди чок ба самти риштаи барқад, гулҳо, андоза.

**5.** Аз рӯйи ҳадди чоки боқимонда буридани қисмҳои андоза, яъне буридан.

**6.** Сӯзанаки пайвасткунандаи андоза бо буриш канда, андозаро ҷудо кардан ва сӯзанакҳоро ба қисмҳои ду қабаташ буридашуда халонда мондан.




**Расми 44.** Деталҳои пешдоман.

**7.** Дар натиҷаи буридани пешдомани қисми қафаси синапечи яклухт деталҳои зерин ҳосил мегарданд (расми 44):

**1.** Қисми асосии пешдоман – 1 дона.

**2.** Киссаҳои пешдоман – 2 дона.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷараёни тайёркунии пешдоман:

1. Бурриши пешдоман.
2. Тайёркунии қисмҳои пешдоман бо дӯхтан.
3. Якҷоякунии ва дӯхтани қисмҳои пешдоман ва ородиҳӣ.
4. Коркарди охирини пешдоман.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Пеш аз буридан ҷаро риштаи барқади газвор, тарафиросташ муайян карда мешавад?
2. Ҷаро атрофи андоза кашида мешавад?
3. Буришро аз андоза ҷудо карда, ҷаро ба он сӯзанакро меха-лонанд, то кадом вақт?

## Дӯхтани пешдомани буришаш яклухт

Пешдомани қисми қафаси синапечи яклухтро ба тара-фи паҳлӯи қисми қафаси синапеч, мағзи гарданбанд ва миёнбандаш (тасмаи ёна) коркард гузаронда, дӯхтан мум-кин аст. Қисми домани пешдоманро қат намуда, бо тасмаи ёна, тӯр ё ки тобхӯрда якҷоя оро дода дӯхта мешавад. Ба киссаи рӯйкаш ҳам чунин коркард гузарондан мумкин аст.

Тайёркунии пешдомани буришаш яклухт бо чунин тартиб пеш бурда мешавад.

**Асбоб ва ҷиҳозот:** қуттии корӣ, деталҳои пешдомани буридашуда, тӯр, қайчӣ.

**Тартиби иҷрои кор:**

**1.** Ба мобайни пешдоман кӯк зада хати миёнаи марказӣ дар лагандақатор андохтан (дар расми 44).

**2.** Барои муайян кардани ҷои кисса андохтани қатори лагандаи холӣ.

**3.** Буридани мобайни чоки бӯш – муайянкунии ҷойи кисса (расми 44).

**4.** Санҷидани дурустии аломат ва бӯшнокии чокҳо.

**5.** Санҷидани аниқии хати назорат.

**Дӯхтани қисми домани пешдомани буришаш яклухт:**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 45.** Дӯхтани қисми домани пешдомани буришаш яклухт.

**1.** Аз дарозии порчаи қисми домани пешдоман якуним баробар зиёд детали ороишӣ, яъне тӯр ё ки ашёи тобхӯрда ёна гирифта мешавад.

**2.** Агар детали ороишӣ аз ашёи тобхӯрда иборат бошад, ба як тарафи он бо мошина бо лагандаи кушод коркард дода мешавад (расми 46, а).

**3.** Ба ҷониби дуйуми детали ороишӣ бо мошина чоки мошинаи бахяи бузургиаш 4 мм дода (расми 45, а) ва ин детали ороишӣ то баробар шудан ба дарозии қисми домани пешдоман кашида, ашёи тобхӯрда ҷамъ оварда мешавад (расми 45, б).

**4.** Ашёи тобхӯрдаи тайёр ё ки тарафи рости тӯр ба порчаи тарафи рости қисми домани пешдоман гузошта, аввал бо даст дар ҳадди чоки 1 см кӯк зада мешавад.

**5.** Аз болои чоки кӯкзанӣ дар фосилаи 0,1 см бо мошина бахяқатор давонда, риштаҳои кӯкзаниро кашида мегиранд, ҳадди чокро кушода мемонанд (расми 45, в).

**6.** Ашёи тобхӯрда ба рост баргардонда, рост мегардад ва аз болояш ашёи ородиҳандаи бахяқатор дӯхта мешавад (расми 45, г).

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ҳангоми дӯхтани пешдомани буришаш яклухт чӣ гуна чок истифода мегардад?
2. Қоидаҳои бехавфии корро бо қайчӣ ва сӯзан бигӯед.
3. Дар кадом қисми пешдоман бо чоки қатшуда, мағз ё ки ашёи тобхӯрда коркард гузарондан мумкин аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Азнавкоркарди чоки гардани пешдомани буришаш яклухт

Тарафи болои қисми қафаси синапечи пешдоман, ки қисми яклухти қафаси синапеч аст, чун қисми доман дӯхта, бо тасмаи ёна, тӯр ё ки ашёи тобхӯрда коркард гузарондан мумкин аст.

Ба тарафи болои қисми қафаси синапечи пешдомани буришаш яклухт бо тартиби зерин коркард гузаронда мешавад.

**Асбоб ва ҷиҳозот:** қуттии кор, детали буридашудаи пешдоман, тӯр, қайчӣ.

**1.** Қисми болоии қафаси синапечи пешдоман аввал ба 0,5 см қат карда, сипас боз ба 2 см қат намуда, бо даст кӯк зада, дӯхта мешавад.

**2.** Ба фосилаи 0,1 см-раи чоки кӯкзанӣ бо мошина бахяқатор давонда, риштаи кӯкзанӣ кашида гирифта, ба чокҳояш коркарди намӣ-гармидиҳӣ дода мешавад (расми 46, а).

**3.** Дар қисми болоии қафаси синапечи пешдоман ҳангоми ба ашё тобхӯрда коркард гузарондан дарозии буриш якуним баробар зиёд аз детали ороишӣ, яъне тӯр ё ки ашёи тобхӯрдаи ёна гирифта мешавад.

**4.** Агар детали ороишӣ аз маводи тобхӯрда иборат бошад, як тарафи он бо мошина бо лагандаи кушод кор карда мешавад (расми 46, а).

**5.** Ба ҷониби дуйуми – ороишӣ бо мошина чоки мошинии 4-мм-ра бахя гузаронда, (расми 46, а) ва ин детали ороишии пешдоман баробари баробар шудан ба дарозии қисми болоии қафаси синапеч кашида, маводи тобхӯранда ҷамъ мегардад (расми 46, б).




**Расми 46.** Коркарди қисми қафаси синапечи пешдоман.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**6.** Аз чоки кӯкгардида дар фосилаи 0,1 см бо мошина бахяқатор давонда, риштаи кӯккунӣ канда гирифта, ҳадди чок кушода мешавад.

**7.** Ашёи тобхӯрда ба тарафи росташ баргардонда, аз болояш нақшу нигори бахяқатор дӯхта мешавад. Ба чокаш коркарди намӣ-гармӣ медиҳанд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ҳангоми кор бо дарзмол қоидаҳои бехавфиро гӯед.
2. Ба қисми қафаси синапечи пешдоман бо чоки тобхӯранда коркард гузарондан чӣ тавр иҷро мегардад?
3. Печутоби қисми болои қафаси синапечи пешдоман чӣ тавр дӯхта мешавад?

## Дӯхтани чокҳои рӯйкаш

Киссаи рӯйкаши пешдомани буришаш яклухт якто бошад, дар ин ҳол кисса дар хати миёнаи марказӣ дӯхта мешавад. Агар кисса дуто бошад, чун нишондоди расми 47 дӯхта мешавад.

**Асбоб ва чиҳозот:** буриши кисса, тӯр, ашёи печутоб, қайчӣ.

**Тартиби иҷрои кор: 1.** Қисми байзашакли киссаи пешдоман чун коркарди домани пешдоман ба иҷро мерасад (расми 47).



**Расми 47.** Дӯхтани киссаи рӯйкаш.

**2.** Қисми болоии кисса аввал ба 0,5 см қат намуда, сипас боз бо 2 см қат карда кӯк зада мешавад.

**3.** Аз чоки кӯкзанӣ дар фосилаи 0,1 см бо мошина бахяқатор давонда, риштаҳои кӯкзанӣ канда партофта, ба чок коркарди намӣ-гармидиҳӣ гузаронда мешавад (расми 47).

**4.** Қисми рости кисса ба тарафи муқобил 1 см қат карда, кӯк зада мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**5.** Киссаҳои тайёршуда ба ҷойи муайяншудаи киссаи пешдоман гузошта, сӯзанак халонда мешавад. Сипас киссаро аз се тараф ба пешдоман кӯк мезананд (расми 47).

**6.** Чокҳои кӯкзада аз паҳлӯ бо мошина зер карда дӯхта, охири кисса ба чок мустаҳкам карда, риштаҳои кӯкзанӣ гирифта партофта, киссаҳоро дарзмол мезананд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Тайёркунии киссаи рӯйкашро фаҳмонда диҳед.
2. Киссаи рӯйкаш ба пешдоман чӣ тавр пайваст мегардад?
3. Киссаи рӯйкаш ба пешдоман чӣ тавр ҷойгир карда мешавад?

## Коркарди охирини пешдоман ва дарзмолкунӣ

Қисми қафаси синапеч аз миёнбанд ва гарданбанди тасмаи ёнаи пешдоман яклухт тайёр мегардад. Тасмаи ёнаро аз газвори асосӣ бурида тайёр кардан ё ки аз тасмаҳои тайёр истифода бурдан мумкин аст. 220–230 см тасма зарур мешавад. Тасмаи мазкурро ба ду тақсим карда мегиранд. Тасма ба пешдоман бо тартиби зерин пайваст мегардад:

**1.** Як порчаи тасмаи тақсимшударо барои гарданбанд 30 см гузошта, тарафи паҳлӯи қисми қафаси синапеч дар як тарафи мағз дар ҳадди 0,5 см-и чок кӯк зада, қисми боқимонда барои миёнбанд боқӣ мемонад (расми 48, а).

**2.** Дар фосилаи 0,1 см чоки кӯккунӣ бо мошина бахякатор давонда, риштаҳои кӯккунӣ канда мешавад.

**3.** Қисми гарданбанд ва миёнбанди тасма дар намуди мағз, ба тарафи паҳлӯии қисми қафаси синапеч ба ҷониби дуйуми мағз чун намуди мағз кӯк зада мешавад.




**Расми 48.** Коркарди гарданбанд, миёнбанд ва қисми ёнаи пешдоман.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4.** Мағз бо тамоми дарозӣ дар саросари чоки кӯкзада бо мошина зер карда дӯхта мешавад, риштаҳои кӯккунӣ гирифта партофта мешаванд (расми 48, б).

**5.** Пешдомани тайёр дарзмол зада, тахт карда мешавад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ба кадом қисмҳои пешдоман коркарди якхела медиҳанд?
2. Кадом қисмҳои чок барои пайвасти муваққатӣ истифода мегарданд?
3. Қисмҳои пешдоман бо кадом чок дӯхта мешаванд?
4. Намудҳои нақшу нигореро нависед, ки барои пешдоман истифода мегарданд.

## Технологияи ҳунармандии халқӣ. Таърихи ривоҷи кашидадӯзӣ ва усулҳои кор

Кашида дар ородиҳии либосу ашёҳо аҳамияти калон дорад. Баробари донистани кашида либосҳоро нав кардан, бисёр ашёҳои зарурӣ: салфеткаҳо, панно, пешдоман, ҷилдҳои болишт, ба шахсони наздик тӯҳфаҳоро зеб додан ва тайёр кардан мумкин аст. Санъати кашидадӯзӣ таърихи бисёрасрина дорад. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои бостоншиносӣ аз қадим ба ашёву анҷоми рӯзгор – дастпокҳо, ҳошияҳои тӯрин, дастархонҳо, либосҳои идона ва рӯзмарра, пешбандҳо, кулоҳҳо ва ғайраҳо кашида дӯхта, оро дода шудаанд. Усулҳои гулҳои кашидадӯзӣ, муҷассамгардонии рангҳо аз авлод ба авлод гузашта, такомул ёфтаанд. Ба оҳистагӣ кашидаҳои аз ҳама бехтарин интихоб гардида, бо хусусиятҳои миллӣ намунаҳои характерноки нотакрорро офаридаанд. Ашёҳое, ки устоёни халқӣ бо дӯхтани кашида оро додаанд, бо гулҳои зебо, бо ҳам мувофиқ омадани рангҳо, муносибии нах, бо аниқии иҷрои усулҳо фарқ карда меистанд. Ҳар як ашёи кашидадӯзӣ ба вазифаи амалиаш рост меояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар осорхонаҳои мамлакатамон бисёр намунаҳои кашидадӯзии халқӣ ҷамъ шудаанд. Алалхусус, кашидаҳои асри XIX хуб нигоҳ дошта, то имрӯзҳо расида омадаанд.

Аз намунаҳои чоки истифодашудаи кашидадӯзӣ истифода бурда либосҳо, ашёву анҷоми хонаву рӯзгорро оро додан мумкин аст. Дар ин вақт, албатта, ба қоидаҳои бехавфӣ риоя кардан зарур аст. Яъне ҳангоми кашидадӯзӣ рост нишастан, аз тарафи чап расидани равшанӣ таъмин шуда, аз асбобу ҷиҳоз дуруст истифода бурдан лозим аст.

Барои бо даст кашида дӯхтан асбобҳои ниҳоят оддӣ зарур меоянд. Онҳо сӯзан, ангуштпона, қайчӣ, тасмаи сантиметрӣ, гардиш, риштаҳои гуногуни мулина мебошанд. Ҳамаи онҳо дар қуттичаи махсус нигоҳ дошта мешаванд.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Дар бораи кашидадӯзӣ чиҳоро медонед?
2. Дар бораи аҳамияти кашидадӯзӣ сухан ронед.
3. Қоидаҳои бехавфии механикии кашидадӯзиро маънидод кунед.
4. Барои кашидадӯзӣ чӣ гуна асбобу ҷиҳозот истифода мегардад?

## Дӯхтани намунаҳои чоке, ки дар кашидадӯзӣ кор фармуда мешаванд

Чокҳои зерин дар кашидадӯзӣ истифода мегарданд. Чоки бозногашт (қайтма) (расми 49, а). Чоки мазкур аз лағандаи бузургиаш якхела, қатораш бардавом иборат аст. Сӯзанро аз чап ба рост давонда, бо лагандаи якум ана ҳамин лаганда фосилаи калон ҳосил менамояд.



*а* *б*

**Расми 49.** Чоки бозгашт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 50.** Чоки лаганда (сув).



**Расми 51.** Чоки моршакл.

Барои фуровардани лагандаи дуюм ришта аз чап ба рост хобонда, ба нуқтаи ҷойи анҷомёфтаи лагандаи якум сӯзан зада, лаганда ба рост баровარда мешавад. Ҳангоми фуровардани лагандаи сеюм ва минбаъда, аз худи онҳо ба чап – лагандаи аввала анҷомёфта сӯзанро мехалонанд. Чоки бознагашт (расми 49, б)–ро байни лагандаҳо ҷойи холӣ гузошта, дӯзад ҳам мешавад.

**Чоки лаганда** (сув) (расми 50). Қатори бо ҳам зич аз лагандаи нишебӣ иборат мешавад. Чоки мазкурро аз чап ба рост ё ки аз худ ба пеш нигаронда равона намуда, дӯхтан мумкин аст.

Ҳангоми дӯхтани чоки лаганда (поядор) ришта мудом дар як тараф – чап ё ки рост шуданаш лозим аст. Ҳангоми дӯхтан самти риштаро тағйир додан мумкин нест.

**Чоки моршакл** (расми 51). Саросари ду риштаи аз газвори кашида баровარда ё ки кашидаи ихтиёрии контурнок мувофиқи асоси (мотиви) гули кашида дӯхта мешавад. Дар ин ҳол ба гули кашида гоҳ аз тарафи чап, гоҳ аз тарафи рост бонавбат сӯзан зада, лаганда аз чап ба рост ҷойгир карда мешавад.



**Расми 52.** Чоки йӯрма.

**Чоки йӯрма** (расми 52). Баъзан чоки лаганда ҳам мегӯянд, чунки ба воситаи ин чок канори газворҳо дӯхта мешаванд. Газворро ба пасаш 3–4 см қат карда, бо риштаи шабеҳи ранги



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

газвор кӯк мезананд. Лагандаи чоки ҳалқагинро аз чап ба рост ба зийи газвор мутавозӣ (перпендикуляр) ҷойгир карда, медӯзанд. Чокҳои мазкур бегардиш дӯхта мешаванд.



**Расми 53.** Чоки попор.

**Чоки попоп** (расми 53). Чок аз гиреҳи қатори бардавоми аз дохили якдигар бароянда иборат аст. Чоки мазкурро бе гардиш ё ба гардиш дӯхтан мумкин аст. Дар ду ҳолат ҳам сӯзанро ба тарафи худ давонда лаганда фуроварда мешавад. Ҳангоми ба гардиш дӯхтан газвор кашида нашуданаш, гиреҳи чок дар шакли кулӯла буданашро назорат кардан лозим меояд. Чоки попоп (попор)-ро бо тарзи хати шикаста ҳам дӯхтан мумкин аст. Дар ин ҳол лагандаи тарафи чаппа ва гиреҳи тарафи ростаи чок аз хати миёна бо навбат яке ба чап, дигаре ба рост ҷойгир мешавад.

## Дӯхтани намудҳои чоке, ки дар кашидадӯзӣ истифода мешаванд

**Асбоб ва ҷиҳозот:** миз, курсӣ, намунаҳои дӯхташуда, порчаи газвори якранга, сӯзан, ангуштпона, қайчӣ, лентаи сантиметрӣ, харитаи технологӣ, маҷмӯи риштаҳои гуногун:

**1.** Қоидаҳои ҳифзи меҳнат, бехавфии техникӣ, санитарӣ-гигиенӣ такрор меёбанд.

**2.** Харитаи технологие, ки намудҳои чоки кашидадӯзиро нишон медиҳанд, паҳн карда мешаванд.

**3.** Порчаи газвори якрангаи андозааш 20 х 20 см –ро бурида мегиранд.

**4.** Риштаи буриши канораи порчаи газвори то 0,5 – 1,0 см-ро меканананд.

**5.** Барои ба порчаи газвор кашидани нусхаи кашидадӯзӣ хату аломатҳои заруриро мекашанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**6.** Чоки бозгашт, чоки лаганда, чоки моршакл, чоки гиреҳдор, чоки попоп баробари истифода аз харитаи технологӣ дӯхта мешаванд.

**7.** Ҳангоми дӯхтани чокҳо аз риштаҳои гуногунранг истифода мебаранд.

**8.** Баъди анҷоми дӯхтани намунаҳои чок порчаи газворро саравввал аз чап, сипас аз росташ дарзмол мезананд.

**9.** Намунаи кашидаи иҷрошуда ба албом часпонда мешавад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Кадом намунаҳои чокҳоеро медонед, ки дар кашидадӯзӣ истифода мегарданд?
2. Барои пеш буридани машғулияти амалӣ харитаи роҳу равиш чӣ тавр тахия мегардад?
3. Барои чӣ ҳангоми кашидадӯзӣ аз асбобу ҷиҳозот истифода мебаранд?
4. Чоки бозгашт, чоки лаганда, чоки моршакл, чоки гиреҳ, чоки попоп чӣ тавр иҷро мегарданд?

## Буридани «қийиқча», нусхабардорӣ ва дӯхтан

Кашидадӯзӣ дар Осиёи Миёна хеле васеъ паҳн гардида, дар ҳар як оила бонувон мебоист дӯхтани кашидаро донанд. Барои ҳамин ҳар як оила барои худ зардевор, палак, гулкӯрпа, кирпеч, сӯзана, дорпеч, оинахалта, чойхалта, парда, миёнбанд, такяпӯш (ба болои болишт мепӯшонанд) тоққӣ, курта, даструмол, ҳамён, ҷойнамоз, сумка, нимча, маҳсӣ-калӯш, халтачаҳои андозаашон гуногунро бо диди бадеӣ аз газвор дӯхта тайёр кардаанд.



**Расми 54.** Миёнбанди «Қийиқча».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Миёнбанди «қийиқча» рӯмолест, ки мардон ба миёнашон мебананд (расми 54). Миёнбанд дар мо аз замонҳои қадим истифода бурда мешавад. Ҳанӯз дар замонҳое, ки тугма истифода намегардид, бо мақсади пӯшида истодани пеши чапон бо миёнбанд маҳкам баста мондаанд. Агар мавридаш ояд, миёнбанд ба ҷойи ҷойнамоз, дастархон, пешонабанд, даструмол ва ғайра истифода мегирдидааст. Барои дӯхтани миёнбанди «қийиқча» газворҳои бегул – сӯф, сатин, селон, атлас ва газворҳои молӣ истифода шудаанд. Гули миёнбанд ба чокҳои «илма», «йӯрма», «лаганда», чопӣ дӯхта дар андозаҳои гуногун шудааст. Ҳоло ҳам миёнбанд дар маросимҳои гуногуни халқи ӯзбек истифода мегардад. Андозаи «қийиқча» 110х110 см мешавад.

### Буридани миёнбанд ва дӯхтан бо чоки занҷирӣ

Дар «қийиқча» нақшҳои он асосан дар 4 қисмиканораш ҷойгир мешавад. Сараввал гули нақш ин тавр кашида, бо чоки занҷирӣ бо риштаи рангаш аз ранги газвор фарқкунанда дӯхта мешавад (расми 55).

**Асбоб ва ҷиҳозот:** миз, курсӣ, намудҳои чоки попопии занҷиршакл, газвори якрангаи андозааш 100х110 см, сӯзан, ангуштпона, қайчӣ, лентаи сантиметрӣ, риштаҳои гуногуни мулина, гардиш.

**1.** Ба буриши порчаи газвори якрангаи андозааш 110х110 бо мошинаи дӯзандагӣ коркард мегузаронанд.

**2.** Ба чор тарафи миёнбанд ҳошия дар як фарозӣ кашида мешавад. Дар миёнбанд нақши гулро асосан дар 4 ҳошияи қисми канора ҷойгир месозанд (расми 55).



**Расми 55.** Нусхаҳои нақш ба «қийиқча».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**3.** Сараввал гули накш ба «қийиқча» фуроварда мешавад, миёнбандро бо гардиш пора-пора карда кашида, бо риштаи рангаи рангаш аз газвор фарқкунанда бо чоки занҷир медӯзанд. Дар ин ҳол ду қабат карда истифода бурдани риштаҳои мулина тавсия мегардад.

**4.** Ба 4 нӯги миёнбанд берун аз ҳошия (аз ҳошия дохилтар мешавад) гули накшро фуроварда, дӯхтан мумкин аст.

**5.** Баъди дӯхтани нусха, сараввал қисми дохила, сипас тарафи рости онро дарзмол мекунанд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Вазифаи миёнбанди «қийиқча» аз чиҳо иборат аст?
2. Барои дӯхтани «қийиқча» чӣ гуна асбобу ҷиҳозот заруранд?
3. Ба «қийиқча» чӣ гуна газвор истифода мегардад?
4. Барои дӯхтани «қийиқча» аз кадом намуди чоки кашида истифода мебаранд?
5. Гули накшаи ба «қийиқча» дӯхташаванда ба газвор чӣ тавр фароварда мешавад?
6. Марҳилаҳои дӯхтани «қийиқча»-ро номбар кунед.

## Технологияи дӯхтани бозича (лӯхтак)-ҳои миллӣ

Аз газворҳои гуногун, ҳамчунин партовҳои матоъҳо бозичаҳои мулоим дӯхтан мумкин аст. Дар ородиҳии ин бозичаҳо аз пашм, чарм, поролон, тасмаҳои гуногун истифода мебаранд. Барои чашмони бозичаҳо тухмачаҳо, зебу зевар, даҳонашон бошад, чарм ва клёнкаро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Бисёр духтарон бозӣ бо бозичаҳо, баробари бо даст гирифтани сӯзан ба бозичаҳо курта дӯхтанро дӯст медоранд. Дар дарсҳои таълими меҳнати мактабҳои таълими миёнаи умумӣ баробари омӯхтани дӯхтани куртаҳо ба бозичаҳо аз партовҳои газвор тайёркунии бозичаҳоро ҳам ёд медиҳанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар поён, ки пешниҳад мешавад, бозичаи бо услуби миллӣ дӯхташуда буда, барои дӯхтани он аз усули оддӣ истифода бурдаанд (расми 56).



**Расми 56.** Лӯхтаки миллӣ

Саравваl қисми танаи бозичаи мазкур тайёр карда мешавад. Барои қисми тана газвори якрангаи кушоди зич бофташуда истифода мегардад. Он бо синтефон ё ки пахта пур карда мешавад. Сипас мӯйҳои он аз риштаи пашмини сиёҳ тайёр карда, ширеш мегардад ё ки дӯхта мемонанд. Рӯйи бозича бо кашида оро дода шуданаш мумкин аст. Барои бозичаи тайёр куртаро аз лахтакҳои газвори атлас ва адрас истифода бурда, дӯхтан лозим меояд. Барои ин андозаи тайёри бозича гирифта, нақшаи курта кашида мешавад. Дар ин ҳол дар порчаи паси курта то миён овезак шуданаш зарур аст. Аз ин рӯ, куртаро ба бозича пӯшондан ба осонӣ мекӯчад. Гарданбанди бозича ва қисми домани остинро бо ашёи тобхӯрда коркард медиҳанд.

Лозимаи (эзори) бозича ҳам дӯхта, ба почаи он ба ҷойи чияк тасма ё ки кашида дӯхта коркард мегузаронанд. Калӯши бозича бошад, аз газвори дилхоҳи рангаш сиёҳ тайёр мегардад. Дар ин ҳол, мувофиқи андоза калӯш дӯхта, бо синтефон пур мекунанд ва ба нӯги пой дӯхта мемонанд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Бозичаи нарм гуфта чиро мефаҳмед?
2. Барои дӯхтани бозича чӣ гуна газвор лозим аст?
3. Дар навбати аввал кадом порчаи бозича тайёр карда мешавад?
4. Куртаи бозича чӣ гуна дӯхта мешавад?
5. Қисми калӯши бозича чӣ тавр омода мегардад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Тайёркунии андозаҳои лӯхтак, чойгиркунии андоза ба болои газвор ва буридан

Дӯхтани лӯхтак аз тайёркунии андозаи он оғоз меёбад. Андозаи лӯхтак дар расми 57 оварда шудааст. Барои тайёркунии андозаи мазкур ба болои андозаи дар расм аксёфта квадратҳои бо ҳам баробари бузургиашон ихтиёриро мекашанд. Дар ин ҳол, агар квадратҳо ҳар чӣ қадар хурд бошанд, нуқтаҳои ороишгар ҳамон қадар аниқ мекӯчанд ва нусхаи контурашон ҳам ба осонӣ кашида мешавад. Ба коғази миллиметрӣ ё ки коғази тоза чоркунчаи рости ба бузургии ашё ростоянда кашида, адади квадратҳои ороишгари он чӣ қадар бошад, ба ҳамон миқдор квадратҳо тақсим мегардад (расми 57). Агар андозаи лӯхтак калонтар шудан гирад, ин катакҳо аз катакҳои нусхаи аслӣ калон шуда, андоза хурд шавад, ин катакҳо нисбати нусхаи аслӣ хурд шуда мебароянд. Баъди он нуқтаи асосии гулҳои ороишгар аз нусхаи аслӣ мувофиқи катакҳо ба тӯри тоза кӯчонда мешавад. Нуқтаҳои мазкурро бо хати равон эҳтиёткорона якҷоя карда, нусхаи хурду калонгардидаи андоза ҳосил мегардад. Барои нуқтаҳои расмро ба осонӣ ёфтан ба ду тарафи тӯри кашида рақамҳо мегузоранд.




**Расми 57.** Андозаи лӯхтак.




**Расми 58.** Андозаи курта ва ба газвор чойгирсозии он.

Баъди иҷрои корҳои болоӣ андозаҳои зерини лӯхтак ҳосил мегардад: **1.** Қисми тана 2 дона бурида мешавад **2.** Пойи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

лӯхтак 2 дона. **3.** Дасти лӯхтак 2 дона. **4.** Калӯши лӯхтак 2 дона.

**Асбоб ва ҷиҳозот:** картони мулоим, порчаҳои газвори якрангаи рангаш кушод (барои калӯш ранги сиёҳ), сӯзан, ғалтаки риштааш ҳамранга газвор, қайчӣ, ангуштпона, хаткашак, сӯзанакҳои хурд.

**Тартиби иҷрои кор.** Деталҳои лӯхтак мувофиқи миқдори ададҳои нишондодашуда аз газворҳои якрангаи рангашон кушод (барои калӯш ранги сиёҳ) бурида гирифта, қисми танаи он дӯхта мешавад. Баъди тайёр шудани қисми танаи лӯхтак, андозаи куртаи ана ҳамин ченак тайёр мешавад. Андозаи он ва ҷойгирсозии газвор дар расми 58 оварда шудааст. Андозаи курта ҳам чун танаи лӯхтак омода мегардад.

Қисми танаи лӯхтак ин тавр тайёр карда мешавад:

**1.** Дар сарқисми танаи лӯхтак 4-то қӯки даруни астари 3см-раи тарафи чаппаи газвор муайян карда дӯхта мешавад.

**2.** Дар тарафи рости қисми рӯйи лӯхтак ҷойи абрӯ, чашм ва даҳон муқаррар карда мешавад.

**3.** Тарафи рости детали қисми танаи лӯхтак ба ростааш нигаронда, аз атрофаш чоки 0,5 см-ра ба се тараф дӯхта мешавад. Ба қисми гардан каме холигӣ (ҷои холӣ) гузошта, қисми тана ба ростааш тоб дода, дарунаш бо синтефон ё пахта пур карда мешавад. Ҳадди чокро бо чоки нопадид медӯзанд.

**4.** Пойу дастони лӯхтак ҳам бо ростааш ба дарун нигоҳ карда, ба 3 тараф дӯхта мешавад, нӯгаш рост карда, бо қисми тана пайваст мегардад.

**5.** Калӯшро дуқат карда, қисми пошна дӯхта, нӯгаш пурра гардонда, ба нӯги пой пайваста мешавад.

**6.** Қисми рӯйи лӯхтак бо кашида дӯхта, оро дода мешавад ва мӯяш аз риштаи пашмини сиёҳ омода гардида, ба сараш дӯхта, ё ширеш карда часпонда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Барои қисми танаи лӯхтак латтапораи чӣ гуна газвор лозим меояд?
2. Қисми танаи лӯхтак аз кадом қисмҳо иборат аст?
3. Ҳар як узв чӣ номида, чантогӣ бурида мешавад?
4. Қисми танаи лӯхтак бо кадом марҳилаҳо дӯхта мешаванд?

## Коркарди порчаҳо. Дӯхтани лӯхтак

**Асбоб ва чиҳозот:** картони мулоийм, порчаҳои газвори якрангаи рангаш кушод (барои калӯш ранги сиёҳ), сӯзан, ғалтаки риштааш ҳамранги газвор, қайчӣ, ангуштпона, хаткашак, сӯзанакҳои майда.

**Тартиби ичрои кор.** Дар асоси нақшаи расми 59 андозаи куртаи лӯхтак тайёр мегардад (ба мавзӯи пештара нигаред). Дар ин ҳол андоза ва қисмҳои зерин ҳосил мешавад:

**1.** Порчаи пеши курта – 1 дона.

**2.** Порчаи ақиби курта – 2 дона.

**3.** Гиребон ва тобхӯрдаи қисми домани остин дар зери кунчи 45° дар фарози 4 см бурида мешавад.

**4.** Эзор – 2 дона.

Дӯхтани курта ин зайл амалӣ мегардад (расми 59):

– дар хати миёнаи порчаи поёнии курта ҳадди чоки йӯрмазада мешавад ва ростааш ба роста нигоҳ карда гузошта, то фарозӣ 0,5 см фароҳӣ дӯхта, ҳадди чокро дарзмол мезананд (расми 59, а).

– қисмҳои пешу қафо ба ҳам нигаронда, саросари китф ва қисмҳои паҳлӯ чоки 0,5 см-ро дӯхта, ҳадди чок йӯрма, дарзмол мешавад (расми 59, б);




**Расми 59.** Коркарди детал (қисм)-ҳои курта.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– барои гардан ва қисми домани остин «бурмаҳо» тайёр карда, сипас пайваст мегарданд (ба мавзӯи дӯхтани пешдоман нигоҳ кунед) (расми 59, в);

– қисми домани куртаро қат мекунанд (расми 59, г);

– қисмҳои эзор дукат карда, чоки қадам дар фарохии 0,5 см дӯхта, ба ҳадди чок дарзмол мезананд;

– ростаи 2-то қисми эзор ба ростааш нигоҳ карда гузошта, хати нишаст дар фарохии 0,5 см дӯхта, ҳадди чокро дарзмол менамоянд;

– қисмҳои миён ва остини эзор қат карда дӯхта, дарзмол зада мешавад.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Куртаи лӯхтак аз кадом қисмҳо иборат аст?
2. Дӯхтани курта аз кадом қисм оғоз меёбад?
3. Барои чӣ ҳар як чокро дарзмол мезананд?
4. Усули дӯхтани чоки паҳлӯи китфи куртаро гӯед.
5. Дар бораи марҳилаҳои дӯхтани эзор (лозима) маълумот диҳед.

## Коркарди охирини лӯхтак

Баъди тайёр шудани куртаи лӯхтак ба он коркарди охирин медиҳанд. Курта аз риштаҳои гуногун тоза мегардад. Ба доштаки хати миёнаи порчаи ақиб коркард гузаронанд, яъне аз сӯзан ва ришта истифода бурда, 2-то ҳалқаи ҳавоӣ саросари холигии як тарафи порчаи ақиб дӯхта мешавад ва ба назардошти ҳалқаҳо тугмаҳои хурд ба тарафи дуюми порчаи ақиб пайваст мегардад. Куртаро ба қисми танаи лӯхтак мепӯшонанд.

Ба қисми миёни эзор тасма даровarда дар қисми пой ба ҷойи чияк тасмаи гулдорро медӯзанд. Риштаҳо бурида, эзорро ба лӯхтак мепӯшонанд.

Мӯйҳои лӯхтакро ба тартиб оварда, ба он тоқии шаклаш чоркунҷа ё кулӯларо мепӯшонанд ё худ рӯймол бастан ҳам мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Коркарди охирин ба кӯртаи лӯхтак бо кадом тартиб ба иҷро мерасад?
2. Марҳилаи дар лӯхтак гузарондани коркарди охиринро бигӯед.
3. Ба лӯхтак тоққиро чӣ тавр тайёр кардан мумкин аст?

## Маълумот дар бораи бофтан. Бофтани намудҳои чок

Барои бофтан наххҳои табиии пашм, пахта, абрешим ва наххҳои сунъӣ истифода мегарданд. Маҳсулоти аз риштаи пахта, абрешиши хом бофташуда тез кандашаванда буда, кашишаш паст мешавад. Барои ҳамин ба ин риштаҳо риштаҳои сунъиро ҳамроҳ карда бофтан натиҷаи хуб мебахшад.

Ҷараёни бофтани дастиро якҷоя бо спитса бо кӯмаки чангак ҳам ба иҷро расондан мумкин аст. Истифода аз чангак имконияти боз ҳам сифатнок ва бетакрор баромадани корро васеъ карда, ба эҷодкорӣ, мукаммалӣ водор месозад.

Бофтан аз ба ҷо овардани ҳалқаи оддӣ оғоз меёбад (расми 60, а). Чангакро дошта нӯги он ба байни каҷак дароварда, риштаи аз калоба омада аз сӯрохии ҳамин каҷак кашида гирифта мешавад. Ҳамин тавр, ҳалқаи ҳавоӣ ҳосил мегардад (расми 60, б).

Ҳалқаҳои ҳавоӣ мувофиқи тартиби пайдарҳамии болоӣ гирифташуда занҷир номида шуда, асоси полотнои бофта қатори оғозиро ташкил менамояд (расми 60, в ва г).




**Расми 60.** Тартиби бофтани сутунчаи нотамом.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои дӯхтани **сутунчаи нотамом** занҷири иборат аз 20 ҳалқа бофта мешавад. Ҳалқаи якуми аз ҳама охиринро гузошта, ба мобайни ҳалқаи дуюми баъди он нӯги чангак даровардa, риштаи кории аз тӯб омадаро бо нӯги чангак дошта, аз ҳамин фарозӣ ва аз холигии ҳалқаи якум кашида бароварда мешавад. Дар чангак боз як ҳалқаи нав ҳосил мешавад. Боз нӯги чангак ба байни ҳалқаи дуюм даровардa, риштаи корӣ аз мобайни ана ҳамин ва ҳалқаи чангак кашида гирифта мешавад ва ҳоказо (расми 60, д).

**Сутунҳои беҳалқа(паст)-и хомакӣ.** Барои он иборат аз 20 ҳалқаи ҳавоӣ занҷир бофта мешавад. Ба мобайни ҳалқаи сеюми занҷир нӯги чангак даровардa, риштаи кории тӯб овехта аз байни ҳамин ҳалқа кашида гирифта мешавад. Дар чангак ду қатор ҳалқа ҳосил мегардад. Акнун бо нӯги чангак боз риштаи корӣ дошта гирифта, аз байни ду ҳалқаи чангак кашида мешавад. Ҳалқаҳои навбатӣ ҳам ҳамин тавр ба иҷро мерасанд. Дар ҳар як занҷир яктогӣ сутунча мешавад. Ба фарҷоми қатор ҳалқаи милк бофта, кафт рӯ гардонда, боз бо ҳамин васила бофтан давом мекунад. Барои дӯхтани қатори нав нӯги чангак ба байни ҳалқаи қатори пешина не, балки ба асоси он даровардa, риштаи корӣ овехта, аз ҳамин байн ҳалқаи нав кашида бароварда боз бо нӯги чангак риштаи корӣ дошта, ба байни ду ҳалқа кашида бароварда мешавад ва ҳоказо (расми 61).




**Расми 61.** Сутунчаҳои бе ҳалқа (паст)-и хомакӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Баробари бофтани ҳар як қатор микдори ҳалқаҳоро санҷидан, яъне ба болои як занҷир рост омадани ҳалқаи навро назорат кардан лозим меояд. Дар акси ҳол, адади ҳалқаҳо тағйир ёфта, дар фарозии полотно тағйирот рӯй дода, кор ноҳамвор сурат гирифтанаш мушоҳида мегардад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Бо ёрии чангак кадом ашёҳоро дӯхтан мумкин аст?
2. Ҳалқа чӣ тавр ҳосил мегардад?
3. Сутунчаи нотамом чӣ тавр бофта мешавад?
4. Сутунчаҳои беҳалқаи хом чӣ тавр бофта мешаванд?

## Бофтани ғилоф ба айнаки чашм

Барои бофтани ғилофи айнаки чашм аз риштаҳо, пашм, пахта, абрешим ва наххои сунъӣ бо чангакҳои рақамҳояш 2–3 истифода бурдан мумкин аст.

**Асбоб ва чиҳозот:** 50 гр риштаи нахаш пашмин ва чангаки рақами 3.

**Тартиби иҷрои кор:**

**1.** Занҷири иборат аз 16 ҳалқаи ҳавоӣ бофта мешавад.



**Расми 62.** Ғилофи айнаки чашм.

**2.** Дар қатори дуюм сутунчаҳои беҳалқаи хомакӣ бофта мешавад.

**3.** Ҳангоми ба анҷоми қатор омадан корро ба тарафи муқобил тоб надода, дар атрофи занҷири якуми бофташуда давр занонда, бо сутунчаҳои беҳалқаи хомакӣ бофта мешавад.

**4.** Ҳамин тавр ғилофи айнаки чашм бо тарзи гирдогирдӣ дар дарозии 15–18 см бофта мешавад (ба дарозии айнаки чашм таъин мегардад).

**5.** Барои бофтани сарпӯши қисми вориди ғилоф нисфи давраи ғилоф дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шакли конус дӯхта ба анҷом мерасад, яъне 16-то ҳалқаи ҳар қатор 2-тогӣ кам карда мешавад.

6. Дар анҷоми кор барои пӯшида истодани ғилоф 10-то занҷир бофта, гиреҳ (ҳалқа, петля) ҳосил мегардад.

7. Дар тарафи дуюми ғилофи айнаки чашм аз чангак истифода бурда, тугма дӯхтан ё ки ба сифати нақш мувофиқи ранги ришта тугмача дӯхта мешавад (расми 62).

8. Барои сахттар шудани ғилофи айнаки чашм ба даруни ғилофи тайёр дар фарозии ғилоф ва мувофиқи дарозии айнаки чашм картони нарм гузоштан мумкин аст.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Барои бофтани ғилофи айнаки чашм чӣ гуна асбобу таҷҳизот зарур аст?
2. Бофтани ғилофаки айнаки чашм аз чӣ оғоз меёбад?
3. Марҳилаҳои бофтани ғилофаки айнаки чашмро бигӯед.

## 2.5. ТЕХНОЛОГИЯИ ТАРМИМИ АШЁҲО

### Машғулияти амалӣ. Дӯхтани ашёҳои чокашон даридаи мухталиф

Ҳангоми созкунии либосҳо ҷойи корро дуруст ташкил кардан зарур аст. Мувофиқи иҷрои кор коргоҳ тахт мегардад. Корҳое, ки ба иҷро мерасанд, дӯхтан бо даст, аз тугмашинонӣ, ҳалқадӯзӣ, ямоққунӣ, дӯхтани чокҳои дарида, чангакдорӣ иборат буданаш мумкин аст. Барои иҷрои корҳои мазкур миз ва курсӣ, мошинаи дӯзандагӣ, дарзмол, қуттии корӣ ва асбобҳои зарурӣ омода мегарданд. Ба коргоҳ бояд равшанӣ хуб дохил шавад.

Дар баъзе ҳолатҳо чоки либос дарида меравад. Ҳаракати қатъӣ, гузоштани қадами бисёри калон, бесифатии риштаҳои дӯхтаи либос ба ҷудо шудани чокҳо сабабгор мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 64.** Дӯхтани чоки дарида.




**Расми 64.** Дӯхтани чоки дарида.

**Корӣ амалӣ:** дарбеҳандозӣ

**Асбоб ва чиҳозот:** қуттичаи корӣ, риштаи ғалтак, сӯзан.

Кор бо тартиби зерин ба иҷро мерасад (расми 64):

**1.** Тарафи рости ҷойи газвори даридаро ба дарун нигаронда, ҷойи чок ба ҳамдигар рост карда дуқат карда мешавад. Ба ҷойи дарида сӯзанак мехалонанд ва бо даст кӯк зада мешавад (расми 64, а).

**2.** Ҷойи чоки дарида бо лагандаи йӯрмаи майда бо даст дӯхта мешавад (расми 64, б).

**3.** Чокҳои кӯкзанӣ гирифта партофта, ба он дарзмол мезананд (расми 64, в).

**4.** Сифати иҷрои корро месанҷанд: яъне оё чоки дастӣ майда, ба қатори чоки мошинӣ рост омадааст, ҳамвор дӯхта шудааст?

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Барои чӣ чоки либосҳо медаранд?
**2.** Барои дӯхтани чоки дарида чӣ гуна навъи чокро истифода мебаранд?
**3.** Барои дӯхтани чоки дарида аз кадом намуди чок истифода мебаранд?
**4.** Барои тармими либос ришта чӣ тавр интихоб мегардад?
**5.** Дӯхтани ҷойи дарида аз кадом марҳила иборат аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САМТИ III
# АСОСҲОИ КИШОВАРЗӢ

## БОБИ 1. РАСТАНИШИНОСӢ

### 1.1. МАФҲУМҲОИ УМУМӢ

Ба масъалаи ривоҷи хоҷагиҳои фермерӣ дар Ватанамон эътибор алоҳида аст. Онҳо дар боби таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ мавқеи муҳим доранд.

Барои дар кишоварзӣ зиёд кардани маҳсулот, беҳтар кардани сифати он мустаҳкамкунии заминаи моддиву техникӣ, баланд бардоштани маданияти деҳқонӣ, механиконии комплексии чорводорӣ, беҳтаркунии ҳолати мелиоративӣ ва корҳои ирригатсия, пурсамар истифода бурдан аз техника, нуриҳои минераливу маданӣ ва хубкунии корҳои тухмипарвариро металабад.

Дар Ӯзбекистон асосан пахта, ғалла, картошка, мева, сабзавот ва дигар зироат рӯёнда, дар солҳои истиқлол ҳосилнокии онҳо мунтазам баланд бардошта мешавад.

### Намудҳои зироати асосие, ки дар минтақаҳо рӯёнда мешаванд, аҳамияти онҳо

Намудҳои зироати кишоварзие, ки дар минтақаҳои Ӯзбекистон кишт карда мешаванд, бо шароити табиӣ-географӣ, тарзи ҳаёти анъанавии аҳолие, ки дар ҳамин ҷо истиқомат мекунанд, муайян мегарданд. Масалан, дар минтақаи шимолии республикамон – Республикаи Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм шолӣ, пахта рӯёнда мешавад. Дар вилояти Тошканд асосан сабзавот ва меваҳо, пахта рӯёнда, дар баъзе ноҳияҳо шолӣ кишт мекунанд. Дар водии Фарғона боғдорӣ, пахтакорӣ ва ғаллакорӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар ҳудудҳои кӯҳии вилоятҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Самарқанд, Қашқадарё, Сурхондарё бо кишти лалмӣ, деҳқонӣ шуғл меварзанд.

Дар ҳудудҳои асосии мамлакатамон деҳқонии обёришаванда ривоҷ ёфтааст. Растаниҳои яксолаву бисёрсолаи мевааш сероб ва қисми гӯштиаш ба хӯрок истифодашаванда сабзавот номида мешаванд (расми 1). Реша, мағз, поя, бехмева, пиёз, гул, меваашро истеъмол кардан мумкин аст. Дар сабзавот бештар моддаҳои ғизоӣ ва мояҳо (витаминҳо) мавҷуданд, ки барои ҳаёт ниҳоят заруранд.



**Расми 1.** Сабзавотҳо.




**Расми 2.** Зироати ғалладона: 1-а, б-навъҳои гандуми нарм; 1-с, 1д-навъҳои гандуми сахт; 2-б-навъҳои ҷав; 3-ҷавдор; 4-сулӣ; 5-а, б-намудҳои шолӣ; 6- арзан.

Ҳосили сабзӣ, лаблабу, шалғам, карам барин баъзе сабзавотҳоро тирамоҳ ҷамъ меоваранд. Сабзавотҳо ҳангоми боридани борон ҷамъ оварда шавад, рӯйи онҳоро дар ҷойи болопӯшида бояд хушк карда гирифт. Ҳангоми бебориш омадани ҳаво саб-завоти ғундошта ба мақсади нигоҳ доштан ба анборҳо роҳ пеш мегиранд. **Зироати ғалладона.** Асосан растании озуқавӣ ба ҳисоб рафта, аз онҳо таъомҳои гуногуни хушсифат ва серғизо тайёр карда мешавад (расми 2). Дар таркиби онҳо моддаҳои ба одам зарур – карбогидридҳо, чарбуҳо, сафедаҳо ва дигар пайвастагиҳои органикӣ мавҷуд аст. Ҳамчунин, зироати ғалладона дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чорводорӣ ба сифати ему хошок васеъ истифода мегардад. Аз дони онҳо ем, аз қисми аз замин болоиашон силос ва хошок тайёр мешавад.

Нахӯд, нахӯди кабуд, лӯбиё, соя ва ғайра ба ҷумлаи зироати ғалладонаи хӯшадор медароянд. Зироати мазкур бо дар таркиби дон, поя ва баргашон зиёд будани сафеда (20–30 фоиз) фарқ менамоянд.

Ба таркиби зироати равғандор кунҷут, офтобпараст, чормағзи заминӣ медароянд. Дар таркиби тухмии зироати мазкур то 15–60 фоиз равған мавҷуд аст. Аз равғанашон алиф, маргарин, собун ва дигар маҳсулот гирифта мешавад. Аз кунҷораи онҳо барои чорво озуқаи гаронбаҳо тайёр карда, ба сифати поруи табиии киштаҳо истифода мебаранд. Аз растаниҳои нахдори аз тухмиаш нахгиранда (пахта), аз пояаш нахгиранда (канаб, зағир), аз баргаш нахгиранда барин гурӯҳҳоро дучор омадан мумкин аст.

Дар республикаамон зироати маданӣ, асосан дар заминҳои лалмикор ва обёрикунананда рӯёнда мешавад. Мувофиқи хусусияти зироати рӯёндашуда майдони кишт интихоб мегардад. Ба заминҳои лалмӣ асосан навъҳои гандум, тарбуз ва ғайра кишт мешаванд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ба сабзавот кадом зироат медарояд?
2. Ғалла аст? Хӯшадорро чаро мекоранд?
3. Ба растании ғалладонаи хӯшадор чиҳо медароянд?
4. Намудҳои зироати асосии дар маҳалли истиқоматиатон киштшавандаро шумурда диҳед.

## Рӯёндани ҳосил дар гармхонаҳо

Ба мақсади қонеъ гардондани эҳтиёҷи халқамон ба маҳсулоти тару тоза дар давоми сол дар гармхонаҳо ҳам зироат рӯёнда мешавад. Дар гармхонаҳо сабзавотро бо ду усул: бевосита дар дохили гармхона ва болояш бо плёнкаи полиэтилени пӯшондашуда мерӯёнанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Расми 3.** Рӯёндани сабзавот дар зери плёнка

Солҳои охир дар гармхонаҳои республикаамон лимӯ, бодиринг, помидор, карам ва сабзавотҳои гуногун рӯёнда мешаванд. Он дар боби аҳолиро сари вақт таъмин кардан бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ кӯмак мерасонанд.

**Рӯёндани сабзавот дар зери плёнка.** Замини кишткунандаи плёнка ба тарафи ҷануб нишеб бошад, баҳорон ба тезӣ метафсад ва имконияти барвақт, дар муддати кӯтоҳ киштани тухмӣ ва шинондани кӯчатро фароҳам меоварад (расми 3). Барои ин замин тирамоҳ шудгор карда, сихмолазада, мувофиқи намуди кишта ҷӯяк гирифта мешавад. Баробари аз барф тоза шудани замин (феврал-март) болои ҷӯякҳо бо плёнкаи полиэтиленӣ пӯшонда, он ба тафсидани хок ёрӣ мерасонад. Барои ин симҳои барашон 4–6 мм, дарозиашон 90–100 см дар шакли ҳилол қат карда, ҷӯякҳои киштшаванда дар мобайнаш мононда, ду нӯги сим ба замин халонда мешавад. Масофаи байни симҳо 100 см буда, онҳоро бо якдигар бо кӯмаки риштаҳои канабин якҷоя карда, бо халачӯбҳои сару охири ҷӯякҳо кӯфташуда ду нӯгаш таранг карда баста мешавад. Замини ҷӯякҳои ба плёнка пӯшонда давоми 8–10 рӯз метафсад ва ба онҳо нисбати саҳро 1–2 моҳ пештар тухмӣ пошидан ё ки кӯчат шинондан мумкин аст.



**Расми 4.** Гармхона.

**Гармхонаҳо.** Сохторҳои махсуси оинабанд ё ки бо плёнка пӯшонида буда, дар онҳо баробари истифода аз манбаъҳои гармӣ зироат рӯёнда мешавад (расми 4). Хоки ин замин ҳи-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

моя гардида, дар он дар давраи дилхоҳи сол зироат мерӯёнанд. Гармхонаҳо зимистонӣ, баҳорӣ, тобистонӣ мешаванд. Барои кишти ҳар як зироат омехтаи хоки махсус тайёр мегардад. Баробари равшании табиӣ бо равшании сунъӣ таъмин карда мешавад. Ҳарорати ҳаво ва хок идора мегардад. Зироат сари вақт об дода, озуқонида мешавад. Тамоми ин корҳо барои бардоштани ҳосили баланд кӯмак мерасонад.

Барои дар давоми тамоми сол рӯёндани сабзавотҳо комбинатҳои бузурги гармхонаҳо ташкил меёбанд. Гармхонаҳо асосан барои парвариши карам, помидор ва дигар сабзавот, гулҳо таъин гаштаанд. Ҳамчунин гармхонаҳо бо парвариши кӯчатҳо ҳам шуғл меварзанд.

**Тайёркунии гармхона ба кишт:**

**1.** Чуқурии тайёршударо бо 30–35 см ғафсӣ ҳамвор кар-да, пору меандозанд. Онро хуб зер карда мемонанд.

**2.** Бо ҳароратсанҷ тафсиши пору санҷида мешавад. Агар ҳарорат дар атрофи 45° С бошад, ба он хок андохтан мумкин аст.

**3.** Агар гармхона бо об гарм шавад, сараввал қубурҳо санҷида мешаванд.

**4.** Хоки тайёрро мебезанд.

**5.** Ба гармхонаи тайёршуда бо ғафсии 15–20 см хок меандозанд..

**6.** Рамаи гармхона ва баландии байни сатҳи хок бо хаткашак аниқ мегардад. Мувофиқи навъи зироат ин баландӣ 10–15 см шуданаш мумкин аст.

**7.** Барои хуб тафсидани хоки гармхона онро бо газвори ғафс пӯшондан лозим аст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Дар зери плёнка кадом навъҳои сабзавот рӯёнда мешавад?
**2.** Қоидаҳои парваришкунии зироат дар гармхонаҳоро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## 1.2. ОЛАТҲОИ КОРИИ КИШОВАРЗӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

### Техника ва технологияи рӯёндани маҳсулоти кишоварзӣ

Дар корхонаҳои замонавии кишоварзӣ аксари корҳои хоҷагии фермерӣ механиконида шудааст. Хоҷагиҳои ҷамоавии республикаамон аз трактор, комбайнҳои пуриқтидор ва дигар техникаи гуногун истифода мебаранд. Калимаи «техника» ба чанд маъно истифода мегардад. Мо ба он ба сифати маҷмӯаи олоту воситаи кории ба рӯёндани неъматҳои моддӣ истифодашаванда менигарем. Ҳамчунин, вай воситаҳову самтҳои фаъолияти инсон, усулҳои ба амал баровардани фаъолиятро ҳам мефаҳмонад. Ба ин гуна воситаҳо мошинаҳо, олотҳои кори механикӣ, ҷиҳозоти мухталиф дохил шуданаш мумкин аст.

Мошина ва ҷиҳозоти кишоварзӣ мувофиқи иҷрои корҳои коркарди растаниҳо ба чунин гурӯҳҳои асосӣ тақсим мегарданд: техникаи истифодабарӣ ва коркарди замин, порупошӣ, коштани тухмӣ ва шинондани растаниҳои кишоварзӣ, парваришкунии растаниҳо, ҷамъоварии ҳосил ва гузарондани коркарди аввалини маҳсулоти кишоварзӣ.

Ба техника ва ҷиҳозоти коркарди замин позаҳо (плугҳо), сихмолаҳо, култиваторҳо ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Барои пошидани нурӣ аз ҷиҳози андохтани нуриҳои сахт ва нуриҳои моеъи органикӣ истифода мебаранд. Пошидани тухмии зироати кишоварзӣ бо ёрии тухмипошакҳо, кӯчатшинонӣ бо мошинҳои кӯчатшинонӣ ба амал бароварда мешавад.

Растаниҳо бо ёрии култиваторҳо, гардпошак ва механизмҳои пошдиҳӣ парвариш мегарданд.

Растаниҳои кишоварзӣ бо ёрии мошинаҳои даравгарӣ, комбайнҳо ҷамъ карда мешаванд.

Барои гузарондани коркарди аввалини маҳсулоти ҷамъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

оварда аз мошинаҳои ғаллатозакуниву доначудокунӣ ва дигар мошинаҳо истифода мебаранд.

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ аз техникаи сершумори иҷрокунандаи корҳои мухталифи боғдорӣ, чорводорӣ, деҳқонӣ ва дигар соҳаҳо истифода мекунанд. Ба ҳамин техника механизаторone лозиманд, ки чунин мошинаҳоро дар доираи васеъ кор фармуда метавонанд. Онҳо мебояд техникаи кишоварзӣ, рӯёндани зироати хоҷагии фермерӣ ва шароити парвариши чорвои хонагиро хуб донанд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Усулҳои парвариши растанӣ ва қисми таркиби агротехникаи онро гӯед.
2. Мошинаҳои кишоварзӣ ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд?
3. Растаниҳоро бо ёрии кадом мошинаҳо парвариш мекунанд?

## Технологияи парвариши пахта дар кишоварзӣ ва ҷараёни рӯёндани он

Аз нумӯъкунии пунбадона то ҳосилкунии тухмии нав пахта (ғӯза) марҳилаи маълуми ривоҷёбиро аз сар мегузаронад (расмҳои 5–6). Пахта ҳангоми ҷараёни руш-ду ривоҷаш бо 5 марҳилаи асосӣ фарқ мекунад.

1. Нумӯъкунӣ. 2. Баровардани чилбарг. 3. Шонабандӣ. 4. Гулкунӣ. 5. Кушодани кӯракҳо.



**Расми 5.** Гул ва ҳосили ғӯза.

**Нумӯъкунӣ.** Барои неш задани пунбадона ҳарорати хок набояд аз 10–12° С паст бошад. Агар ҳарорати хок 20–25° С бошад, нумӯъи пунбадона метезад. Нумӯъкунии пунбадона ва дар рӯйи замин пайдошавии майсаҳо мувофиқи ҳарорати гармӣ ҳар хел мешавад: дар ҳарорати доимии 15° С 19–20 рӯз; 20° С 8 рӯз; 25° С 4 рӯз. Пунбадона



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар муддати пешу ақиб пошида шавад ҳам, аз нумӯъ то давраи сабзида баромадан ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ 15° С-ро ташкил карданаш лозим аст.

Баъди ба сатҳи замин кафида баромадани палаки тухмӣ давраи ҳосилкунии барги тухмӣ оғоз меёбад. Аз 50 фоиз бештар неш зада баромадани давраи пурра неш задани пунбадона номида мешавад.

Ҳангоми нумӯъи пунбадона, асосан палакҳои тухмӣ аз ҳисоби моддаҳои захиравӣ ривоҷ меёбад.

**Давраи ҳосилкунии барги ҳақиқӣ.** Вақте ки пунбадона ба рӯйи замин неш зада мебарояд, баъди вақти муайян дар ғӯза аввалин барги ҳақиқӣ пайдо мешавад. Дар кишти якуми муддаташ мӯътадил ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ 15–10° С бошад, баъди нумӯъи пунбадона дар бадали 8–9 рӯз баромадани аввалин барги ҳақиқӣ мушоҳида мегардад. Дар ҳарорати 25° С баъди 4 рӯз баромадани аввалин барги ҳақиқӣ муайян гаштааст. Одатан баъди 8–9 рӯзи баромадани барги аввалини ҳақиқӣ дуюмаш пайдо мешавад, навбатиаш бошад, баъди фосилаи 3–5 рӯз ҳосил мегарданд.




**Расми 6.** Давраҳои сабзиши ғӯза (пахта): 1. Нумӯъкунӣ; 2. Баровардани барги ҳақиқӣ; 3. Шонабандӣ; 4. Гулкунӣ; 5. Пухтарасӣ.

**Давраи шонабандӣ.** Баъди дар ғӯза пайдо шудани 7–8 барги ҳақиқӣ аз паҳлӯи 5–8 барги ҳақиқӣ аввалин шохмева баромада, дар он шонаи хурд намудор мегардад. Аз мушоҳидаи таҷрибаҳо маълум



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мегардад, ки агар ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ 20° С бошад, давраи пайдоиши барги ҳақиқии аввал то шонабандӣ ба 30–36 рӯз, 25–56° С бошад, ба 22–24 рӯз рост меояд. Шонаҳои дар шохаи ҳосил пайдошуда хурд мешавад, бузургаш 3–5 мм, шаклаш пирамидамонанд шуда, атрофашро 3-то шонабарг иҳота менамояд. Шонаи шохи ҳосил аз муғчаи дохили банд (буғум) пайдо мешавад. Ҳангоми сабзидан ва ривоҷи растанӣ дар як шохаи ҳосил якчандто шона пайдо шуданаш мумкин аст.

**Давраи гулкунӣ.** Дар шароити сабзиши мӯътадил дар ғӯза 9–11-то шохи ҳосил пайдо мешавад ва дар банди аввалини шохи нахустини ҳосил шонаи аввалин кушода, давраи гулкунӣ оғоз меёбад. Барои оғоз ёфтани давраи гулкунӣ ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ дар атрофи 19–20° С шуданаш лозим аст. Баъди дар бехи ғӯза оғоз ёфтани пайдоиши шонаҳо гулҳо аз поён ба боло шох ба шох, кӯтоҳ, бонавбат, дар ҳар як шох бошад, аз ҷониби поя ба тарафи дохили шох нигоҳ карда, бо навбати дарозмӯҳлат кушода мешаванд. Ба дохили поя нигоҳ карда, аз як шох ба дигараш гузашта кушодани гулҳо 2–3 рӯз, кушодани як гули худи шоха ба гули дигари он ба ҳисоби миёна ба 5–7 рӯз тӯл мекашад.

Дар шароити Ӯзбекистон ғӯза моҳи июн ба гулкунӣ оғоз менамояд ва то охири давраи обёрикунӣ давом мекунад. Гулҳои навъи миёнанок субҳ кушода ранги зарди баланд, сурхи баланд гирифта ва дар нимаи дуюми рӯз ба ранги сурху бунафш медароянд. Гули пахтаи навъи маҳиннах субҳ ранги зард, бегоҳӣ бошад, ранги зардчатоб пайдо мекунад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Пунбадона дар чӣ гуна ҳарорат нумӯъ мекунад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Технологияи парвариши картошка дар кишоварзӣ ва чараёни рӯёндани он

Картошка зироати ғизоии гаронбаҳо буда, дар таркибаш 20 фоиз крахмал, 2 фоиз сафеда ва намакҳои маъданӣ дорад. Ба ғайр аз ин, дар лӯндаи картошка витаминҳои C (туршии аскорбин), $B_1$ (тиемин), $B_2$ (рибофлавин), $B_6$ (пирдоксин) мавчуд аст. Агар тадбирҳои агротехникӣ дар вақташ ва дуруст ба амал бароварда шаванд, аз ҳар гектар 200–250 сентнер ва аз он ҳам зиёд ҳосили фаровон бардоштан мумкин аст. Дар як бехи картошка то 3–6 поя ҳосил мегардад. Баландии поя 50–80 см, рангаш кабуд ё сурхчатоб буда, бӯйи ба худ хос дорад. Гулҳояш силиндршакл, баргҳои хурду бузургаш бисёранд. Дар як банди гул 2–3-то ва аз он зиёд гул мешавад. Дар дохили мева тухмиаш мешавад, ки ниҳоят майда аст, вале каме ҳамвори рангаш зардчатоб мебошад (расми 7).

**Технологияи парвариш.** Иваз карда коштан. Дар шароити Ӯзбекистон барои рӯёндани картошка хоки ҳудудҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, пастхамиҳои дарё мақбул аст. Хокҳои мазкур аз нуриҳо саршор асту камтар метафсад. Ҳамчунин заминҳои дашт ва дигар намудҳои хоки заминҳо барои рӯёндани картошка истифода мешаванд. Картошка бо намудҳои гуногуни сабзавот иваз карда кишт мегардад. Карам, бодиринг, маҳсулоти полизӣ, бехмева ва зироати донадор барои картошка ҳамтақдир ба ҳисоб мераванд.



**Расми 7.** Поя ва решаҳои картошка.

**Озуқонидан.** Картошка нуриҳои баҳориро эҳсоскунанда аст. Азот сабзиши пояро пурзӯр гардонда, ҳосилнокиро баланд мебардорад. Дар ша-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

роити маҳаллӣ картошка бештар нуриҳои азотдор ва калийдорро талаб менамоянд. Кишти мазкур бештар нуриҳои маъданиро эҳсос менамояд. Дар хокҳои моддаҳои ғизоиашон кам картошка ба пору эҳтиёҷманд аст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар таркиби картошка чӣ гуна моддаҳои мавҷуданд?
2. Картошкаи бевақтӣ дар кадом маҳалҳо кишт мегардад?
3. Дар бораи фарогирии картошка бо нуриҳо маълумот диҳед.

## Технологияи ҳосилкунии ғалла дар кишоварзӣ ва чараёни рӯёндани он

Ғалладона зироати хеле муҳими озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, қисми асосии аҳолӣ маҳсулотеро истеъмол мекунанд, ки аз зироати ғалладона гирифта мешавад. Маҳсулоти ғизоии он бомазза, серғизо, хуб ҳазм мешавад. Дар зироати ғаллагӣ витаминҳои $B_1$, $B_2$, RR, калсий, оҳан ва фосфорӣ ҳастанд, ки барои организм зарурӣ ба ҳисоб мераванд. Мо зироати ғалладонро дар мисоли рӯёндани гандум меомӯзем. Решаи гандумсарҳо решаи попукиест, ки аз ҷамъи решаҳои иловагӣ ташкил ёфтааст. Пояаш силиндршакл, рост месабзад, ба буғумҳо (бандҳо) тақсим шудааст. Баргҳояш оддӣ, ду қатор шуда дар бофтаҳо ҷойгир аст. Барг аз ду қисм: қисми поёнии иҳотакардаи поя – ғилофи барг ва паҳнаки барги шаклаш қатшуда иборат аст. Гулҳояш майда, беранг, кабудчатоб, дар хӯшаҳо ҷойгир аст. Хӯшаҳо бошанд, дар навбати худ дар хӯшаи мураккаб, сӯта, рӯбак султон барин тӯпгулҳо ғун шудааст. Гандуми тирамоҳӣ ба гармӣ ва хушкӣ тобовар аст. Вай намии хокро кам-кам мегирад, дар давраи аввал ва анҷоми сабзиш он қадар талабкунанда нест. Зироати донадор дар ҳарорати гуногун нумӯъ мекунад. Барои гандум, ҷавдор, ҷав, сулӣ ҳарорати нумӯъ 1–2° С, барои майсаҳояш камаш 4–5° С шуданаш лозим аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Зироати донадор дар хокҳои гуногун ҳосили хуб намедиҳанд. Дар майдонҳои кишти ғалла миқдори гумус аз 2–2,5 фоиз кам нашуданаш лозим аст.

Дар Ӯзбекистон ҳоло ду зироати асосӣ аст, ки ҳар дуи он ба ҳамдигар ҳамтақдири асосӣ ба ҳисоб меравангд. Барои ғаллаи тирамоҳӣ дар майдонҳои обёришаванда зироат ҳамтақдири асосӣ пахта аст. Баъди кишти пахта моддаҳои маъдании азхуднашудаи хокро гандум нисбатан хуб аз бар менамояд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Барои нумӯъкунии ғалла ҳарорати хок чӣ қадар шуданаш лозим аст? **2.** Решаи гандумсарҳо чӣ гунаанд?



**Расми 8.** Парвариши тарбуз.

## Технологияи парвариши зироати полизӣ дар кишоварзӣ ва чараёни рӯёндани он

Ба зироати полизӣ харбуза, тарбуз ва ошкаду медарояд. Тарбуз ва харбузаро ҳам дар ҳолати тару тоза, ҳам дар ҳолати азнавкоркард истеъмол кардан мумкин аст. Ба ҷумлаи маҳсулоти азнавкоршуда шиннӣ, қоқи харбуза, тарбузҳои намакзадаро мисол кардан мумкин аст. Дар таркиби тарбуз ба ҳисоби миёна 10–12 фоиз моддаи хушк, аз он ҷумла 6–11 фоиз шакар, 0,5 фоиз сафеда, ҳамчунин бофтаи пайваста, 0,1 фоиз равған, 0,3 фоиз хокистар мавҷуд аст. Аз витаминҳои A, $B_1$, $B_2$, RR ва ғайра бой аст, дар таркибаш оҳан, ҳамчунин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

намаки калсий, калий, магний, сулфур ба қадри зарурӣ мебошад (Расми 8). Тарбуз, харбуза, ҳамчунин ошкаду барги оддӣ дошта, писташакл буда, дарозиаш 8–23 см, тобишаш хокистаррангу сабзтоб аст. Тирреша аст он, ба хок як-ду метр ва аз он ҳам зиёд чуқур меравад. Тухмии зироати полизӣ тез месабзад, ҳамчунин чараёнҳои ривоҷёбиро тез аз сар мегузаронад. Дар ҳарорати мувофиқ дар давоми 3–4 рӯз нумӯъ мекунад ва баъди киштани тухмӣ 8–10 рӯз гузашта, майсааш месабзад. Дар як майдон бетанаффус ё тез-тез коштани зироати полизӣ боиси пурзӯр шудани касалиҳо, ҳамчунин паст шудани ҳосилнокӣ мегардад. Ҳангоми киштивазкунӣ онро ба ҷойи карам ё ки сабзӣ коштан маъқул аст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Намудҳои зироати полизиро шуморед.
2. Зироати полизӣ растании чандсола аст?

## Аҳамияти нуриҳо дар боби баланд бардоштани ҳосилнокии зироат, ҳосилхезии замин ва намудҳои нуриҳо

Бо мақсади баланд бардоштани ҳосилхезии хок, бардоштани ҳосили бисёру хушсифат ба хок нурӣ андохта мешавад. Нуриҳо ба маҳалливу маъданӣ тақсим мегарданд.

Ба нуриҳои маҳаллӣ пору, торф, партов, пасмондаҳои набототу ҳайвонот мисол мешавад. Нуриҳои маъданӣ ба фосфордор, калийдор, азотдор тақсим гардида, дар заводҳои кимиё омода мегарданд. Нуриҳои азотдор ва калийдор дар об хуб маҳлул мегарданд, аз ин рӯ, онҳо ба замин пеш аз кишт ё ки ҳангоми озуқонидани тобистона андохта мешаванд. Азот тез сабзидани растанӣ ва баргҳои пояи онро таъмин месозад. Нуриҳои фосфордор ва калийдор ҳосилнокиро баланд бардошта, ба тез пухта расидани ҳосил мадад мерасонанд. Ҳар гуна партов ё ки



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 9.** Тӯдаи компост: 1) партовҳои растанӣ; 2) пору ё хок; 3) коҳи буридашуда.

торфро дар замин пӯсонда, поруи маҳаллӣ (компост) тайёр кардан мумкин аст (расми 9). Он аз пасмондаҳои растанӣ, торф, пору, омехтагиҳои замин иборат аст. Ба компост нуриҳои маъданӣ (асосан фосфордор) ҳам ҳамроҳ карда мешаванд: ба 10 килограмм пасмондаи растанӣ 100–200 грамм нурии минералӣ ҳамроҳ мегардад. Калимаи «компост» маънии омехтаро мефаҳмонад. Компост аз қабатҳои қисмҳои таркибӣ иборат гардида паҳн карда мешавад. Ҳар як қабат 25–30 см шуданаш лозим аст, фарохии маҷмӯъ тахминан 2–2,5 метр, баландиаш 1–1,5 метр шуданаш лозим аст. Дарозиаш вобаста ба миқдори маводи ғуншуда мегардад ва тахминан ҳафтае як маротиба об пошида мешавад. Он барои тезтар пӯсидани партовҳои растанӣ кӯмак мерасонад. Ҳангоми ҷамъоварии тӯдаи компост канораҳои онро аз мобайнаш баландтар кардан зарур аст. Чунки дар ин ҳол оби тӯда пурра ҷаббида мешавад. Болои тӯдаро бо тӯл ё ки плёнкаи полиэтиленӣ пӯшондан лозим меояд. Рӯзҳои тобистон тӯдаи мазкурро як маротиба чаппаву роста кардан лозим аст. Компостро баъди як сол ба замин андохтан мумкин аст, лекин одатан, ин кор баъди 2–3 сол ба иҷро расонда мешавад

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Чаро ба замин нурӣ меандозанд? **2.** Навъҳои нуриро шуморед.

## Меъёри нурикунонӣ, усулҳо, муддати нуриандозӣ ва самаранокии онҳо

Барои ғанӣ сохтани хок бо ҷузъҳои ғизоӣ дар баъзе майдонҳо растании махсусро мекоранд ва баъд ин замин-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳоро шудгор мекунанд (нуриҳои сабз) Ба ҷумлаи ин растаниҳо юнучқа (беда), бедаи сафед ва зарди қашқарӣ медароянд.



**Расми 10.** Ҷиҳози нурипошӣ

Нуриҳои органикӣ партови организми зинда ба ҳисоб меравад. Нисбати нуриҳои маъданӣ онҳо пурсамар, барои экологияи замин безарар мебошанд. Ба ҳамаи растаниҳо пору ё ки компост медиҳанд. Ба бодиринг поруи нав, ба боқимонда поруи пӯсида меандозанд. Баъди ғундоштани ҳосил қисми сатҳи замин нарм карда, он ба нигоҳ доштани намӣ, нест кардани алафҳои бегона ёрӣ мерасонад. Нурӣ ҳангоми шудгори замин дода мешавад. Заминро дар чуқурии 20–35 см шудгор карда, нуриро бо хок омезиш медиҳанд (расми 10). Чуқурии шудгори замин ба навъи рустанӣ, ҳамчунин хусусиятҳои хок вобаста мебошад. Усулҳои зерини нурипошӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: то кишт (асосӣ), вақти кишт (ба байни қаторҳо ё ки дозаи кам ба чуқурчаҳои кишти зироат наздик карда нурӣ андохтан) ва баъди кишт (дар давраи сабзиш ба мақсади озуқонидани растанӣ).

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Ҳосилхезии хок чист?
**2.** Кадом нуриҳои органикӣ ва минералиро медонед?

## Коркарди замин: шудгори замин ва аҳамияти корҳои ҳамворкунӣ пеш аз кишт

Бо мақсади ба даст овардани ҳосили баланди зироати кишоварзӣ ба замин коркард мегузаронанд. Баъди он ки зироат аз майдонҳо ҷамъ оварда шуд, дар тирамоҳ коркардро сари вақт ва хушсифат гузарондан гарави ҳосили



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фаровон дар соли минбаъда мебошад. Зеро падару бобоёнамон баҳуда нагуфтаанд, ки «....Ҳосил хоҳӣ, шудгор кун!» Баҳорон пеш аз кишти зироат ба замин коркарди ба худ хос гузаронда мешавад.

**Коркарди тирамоҳӣ.** Заминронии тирамохиро шудгори тирамоҳӣ меноманд. Он пеш аз афтодани сардӣ ба ичро мерасад.

**Аҳамияти коркарди тирамоҳии хок**

| Мақсад | Натиҷа |
|---|---|
| Ба вуҷуд овардани қабати хоки нарми чуқур. | Хок нарм бошад, об, ҳаво хуб дохил мешавад, хок хуб метафсад. |
| Ба хок нурӣ, пасмондаҳои растаниро меандозанд. | Хок бо моддаҳои ғизоӣ ғанӣ сохта мешавад. |
| Мақсад | Натиҷа |
| Тухмии алафҳои бегона чуқур гӯр карда, қисмҳои тагизаминии алафҳои бегона ба сатҳ баровварда мешавад. | Микдори алафҳои бегона кам мешавад, чунки бисёр тухмӣ аз чуқуриҳо сабзида баромада наметавонанд, ба сатҳи замин намебароянд, қисми тагизаминии алафҳо бошанд, аз хунукӣ ё ки хушкӣ нобуд мешаванд. |
| Ба сатҳ баровардани ҳашаротҳои зараррасоне, ки зимистон дар зери хок пинҳон мешаванд, дар рӯйи хок зимистон гузаронандаро ба замин чуқур кофта партофтан. | Ҳашаротҳои зараркунанда кам мешавад. |
| Ҳосилкунии баландиву пастиҳо дар майдони кишт, ноҳамвориҳо. | Аз сабаби он ки дар зимистон дар майдонҳо ҷамъ шудани барф намигарии хок меафзояд. |

**Усулҳои шудгоркунӣ.** Замин бо ду усул, яъне давродавр ва саросари тахтаҳо тақсим шуда, шудгор мегардад. Дар усули шудгори давродавр трактор аз канори давра давр зада, бо мобайн меравад ва қисми миёнаи саҳро, чӯяҳо ҳосил менамояд. Дар ин ҳол чойҳои тобхӯрдаи замин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сатҳӣ шудгор карда, баъзан шудгор нашуда мемонад. Дар шудгори давродавр поза (плуг) набардошта, трактор вайрон мешавад. Оқибат позаҳо бештар аз кор мебароянд, дар баъзе ҳолатҳо мешиканад, барои ҳамин усули мазкур дар деҳқонӣ амалан истифода намегардад. Бо усули дуюм саҳроро дар фарозии 40–60 м ба пайколҳо тақсим карда шудгор менамоянд. Дар ин ҳол трактор аз мобайни тахта роҳ гашта, ба канора нигоҳ карда шудгор менамояд ва қабати замини чаппашуда дар мобайни саҳро болоиҳам замини чаппакардашуда афтода, марза ҳосил менамояд. Агар трактор аз канори тахта сар карда, то дарун шудгор кунад, охири оқибат дар мобайни тахта ҷӯяк ҳосил мегардад. Ҳангоми ба тахтаҳо тақсим карда рондан трактор ба канораи саҳро рафтан замоно поза бардошта, трактор ба пасаш бармегардад ва баъди ба шудгоршавӣ тахт кардан позаро фуроварда шудгор идома меёбад. Баробари заминро ба тахтаҳо тақсим карда рондан сатҳи шудгор ҳамвор мешавад ва саҳро бо як чуқурӣ ронда мешавад. Камбудии усули мазкур дар он аст, ки ҷойи тобхӯрдаи тракторро алоҳида шудгор кардан лозим меояд, ҳамчунин дар мобайни саҳро баландӣ ё ҷӯяк ҳосил мешавад. Барои пешгирӣ кардани он саҳроро бо навбат як сол ба дохил, соли дигар ба берун нигоҳ карда шудгор кардан лозим.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Усулҳои шудгори заминро гуфта диҳед.
2. Муддат ва чуқурии шудгори замин ба чиҳо вобаста аст?

## Олатҳои корӣ ва мошинаҳои коркарди замин

Дар заминҳои хоҷагиҳои фермерӣ ба замин бо ёрии мошинаҳои кишоварзӣ ва олоти корӣ коркард мегузаронанд. Дар майдони таълимӣ – таҷрибавӣ ба замин бо даст, бо ёрии побел, каланд, култиваторҳои дастӣ ё ки дигар олатҳои корӣ коркард мегузаронанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Олоти кории дастӣ, ки дар кишоварзӣ истифода мегарданд**

| Олоти корӣ ва вазифаҳои он | Намуд |
|---|---|
| **Побел** – барои чапа кардани замини нарм, кофтани заминҳои сахт аз побели гирд (1.2.), замин шудгоркунӣ, чаппа кардани хок ва кашондан аз побели кунчаш рост (3) истифода мебаранд. |   |
| **Панҷшоха** – барои кор бо пору ва компост истифода мегардад. |  |
| **Хаскашак** – барои майдакунии кулӯх, гирифта партофтани пасмондаҳои растанӣ аз хок, ҳамворкунии ҷӯякҳо, ҳангоми кишти баъзе растаниҳо ба болояш кашидани хок истифода мешавад. |  |
| **Ғалтакмола** – ғалтакмолаи ҳамвор (1) дар ҳамворкунии қабати сатҳ пеш ва пас аз пошидани тухмӣ, ғалтакмолаи дандонадор (2) дар мулоимкунии қабати болоӣ, қатқалоқ, вайрону майдакунӣ истифода мегардад. Пеш аз истифодабарӣ сатҳи силиндр аз назар гузаронда, мустаҳкамии узвҳоро санҷидан лозим аст. |   |
| **Аробаи дучарха** – ба кашондани кӯчатҳо, қуттиҳо, нуриҳо, ҷамъоварии ҳосил мавриди истифода мебошад. |  |
| **Халачӯбҳо** (1), **арғамчин** (2), **тасмаи ченкунӣ** (3) дар муайянкунии ҷӯякҳо, ҷӯйҳо, қаторҳо истифода мегардад. |   |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Олоти корӣ ва вазифаҳои он | Намуд |
|---|---|
| **Култиваторҳо** – пеш аз кишт ба коркарди хок ва баъди нумӯи зироат ба нармкунии байни қаторҳо истифода мегардад. Қисмҳои асосии култиватор: 1 – даста; 2 – рама; 3 – чарх; 4 – панҷаи хишовакунӣ; 5 – вилка; 6 – панҷаҳои нармкунӣ. |  |
| **Нармкунанда** – пеш аз ба замин коштани зироат коркард мегузаронад ва баъди нумӯъ кардани кишта ба нарм кардани зери он истифода мешавад. Қисмҳои асосии нармкунанда: 1 – узви кор; 2 – тасмаи дарозкунӣ; 3 – редуктор; 4 – муҳаррик; 5 – қисми идоракунанда; 6 – чарх. |  |
| **Гулсатилҳо барои пошидани об** – барои ба растанӣ об пошидан истифода мегардад, ҳангоми ба ҷӯякҳо об рехтан ҷумраки пошандааш гирифта мешавад. |  |
| **Тухмипошакҳои дастӣ** – барои киштани тухмӣ истифода мегардад: яккатора (1) ва дуқатора (2) мешавад. |  |

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Замин бо ёрии кадом олатҳо ба кишт омода мегардад?
2. Қоидаҳои бехавфиро дар устохона шумурда диҳед.

## <u>Машғулияти амалӣ.</u> Рондани замин ва корҳои пеш аз кишт нармкунии он

Заминронӣ гуфта чаппа кардани замин, майдакунии кулӯхак, гӯронидани нурӣ, несткунии алафҳои бегона, қисман ҳамворкунии заминро меноманд. Рондани замин танҳо бо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ёрии позаҳо (плугҳо) ба амал баровардa мешавад. Позаҳо аз рӯи вазифа ду хел мешаванд:

**1.** Позаҳое, ки дар заминҳои умумӣ истифода мегарданд;

**2.** Позаҳое, ки дар заминҳои махсус истифода мешаванд.

Позаҳои махсус дар заминҳои нав, боғҳо ва токзор мавриди истифодаанд.

## Нармкунии замин пеш аз кишт

**1.** Пасмонда ё ки дигар нурии органикӣ бо панҷшоха ба занбар ё ки сатил андохта мешавад.

**2.** Пасмонда ба замини побелкунанда бурда, маҷмӯъан хурд карда паҳн мегардад.

**3.** Бо панҷшоха пасмондаро ба замин ҳамвор карда мепошанд.

**4.** Барои побелкунии замин побели нӯгтези оҳанин гирифта, онро тахминан дар зери кунҷи 60 градус мегузоранд. Ҳангоми чаппа кардани замин қисми оҳанин бо побел якҷоя пурра ба замин даромаданаш лозим аст.

**5.** Қабати замини кандашуда каме бардошта, онро ба зери нурӣ, ҳамчунин пасмондаҳои замин андохта чаппа мекунанд, ҳангоми побелкунӣ замини қабати онро ғафс карда набояд канд.

**6.** Ҳангоми чаппакунии замин аз хок алафҳои бегонаву решаҳои растаниҳои бисёрсоларо баровардa партофтан, онро ба канора бировардa ҷамъ овардан ва сӯзондан лозим меояд.

Кор дастпӯшак пӯшида иҷро мегардад. Ҳангоми побелкунӣ побелро бо навбат бо пойи чап ва рост зер мекунанд (5 дақиқагӣ), бо побел эҳтиёткорона кор кардан, пойҳоро нигоҳ доштан лозим аст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Ба заминронӣ таъриф диҳед.

**2.** Вазифаҳои позаҳо аз чиҳо иборатанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## 1.3. МОШИНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

### Усулҳо, меъёр, муддати кишти тухмиву кӯчат. Тадбирҳои ҳамвора сабзондани тухмиҳо

Барои баланд бардоштани ҳосили барвақт тухмии сабзавот ва гулҳои манзаравӣ пеш аз сардӣ фуромадан – тира-моҳ пошида мешаванд. Зимистон тухмии сабзӣ, ҷаъфа-рӣ, укроп, селд, кашнич пошида, сирпиёз, пиёзи лола шинонда мешаванд, сабзаҳои растаниҳои мазкур ба сардии на он қадар сахти замин тобоваранд. Ҳангоми кишти зироат ба байни қатор ва қатори онҳо дар кадом масофа бо фосила тухмӣ коштан, дар кадом чуқурӣ гӯронидан ба ҳисоб гирифта мешавад. Тарҳи тухмӣ пошидан ва шинондани кӯчати ҳар як зироат мавҷуд аст. Ҳангоми кишт аз усулҳои гуногун истифода мебаранд: қатора, қатори танг, хоначадор, тасманок, квадрат-хоначаҳо ва ғайра (расми 11). Усули кишт мувофиқи намуди зироат, ба кадом мақсад кишт мегардад (барои дон, сабза, силос ва ҳоказо), ҳосилхезии хок гуногун мешавад.

Бисёр зироати донадор, хӯшадор ва баъзе зироати техникӣ асосан дар қаторҳои умумӣ дар фосилаи фарохии 15 см кошта мешаванд. Баъзан фосилаи байни қаторҳо то 7,5 см шуданашон мумкин аст. Кишти мазкур киштаи тангқатор номида мешавад. Чунин зироат ҳам мавҷуд аст, ки фосилаи байни қатори онҳо 45 см ва аз он фарохтар шуданаш мумкин аст. Киштаи мазкур кишти васеъқатора номида мешавад. Зироати киштшаванда вобаста ба усули кишташон бо тухмипошакҳои 2-намуда: қаторнок ва бекатора тақсим мегарданд.

Тухмии растаниҳои мухталифро кишткунанда универсалӣ номида мешавад. Барои мисол, зироати ғалладона, хӯшадор ва сабзаҳо, тухмии зироати махсуси адади тухмиашон гирифташаванда (лаблабуи қанд, ҷувори-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Расми 11.** Тарҳи коридани зироати кишоварзӣ:
1) Қатора; 2) Қатори танг; 3) Хоначадор; 4) Квадрат-хоначадор; 5) шоҳмотӣ; 6) фосилавӣ.

макка) ё ки адади зироат маҳдуд буданаш мумкин аст. Тухмипошаки универсалии ғаллапошӣ баробари кишти зироати ғалладона ва хӯшадор вазифаи андохтани нурии маъдании донадорро ҳам ба ҷо меоварад. Тухмипошак дар як соат бо суръати 15 км кор карда, фарохии 3,6 метраро фаро мегирад. Ҳамвора неш зада баромадани тухмии зироат аз бисёр ҷиҳат ба сифати тухмӣ вобаста аст. Сифати тухмӣ гуфта тозагии он, нумӯъкунӣ, бузургӣ, пуррагӣ, касал набудан ва зарар надиданаш дар назар дошта мешавад.

Ба тухмӣ тухмии алафҳои бегона ҳамроҳ нашуданаш зарур аст. Барои ҳамин пеш аз коридани тухмӣ он аз тухмии алафҳои бегона, хаспӯшҳо ва дигар омехтаҳо тоза карда мешавад. Тухмиҳо ҳар чӣ тезтар пурра неш зада бароянд, ҳамон қадар хушсифат шуморида мешаванд. Агар як қисми тухмӣ нумӯъ накунад, растанӣ сирак мешавад ва ҳосилнокӣ қатъан паст мегардад. Барои ҳамин пеш аз кишти тухмӣ як қисми он сабзонда мебинанд. Агар як қисмаш нумӯъ кунад, дар ин ҳол нисбати пешбинигардида бештар кошида мешаванд. Тухмӣ тоза ва бикр бошад, аз он ниҳоли бақуввату бузург месабзад ва хуб ривоҷ меёбад. Алафи бегонаро пахш карда наметавонад ва ҳосилнокӣ зиёд мешавад. Барои ҳамин кишти тухмии калону бикр тавсия мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Сифати тухмӣ гуфта чиро мефаҳмед?
**2.** Ҳангоми кишти тухмӣ бояд ба чӣ эътибор дод?

## Олот, ҷиҳоз ва мошинаҳое, ки дар тухмипошӣ истифода мегарданд

Тухмипошакҳо мувофиқи усулҳои коштан ва навъҳои растанӣ ҳар хел мешаванд. Мошинаи тухмипошак барои ба миқдори зарурӣ ба қаторҳо партофтани тухмӣ, дар як фосила ҷойгир сохта ва ба хоки нам дар чуқурии муқарраргардида хокпӯш кардан барин вазифаҳоро ба ҷо меоварад. Ҳамчунин, тухмипошак қатори кишт рост ва дар як хел ҳамворӣ шуданашро таъмин месозад.

Мошинаҳои тухмипошак, кӯчатшинон, озуқонидан аз рӯйи пошидани тухмӣ ба қаторҳои тангу сербар, шинондани картошка, пошандаи тухмӣ ба хонача ва киштkунандаи аниқ, ҳамчунин ба зироати махсус таъингардида ба тухмипошакҳои кишти ҷуворимакка, пунбадона, лаблабу, сабзавот, ғалла ва дигар киштаҳо ҷудо мешавад.

Дар тухмипошакҳое, ки дар саноат истеҳсол мегарданд, аппаратҳои кишти ғалтакнок ва дискнок мавҷуд аст. Тухмипошак асосан аз қисмҳои зерин иборат аст: қуттиҳои тухмӣ, аппарати кишт, тухмигузаронак, сошникҳо (позаҳо), хокпӯшкунанда ва ғалтакҳо.



**Расми 12.** Мошинаи тухмипошӣ (тухмипошак).

Тухмӣ ба қуттии тухмӣ андохта, дар зери он диски ба миқдори зарурӣ ҷудокунандаи тухмӣ мешавад. Тухмии диск ҷудокарда ба воситаи тухмигузаронак ба сошник (поза) мегузарад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳангоми ҳаракати поза кордҳояш хокро бурида, ба канор тела медиҳанд ва барои тухмӣ ҷӯяҳо мекушоянд. Дар айни замон бо ёрии зичкунаки фонашакл зери ҷӯяк зич мегардад ва тухмӣ ба қабати нами хок меафтад. Гӯркунакҳо хоки канораи ҷӯякҳоро ба пас тела дода, ҷӯякро мегӯронад ва барои тухмӣ марзаи мулоими хокӣ ҳосил мешавад. Хоки ба болои қаторҳои тухмии ба хоки нам афтода бо ғалтаки махсус зич мегардад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Мошинаҳои кишт ба кадом навъҳо тақсим мегарданд?

**2.** Қисмҳои асосии мошинаҳои кишт ва вазифаҳои онҳоро гӯед.

## Олот ва мошинаҳое, ки дар коркарди байни қаторҳои зироату парвариши онҳо истифода мегарданд

Барои инкишофи хуби растанӣ, ривоҷёбӣ ва афзун гардидани ҳосилнокӣ ба байни қаторҳо коркард гузарондан аҳамияти муҳим дорад. Ба қатори байни растанӣ одатан бо култиваторҳо коркард мегузаронанд (расми 13). Одатан, ба қатори байни растаниҳое, ки нармкуниро металабанд, бо култиватори универсалӣ ва култиватори ғизодеҳ коркард мегузаронанд. Дар ин ҳол қатори байни растанӣ аз қатқалоқ (сахт шудани қабати боло) орӣ мемонад, хокаш нарм мегардад, решаҳои растанӣ бо ҳаво таъмин шуда, хок дар ҳолати нам мешавад ва алафҳои бегона несту нобуд мегарданд. Култиватор рамаҳо, узви корӣ, чархи такягоҳӣ ва механизми ғизодиҳиро дорад. Барои шикаст наёфтани растаниҳо ҳан-



**Расми 13.** Култиваторҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гоми коркарди байни қаторҳо узвҳои кории култиватор аз қатори растанӣ ба масофаи маълум ҷойгир карда мешаванд. Масофа аз байни қатори растанӣ то узвҳои корӣ минтақаи муҳофиза номида мешавад. Минтақаи муҳофиза мувофиқи навъҳои растанӣ интихоб мегардад.

Ҳангоми кор байни қаторҳои растанӣ узвҳои кории култиватор бояд дар чуқурии муқарраршуда бошанд ва хоки майдашуда ҳамвор хобад.

Ҳангоми кор бо култиватор узвҳои кории он набояд қабати намдори хокро ба боло барорад, алафҳои бегона пурра бурида, зироат шикаст наёбад ва бо хок пӯшонида шуданаш лозим аст. Ҳангоми коркарди зироати байни қаторҳояш 60 см ба ҳар як фосилаи қатори асосӣ (чапу рост) теғ, панҷаи милшакл, дар байни қатори ҳамҷавор бошад, яктогӣ корд ва байнаш панҷаи милшакл гузошта мешаванд. Ҳангоми коркарди байни қатори растанӣ якҷоя бо узвҳои кории култиватор узвҳои кории ротатсион ҳам истифода мегарданд. Дар ин ҳол дандонаҳои сӯзаншакли диски берунаи ротатсион дар масофаи 3–5 см-и қатори растанӣ шинонда мешаванд. Дар ин ҳол қабати болоии хок нарм мегардад ва растанӣ шикаст намеёбад.

Аз култиватор барои ба зироат додани нуриҳои маъданӣ ва кушодани ҷӯякҳои обёрикунӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҷойгиркунии узвҳои кории пӯшонанандаи нурӣ мувофиқи дараҷаи ривоҷи растаниҳо муайян мегардад.

Дар озуқонидани аввал озуқа аз қатори рустанӣ 15–28 см, дар озуқонидани минбаъда бошад, 20–22 см болотар дода мешавад. Барои обёрии растанӣ ҷӯякҳо бо ёрии култиватор кушода мешаванд. Барои ин ҷӯяккушоякҳо ба як чуқурӣ мувофиқ гардонда, дар байни қатор ҷойгир мешавад. Ба ин амал накунанд, идоракунии трактор душвор мегардад, хавфи шикастёбии решаи растанӣ пурзӯру сифати коркарди байни қатор паст мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Сохти култиваторҳороро гӯед.
**2.** Узвҳои кории култиватор чӣ тавр ҷойгир мешаванд?

## Усулҳо, меъёру муддати обёрӣ ва олоту мошинаҳое, ки дар он истифода мегарданд

Ба воситаи намнокозии сунъии хок растаниҳо бо об таъмин мешаванд. Якчанд усули обёркунӣ мавҷуд аст: чакрагӣ (боронӣ), саросари дарё ва ҳоказо.

Обёрии чакрагӣ (боронӣ) бо ёрии мошинҳо ва ҷиҳозоти чакрагӣ ба амал бароварда мешавад. Обёрии чакрагӣ на танҳо ба намигарии замин таъсир мерасонад, балки намии ҳаворо ҳам таъмин мекунад, гардҳои растаниро мешӯяд. Ва он дар навбати худ ба нафасгирии растанӣ ва ҳосилшавии моддаҳои ғизоӣ кӯмаки калон мерасонад. Зироат асосан дар давраи ривоҷёбӣ обёрӣ мегардад. Муддату меъёри обёрӣ ба намигарии хок, ба марҳилаи сабзиши растанӣ ва хусусиятҳои зироат, ба ҳарорат ҳам вобаста мебошад. Барои ҳар як растанӣ даври меъёрии худӣ мавҷуд аст. Масалан, мувофиқи боридани борон ба картошка об медиҳанд: якумаш ҳангоми даври пайдоиши ғунча, минбаъдааш дар ҳар 10–12 рӯз.

Ҳоло се усули обёрӣ истифода мегардад. Якумӣ, усули аз сатҳ обёрӣ кардан (ба саҳрои обёришаванда об худаш ҷорӣ мегардад). Усули дуюм чакрагӣ (ба саҳрои обёришаванда об чун тарзи боронгарӣ (чакрагӣ). Усули сеюм – аз зери хок обёрӣ кардан (ба қабатҳои намшавандаи хок об бо қубурҳои махсуси болояш хокпӯш дода мешавад.

Аз сатҳ обёрӣ кардан усули аз ҳама оддиву осон аст. Ба ҷумлаи камбудиҳои усули мазкур об азбаски ба қабати аз ҳама чуқури хок ворид мешавад, бисёр сарф мешавад, дар саҳро ноҳамвор тақсим шудани об, релефи саҳро мураккаб бошад, зарурати ҳамвор кардани он сар мезанад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар обёрикунӣ мошину чиҳозоти обёрикуни «чакрагӣ» истифода мегардад. Онҳоро бештар дар заминҳои нишебиҳо, маҳалле, ки об намебароя̣д, истифода мебаранд.

**Обёрикунии зироати саҳро**

| Навъи зироат | Меъёри обёрикунӣ | Муддат |
|---|---|---|
| Ғаллаи тирамоҳӣ | 1–2 | Дар вақти ҳосилшавии сабза, ҳангоми бавучудоии донаҳо. |
| Ҷуворимакка | 3–6 | Ҳангоми ҳосилшавии решаи ибтидоӣ, гулкунӣ ва мевадиҳӣ. |
| Лаблабуи қанд | 6–7 | Ҳосилшавии реша ҳангоми нумӯъ, меваҳосилкунӣ. |
| Картошка | 2–5 | Ҳангоми нумӯъкунӣ, давраи шохабандиву гул. |

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Обёрӣ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Кадом намудҳои обёрикуниро медонед?

## Ҳимоякунии зироат аз касалиҳо, алафҳои бегона ва зараркунандагон

Ҳашаротҳои зироати саҳроӣ: шабпарак, гамбуск, пашша, шилликкирм, кана, қандала ва хояндагон: муш, юрмон зарари калон мерасонад. Ба муқобили ин зараркунандаҳо растаниҳоро бо роҳҳои агротехникӣ, кимиёвӣ, механикӣ, биологӣ ҳимоя мекунанд. Тамоми онҳо баробари таъмини шароити хуби сабзиши растаниҳо ба кам кардани манбаъҳои касалиҳо ва зараркунандагон равона гардидаанд. Усулҳои ҳимояи агро-техникӣ ва биологӣ аз чиҳати экологӣ мувофиқи мақсад ба ҳисоб мераванд. Муборизаи меха-никӣ ба муқобили зараркунандагон ин маънои бо чиҳозоти мухталиф доштани зараркунандаҳост.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Касалиҳои растаниҳо дар натиҷаи шароити ғайрисозгори муҳит ва зарари микроорганизмҳо ба онҳо пайдо мешаванд. Шароити ғайрисозгори муҳит зиёду кам будани моддаҳои ғизоӣ, гармӣ, равшанӣ, намигарӣ ва аз ҳамин қабиланд. Дар оқибати носозгории муҳит касалиҳои сироятнакунандаи растаниҳо сар мезананд. Вале баробари беҳтаршавии шароит онҳо гузашта мераванд.

Ба сифати воситаи ҳимоявии кимиёвӣ оби собундор, маҳлули манган (марганес) истифода мешавад.

Ба муқобили кайки карам (масалан) омехтаи хокистар бо оҳак пошида мешавад: доштани кайкҳо бо ёрии байроқчаҳои ширешдор барин усул мавриди истифода мегардад. Ба муқобили шира (охири май – июн) маҳлули собун пошида мешавад.

Ҳимоякунии зироат аз зараркунандаҳо нақши муҳим мебозад. Дар акси ҳол бисёр зараркунандагон дар боби ба даст овардани ҳосили фаровон ба дарахтони меванок таъсири манфӣ мерасонанд. Масалан, куяи себ, шабпараки дӯлона, гамбуск, кирми буғум – буғум, шабпараки куя ва ҳоказо. Дар меваҳои резаворҳо (қандала), дарознӯл барин зараркунандагон васеъ паҳн гардидаанд. Дар боби мубориза ба муқобили онҳо дар боғҳо ба мақсади қирон овардан паррандаҳо оварда ба онҳо лона месозанд. Дар вақташ ва дуруст парвариш кардан (буридан, озуқонидан, обёрӣ, пармкунӣ) тобоварии растаниҳоро нисбати касалиҳо зиёд мекунад.

**Мубориза ба муқобили алафҳои бегона.** Алафҳои бегона ба зироат зарари калон меоваранд. Онҳо моддаҳои ғизоии заминро аз худ намуда, ҳосилхезии заминро паст менамоянд ва ба сабзишу ривоҷи мӯътадили растаниҳо халал мерасонанд. Дар вақти дилхоҳ андохтани хокамайдаи заҳрноки хушк ё ки пошидани доруи заҳрноки моеъ, дар айни вақт якҷоя ба ҷо овардани ҷараёни андохтани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хокамайдаи заҳрноки хушк ва пошидани доруи заҳрноки моеъ бо мошинаҳои универсалӣ – пошандаҳои комбинатсиякунонидашуда – пошандагон номида мешавад. Ба воситаи ин мошинаҳо ҳангоми ба ичро расондани корҳои маълум узвҳои кории онҳо иваз мегарданд.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Ба зироати ғалладона кадом ҳашарот зарар мерасонад?
2. Касалиҳои зироат чӣ тавр содир мегарданд?
3. Дар бораи усулҳои ҳимоя аз зараркунандагони зироат чиҳоро медонед?
4. Дар маҳалли истиқоматиатон кадом усулҳои ҳимоякунии растаниҳо истифода мегарданд?

## Корҳои ҷамъоварии ҳосил ва олоту ҷиҳозҳои дар он истифодашаванда

Корҳои ҷамъоварии ҳосил, нигоҳ доштани он ба навъи зироат ва вазифаи он вобаста мебошад. Баъди ғундоштани картошка пеш аз он ки барои нигоҳ доштан мебаранд, онро каме хушконидан лозим аст. Бо сабзӣ ин корро кардан шарт нест, чунки сабзӣ ба воситаи сатҳаш бисёр намиро бой медиҳад, ҳосили лаблабу, шалғам, турф, сабзӣ дар вақти гуногун ҷамъ оварда мешавад. Ҳолати мазкур як қисми шалғам ва лаблабу дар қабати болоии замин будан ва хунукии тирамоҳ ба он зарар расонданаш, сабзӣ бошад, тамоман дар зери хок буданаш вобастагӣ дорад. Аз ҳамин сабаб шалғам ва лаблабу хеле барвақт, сабзӣ бошад, дертар ғун карда мешавад.

Дар давоми 1–20 сентябр каме сабзидани растаниҳо мушоҳида мегардад (тахминан 40 фоиз). Аз ин рӯ, агар ҳарорати ҳаво то 4–6° С паст гардад, ҳосилро кофта гирифтан маъқул аст. Дар чунин ҳарорат ривоҷи растанӣ бозмеистад. Ҳосилро эҳтиёткорона кофта гирифтан зарур аст. Чунки растании осебдидаро дуру дароз нигоҳ доштан



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мумкин нест. Растаниҳоеро, ки аз зараркунандагон, касалиҳо осеб дида хунук задаанд, ҷудо карда ба ҳайвонот ба сифати озуқа медиҳанд. Дар боби ҷамъоварии ҳосил комбайнҳои ғалладаравӣ, ҷиҳозоти кофтани картошка, мошинаҳои ҷуворимаккағундорӣ ва дигар техникаро истифода мебаранд. Нигоҳ доштани ҳосил аз бисёр ҷиҳат ба саривақт ва хушсифат ғундоштани он вобаста аст. Барои нигоҳ доштани сабзавот анборҳои махсус, хандақҳо (таҳхонаҳо) сохта мешаванд. Анборҳои бо усули замонавӣ ҳоло сохташуда васеъ, дар онҳо барои нигоҳ доштан ва азназаргузаронӣ кулли шароит муҳайёст. Дар онҳо ҷиҳозоти идоракунии ҳарорати ҳаво, намигарӣ гузошта шудаанд.

**Ҷамъоварии ҳосили лаблабу, сабзӣ ва дигар сабзавот.** Ҷӯякҳои зироати ҷамъоваранда бояд хуб аз назар гузаронда шаванд. Агар дар ҷӯякҳо мавҷуд будани алафҳои бегона муайян гардад, онҳоро барои гербарий ҷамъ овардан лозим меояд. Ҳосил кофта, баргҳояш бурида мешаванд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар маҳалли истиқоматиатон дар ҷамъоварии ҳосил аз кадом мошина ва ҷиҳозот истифода мебаранд?
2. Барои хуб нигоҳ доштани ҳосили ҷамъоварда чиҳо кардан лозим аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ 2. АСОСҲОИ ЧОРВОДОРӢ

## Соҳаҳои чорводорӣ ва пешомади рушди онҳо

Парвариши чорво соҳаи ба худ хоси чорводорист. Аз маҳсулоти чорво (гӯшт, равған ва шир) таъомҳои тайёршуда лаззатнок ва сифатнок мешаванд. Чорводорӣ ба саноат ҳам ашёи гаронбаҳо: пашм, пӯст, мӯйина ва дигар маҳсулот медиҳад. Пасмондаҳои чорво бошад, барои ғизонокии замин истифода мегарданд.

Чорводорӣ якчанд соҳаро фаро мегирад: чорвои калони шохдор, гӯсфандпарварӣ, аспарварӣ, паррандапарварӣ. Ба чорводорӣ парвариши моҳӣ (моҳипарварӣ), зиёд кардани ҳайвоноти мӯйинадор (мӯйинапарварӣ), кирмакпарварӣ ҳам медарояд.

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар боби таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ (гӯшт, шир, равған, тухм) ва дигар маҳсулот аҳамияти чорводорӣ беқиёс аст. Одамон, асосан бо карбогидрад, сафеда, равғани растанӣ ва маҳсулоти ҳайвонот баробари таъмин будан бо энергия ҳаёт ба сар мабаранд, ғизои аз маҳсулоти чорво (гӯшт, равған тухм ва шир) тайёргардида ниҳоят лаззатнок ва сифатнок мешаванд.

Дар таркиби ему хошок моддаҳои аноргоникӣ (об ва моддаҳои минералӣ) ва моддаҳои органикӣ (моддаҳои азотдор, равғанҳо, карбогидратҳо ва мояҳо ) мебошанд.

Дар таркиби сабзаҳо то 95 фоиз ғалла ва пахоли хушку хошок аз 6 фоиз то 20 фоиз об мешавад. Дар таркиби зироати решамевагӣ намакҳои калий ва натрий бисёр аст, намакҳои калсийдор ва фосфордор кам дучор меоянд.

Дар таркиби озуқа ба ғайр аз моддаҳое, ки дар боло номбар кардем, баъзе микроэлементҳо (мис, кобалт,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сулфур, хлор, йод, манган, рух) ҳам буда, онҳо барои мӯътадил инкишоф ёфтани чорво аҳамияти муҳим доранд.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Соҳаҳои чорводориро шуморед.
2. Ба маҳсулоти чорводорӣ чиҳо медароянд?

## Корҳои наслпарварӣ дар чорводорӣ. Парвариши чорво ва роҳҳои беҳдошти сифати маҳсулот

Парвои чорвои наслдорро сусту пурзӯр кардан мувофиқи мақсад нест. Чунки парвариши пурзӯр бо моддаҳои серғизо боиси бо равған фарогирии танаи онҳо мегардад. Баръакс, бо озуқаи бадсифат бонӣ кардан организми онҳоро суст карда, беқувват мегардонад. Бинобар ин, ҳангоми парвои чорвои наслдор дар асоси илмӣ ва усулҳои пешомаднок ратсион тартиб додан лозим меояд. Он ин тавр шуданаш мумкин аст.

Ҳангоми истифодабарӣ аз чорвои наслдор ба мақсади насл гирифтан аз ҳисоби ба ҳар як 100 кг вазни зинда додани 1,3 кг воҳиди ғизо ва 140 г протеини ҳазмшаванда ба нақша гирифта шудааст.

Маҳсулоти асосии аз чорво гирифташаванда шир ва гӯшт ба ҳисоб меравад. Пӯст, узвҳои дохила, пашм ва шоху сумҳо маҳсулоти иловагианд.



**Расми 14.** Модагови сершири ҳаҷми пистонаш калон.

**Маҳсулнокии шири модаговҳо.** Ему хошоке, ки модаговҳои сершир истеъмол менамоянд, ба дараҷаи баланд ба шир табдилдиҳии онҳо хусусияти муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба ғизои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

онҳо эътибори алоҳида дода нашавад, модаговҳо ба зудӣ хароб мегарданд. Пистони модагови сершир калон буда, хусусияти сол то сол бузург шуданро дорад (расми 14). Шакли пистони модаговҳо гуногун мешавад. Маҳсулнокии шири модаговҳо аз бисёр ҷиҳат ба меъёри озуқа ва калориянокии он вобаста аст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Говҳои наслдорро чӣ тавр парвариш мекунанд?
2. Ба маҳсулоти иловагие, ки аз чорвои калони шохдор гирифта мешаванд, чиҳо медароянд?

## Механиконии корҳо дар фермаҳои чорводорӣ

Яке аз роҳҳои босуръат тараққӣ додани чорводорӣ дар корхонаҳои чорводорӣ бояд парвариши тамоми чорвои калони шохдори корхона механиконида-автоматӣ кунонда шавад. Дар корхонаҳои мазкур дар як вакт садҳо ҳазор чорворо парвариш кардан мумкин аст. Зиёд кардани маҳсулдиҳии чорво ба насли чорвои калони шохдор, озуқонидан ва шароити нигоҳ доштани он вобаста аст.

Дар хоҷагиҳои фермерӣ, фермаҳои шир ҷараёни нигоҳубини чорво ва механиконидани технологӣ аҳамияти муҳим дорад.

**Дар худ тайёркунӣ ва тақсим кардан.** Барои ҷонварон моддаҳо ва маҳсулоти худиро бо таркиби кимиёвӣ якҷоя ҳазм шуданаш муҳим мебошад. Дар фермаҳо барои маҳсулотро омехта, тайёр кардани ғизо омехтакунанда-ҳои махсус мавҷуд аст. Масалан, барои модагови ширдех аз 4 кг то 6 кг коҳ, 25 кг силос, 15 кг решамева, 6 кг консентрат ва мояҳои минералӣ омехта карда мешаванд.

Модаговҳоро бо усули дастӣ ё мошина дӯшидан истифода мегардад. Корҳои тайёркунии модагов ба дӯшидан (бо оби гарм шустану пок кардани пистон ва соиш додани он, дӯшидани чакраҳои аввалини шир, ба кор даровардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аппарат, пӯшондани стаканҳои ширҷӯшӣ) аз як дақиқа бештар вақтро набояд гирад.

Вақти бо мошина дӯшидани модагов 4–7 дақиқаро ташкил медиҳад.

Дар мамлакатҳое, ки чорводорӣ тараққӣ кардаанд, баробари чорвои калони шохдор дар ҷӯшидани гӯсфандон, бузҳо ва аспон ҳам аз ҷиҳозоти ширҷӯшӣ истифода мебаранд.

Фарқи анатомӣ ва физиологӣ, ҳамчунин таркиби шир танҳо ба ҷиҳозоти ширдӯшӣ, параметрҳои конструктивии аппаратҳои ширҷӯшӣ таъсир мерасонад. Баробари омӯзиши конструксияҳои ҷиҳозоти ширҷӯшии чорвои калони шохдор оид ба фаҳмидани ҷиҳозоти ширдӯшии дигар ҳайвонот тасаввурот пайдо кардан мумкин аст.

Аз агрегатҳои инфиродии ширҷӯшӣ дар хоҷагиҳои хурди фермерӣ, масканҳои хоҷагиҳои инфиродӣ, хоҷагиҳои фермерии оилавӣ агар модаговҳо то 25 адад бошанд, истифода мебаранд.

Барои аниқ кардани эҳтиёҷ ба об дар фермаҳои чорводорӣ мувофиқи адад, таркиб, синну сол усули парвариши ҳайвонот ба эътибор гирифта мешавад. Истеъмоли об дар фермаҳои чорводорӣ мувофиқи фасли сол, рӯзҳои моҳу ҳафтаҳо тағйир меёбад. Аз ҳамин сабаб дар маълумотномаҳои нишондиҳандаҳои истеъмолии тавсияшаванда сарфи якшабонарӯзии об ба сифати қимати миёна дода мешавад. Сатҳи оби дарёҳо мувофиқи мавсим тағйир ёфтанаш дар лоиҳакунонӣ, дар таркиб бештар мавҷуд будани моддаҳои ғизоӣ, вохӯрдани бактерияҳо тавсиф мегардад. Баробари ин дар оби дарёҳо кам будани намакҳои минералӣ, намнокиаш ҳам маълум аст.

Ба истеъмолгарони соҳаашон пӯшида об танҳо аз як тараф расонда мешавад. Аз ин низом баробари ҳаматарафа ҷойгир шудани истеъмолгарон истифода меба-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ранд. Таъминоти обӣ дар шабакаҳои ҷойгиршудаи истеъмолгаронаш гирдогирд имконияти дутарафаи таъмини обро медиҳад. Пору ва омехтаи он, пасмондаи парранда поруи органикии фоидаовар дар зироаткорӣ ба ҳисоб меравад. Дар таркиби он моддаҳое мавҷуданд, ки барои растанӣ хеле заруранд. Вале партовҳои фермаҳои чорводорӣ, оби ҷоришаванда ва ҳавое, ки бароварда мешавад, газҳо муҳити гирду атрофро ифлос мегардонанд. Аз ҳамин сабаб поруро тоза карда, ҷамъ оварда, коркард гузарондан барои безарар гардондани он низоми мураккаби муҳандисӣ мавҷуд аст ва онҳо ҳам ба таркиби истеҳсолоти фермаҳои чорводорӣ медароянд. Дар таркиби пору моддаҳои сахт, моеъ ва газшакл мавҷуданд. Баробари ин ба таркиби пору моддаҳои омехта (коҳ, парахаи чӯб) афтода мемонанд.

Пору ба микроорганизмҳое, ки боиси сар задани касалиҳо мегарданд, муҳити хуб ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб пеш аз истифодабарӣ аз пору онро безарар гардондан лозим меояд.

**Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ**

1. Дар бораи суръатафзоии чорводорӣ чиҳоро гуфта метавонед?
2. Дар бораи дар фермаҳо омехта тайёр кардани озуқа нақл кунед.
3. Чанд усули ширдӯшӣ мавҷуд аст?
4. Барои бо мошина дӯшидани модагов вақти максималии муайянгардида чӣ қадар аст?
5. Дар бораи аҳамияти об дар кишоварзӣ нақл кунед.
6. Дар чорводорӣ аз кадом манбаъҳои об истифода мебаранд?
7. Об бо кадом роҳ тозаву безарар гардонда мешавад?
8. Нуриҳои органикиро барои чӣ истифода мебаранд?

## Усулҳои парвариши чорво дар фермаҳои чорводорӣ

Барои хуб инкишоф ёфтани чорво ва зиёд кардани маҳсулнокии он муҳити беруна таъсири калон мерасонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба ривоҷи чорводорӣ иқлим, шароити ба худ хоси ҳамин маҳал нақши ҳалкунанда мебозад. Иқлим ҳам ба ҳайвонот, ҳам ба заминаи ему хошок таъсир мерасонад. Гармии ҳаво дар молхона, дараҷаи намнокӣ, ивазшавии газҳо дар таркиб, дараҷаи равшанкунии молхона ба ҳайвонот таъсир мерасонад.

**Ҳарорат.** Агар ҳайвонот дар сардӣ монад, ҷудо кардани гармӣ дар танааш пурзӯр гашта, барои сарпур кардани ҷойи он организм бештар ему хошокро талаб мекунад. Дар ин ҳол моддаи ғизоӣ нарасад, маҳсулнокиву сифат паст мешавад. Ҳамчунин, ҳайвонот дар муҳити сардӣ дер истода монад, шамол мехӯрад, касал, ҳатто нобуд ҳам мешавад. Қабати равғани зери пӯсти ҳайвонот ва бо пашми ғафс фаро гирифтани тана ба паҳншавии гармӣ ва таъсири хунукӣ ба организм роҳ намедиҳад, аммо аз меъёри мӯътадил пастшавии ҳарорат ҳам ба ҳайвонот таъсири бад мерасонад.

**Намигарӣ.** Дар хонаҳое, ки чорво парвариш карда мешаванд, бояд ба миқдори муайян намӣ дошта бошанд. Ин намигарӣ ба ҳарорат ва ивазшавии ҳаво дар молхона вобаста аст. Дар натиҷаи буғшавии захи фарш, обхӯракҳо ва ему хошок намигарии молхона меафзояд. Ҳамчунин, ҳангоми нафасбарории ҳайвонот ва арақ кардани он ҳам ба миқдори  зиёд об буғ мегардад. Масалан, модагове, ки вазнаш 400—500 кг аст, дар давоми як шабонарӯз 8–12 кг намиро буғ карданаш маълум шудааст.

Дар молхона аз ҳад зиёд шудани ҳам намигарӣ, ҳам хушк будани он ба ҳайвонот таъсири бад мерасонад. Дар натиҷаи сардӣ, ҳам дар ҳаво бештар паҳн кардани гармӣ ҳайвонот хунук мехӯрад ва шамол хӯрда касал мешавад. Ҳавои нами хунук алалхусус, ба ҳайвоноти ҷавон хавфнок мебошад. Ҳавои молхона аз ҳад зиёд хушк бошад, гулӯи ҳайвон хушк шуда, гард зиёд гашта, боиси маризӣ мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Равшанӣ.** Ба молхона бояд равшанӣ хуб расида истад. Дар хонаи равшан чорво ему хошокро хуб ёфта мехӯрад. Дар хонаҳое, ки равшанӣ афтода меистад, паррандаҳо, аспҳо, чорвои калони шохдор ва хукҳо хуб инкишоф меёбанд. Лекин шабона дар молхона чароғи барқиро дар гиронда мондан ба истироҳати чорво халал мерасонад.

**Талабҳо нисбати молхонаҳо.** Фермаҳое, ки барои парвариши молҳо таъин гардидаанд, бояд аз шамол хифзшаванда, баландии чуқурии оби заминӣ аз 4 м кам бошад, сохта шавад. Ҳамчунин, молхонаҳо аз бинои истиқоматие, ки аҳолӣ истиқомат дорад, 500–1000 метр дуртар, бо шамол муқобил ва ҷойи паст, аз роҳҳои оҳан ва калони автомобилгард 300 м дурӣ ҷойгир шуданашон мувофиқи мақсад аст. Барои шамолдиҳии молхона қубурҳои ҳавокашак ва ҷиҳозоти махсуси ҳавоивазкунанда гузошта мешавад. Оқибат, газҳои зарарноки молхона, буғи об бароварда бо ҳавои тоза иваз мегардад ва барои ҳайвонот шароити мувофиқ фароҳам меояд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Чорворо дар чӣ гуна шароит парвариш кардан мумкин аст?
2. Дар молхонаҳо бояд гармӣ чӣ гуна бошад?
3. Намигарии молхона чӣ гуна аҳамият дорад?

## Аҳамияти моҳипарварӣ, оруиасалпарварӣ, харгӯшпарварӣ дар чорводорӣ ва соҳаҳои онҳо

Моҳипарварӣ соҳаи ба худи хоси чорводорист. Алалхусус, дар шароити мамлакатамон ба ин соҳа диққату эътибор пайваста меафзояд.

Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ аз ҷиҳати ғизонокӣ ва қимати озуқавӣ ба гӯшти чорвои кишоварзӣ монанд буда, дар боби ҳазмшавӣ нисбати онҳо хеле пеш меистад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

80 фоизи тамоми моҳии сайдшаванда дар ҳавзаҳои кушоди обӣ дошта мешаванд.

Дар баҳри Арал ва дарёҳои Сиру Аму узач, лешч, вобла, моҳии парварда (маринка) ва аломоҳӣ сайд мегарданд. Дар ҳавзаҳои хурд аломоҳӣ, моҳии капур (карп), тосмоҳӣ ва дигар намудҳои моҳӣ вомехӯранд.

Дар Ӯзбекистон ба мақсади босуръат тараққӣ додани моҳидорӣ бисёр хоҷагиҳои моҳипарварӣ барпо шудаанд. Ҳамчунин, дар тамоми обанборҳо хоҷагиҳое, ки бо бордоркунии моҳиҳо ва ривоҷ додани тухмии он шуғл меварзанд, ташкил ёфтаанд.

Дар ҳавзаҳои оби республикаҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла, вилоятҳои республикаамон намудҳои моҳиҳое, ки тез ба воя мерасанд, ба сифати гӯшт зуд ривоҷёбанда: амури сафед, морсар ва дӯнгпешона барин моҳиҳо бордор шуда, зиёд мегарданд.

**Оруиасалпарварӣ.** Оруиасалпарварӣ соҳаи ниҳоят нодир, фоиданок, сердаромад ва шавқовар ба ҳисоб меравад. Маҳсулоти асосии оруиасалпарварӣ: асал, мум, прополис (ширеши асал) ва шири оруи асал буда, ба онҳо эҳтиёҷ ҳама вақт зиёд аст.

Асал бо серғизогӣ, шифобахшӣ ва нодирии худ фарқ мекунад. Мум ва прополиси оруи асал дар тиббиёт ва ветеринария васеъ истифода мегардад. Аз заҳри оруи асал дар тиббиёт барои табобати маризиҳои асаб, бӯғумҳо, пешгирии шамолхӯрӣ, хуб шудани хобу иштиҳо истифода мебаранд.

Ҳаёт ва фаъолияти оруи асал, саравввал дар вобастагӣ ба муҳити беруна сурат мегирад. Онҳо ба оила озуқаи захиравӣ ҷамъ мекунанд, парвоз карда афзоиш меёбанд.

**Харгӯшпарварӣ.** Дар тамоми вилоятҳои республикаамон харгӯш асосан, барои гӯшту мӯйинааш парвариш карда мешавад. Рангорангии мӯйинаи харгӯш, маҳинӣ, дар айни



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

замон бо арзонии худ аз мӯйинаи дигар ҳайвонот фарқ мекунад. Аз мӯйинаи харгӯш барои бачагон палто, телпак, пойафзол омода мегардад. Аз ин рӯ, харгӯшпарварӣ соҳаи сердаромаду пурсамари чорводорӣ ба ҳисоб меравад.

**Гӯшти харгӯш.** Бо сифат ва парҳезии худ аз гӯшти дигар ҳайвонот фарқ мекунад. Умуман, дар боби гӯшттайёркунӣ харгӯшҳо нақши босазое доранд. Зуд афзоишёбӣ, тез ба воярасӣ ва истеъмоли ему хошоки мухталиф барин хусусиятҳои онро ба сифати асос нишон додан мумкин аст.

Соле як харгӯши модина 70–80 кг гӯшт ва 25–35 дона мӯйина медиҳад. Дар таркиби гӯшти харгӯш сафеда бисёр аст, бо туфайли кам будани холестерин алалхусус, ба бачагон, одамони гирифтори маризиҳои меъда ва дилу раг ниҳоят фоиданок мебошад. Равғани харгӯш нисбати равғани гӯсфанду мол тез таҷзия мешавад ва пурра ҳазм мегардад. Барои ҳамин ҳам дар боғчаҳои бачагон, истироҳатгоҳ ва касалхонаҳо аз гӯшти харгӯш хӯроки гуногун тайёр менамоянд.

Аз рӯйи мушоҳидаҳо аён мегардад, ки аз як харгӯши модина соле 200–250 бача гирифтан мумкин аст. Харгӯшҳо ҳангоми чормоҳагӣ 1–1,5 кг гӯшт карданашон муайян гардидааст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар бораи моҳидорӣ маълумот диҳед.
2. Аз боби оруиасалпарварӣ чиҳоро медонед?
3. Аҳамияти харгӯшпарварӣ дар ҳаётамон аз чиҳо иборат аст?

## Парвариши чорво дар фермаҳои чорводорӣ ва шиносоӣ бо чараёни кор

Парвариши гӯсолаҳо дар чорводорӣ аҳамияти калон дорад. Гӯсолаҳои хуб бонинагардида ва дар шароити



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ноқулай парваришёфта ҳарчанд гӯсолаҳои модаговҳои зотдор бошанд ҳам, аз онҳо модагови хуб набаромаданаш мумкин аст.

**Парвариши гӯсолаҳои ширмак.** Гӯсолаҳо мувофиқи мақсад барои гӯшт, наслгузорӣ парвариш карда мешаванд. Ба гӯсолаҳое, ки барои бӯрдоқикунӣ парвариш мешаванд, бештар хӯрокаи сафедадор, барои ба воя расондан гузошташаванда, хошоки дағал ва озуқаи ширадор медиҳанд. Ба гӯсолаҳо дар вақти озуқонидан давоми ду моҳ 200–250 кг шири равғанаш нагирифта, баъди думоҳагӣ шири беравған истифода мегардад. Барои бо шир парвариш кардани гӯсолаҳо аз пистонак истифода мебаранд.

Вақте ки гӯсолаҳо 10–12 рӯза мешаванд, хошоки пояаш мулоим, аз 20 рӯзагӣ эътиборан ярмаи сулӣ лозим аст ва кунҷораи зағир ҳам медиҳанд. Дар думоҳагӣ ба гӯсолаҳо аз озуқаи ширадори тозашуда лаблабуи ёбоӣ ва сабзӣ дода, баъди 3–4 моҳагӣ оҳиста-оҳиста ба додани силоси сифатнок ёд медиҳанд.

**Маконда парвариш кардан.** Дар ин усул модаговҳоро намеҷӯшанд, гӯсолаҳо модаговро макида ба воя мерасанд. Дар баъзе ҳолатҳо гӯсолаҳо аз модар ҷудо карда, ба модаговҳои камшир вобаста мешаванд. Дар ин ҳол як модагов ду гӯсоларо бонӣ мекунад. Модагови сершир дар давоми тамоми ширдиҳӣ 4–6 гӯсоларо сер карда метавонад. Ин тарзи парвокунӣ бештар дар шароити чарогоҳ буда, барои парвариш маблағи зиёд сарф намегардад, молҳо хуб ривоҷ меёбанд.

Усули макондан – ҷӯшондан васеъ паҳн гардида, гӯсолаҳо дар 5–6 рӯзи аввал дар паҳлӯи модар мешаванд, шири фаларо мемаканд, баъд онҳоро ҷудо карда, пеш аз ҷӯшидани модагов ва баъди ширҷӯшӣ мемаконанд. Бо усули макондану ҷӯшидани гӯсолаҳо шири модаговро зиёд кардан ва гӯсолаҳоро хуб ба воя расондан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чунки гӯсолаҳо баробари бо модарашон якҷоя будан ба шири қаймоқаш гирифта мӯҳтоҷ намешаванд, модаговҳоро дар ферма парвариш кардан ва бо ҷиҳозот ташкил кардани ширҷӯшӣ душвор мегардад. Ҳамчунин, модаговҳо бе гӯсола монанд, аз ширдиҳӣ ба тезӣ мебароянд.

**Ҷудо карда бонӣ кардан.** Моҳияти усули мазкур аз баробари ба дунё омадани гӯсолаҳо аз модарашон ҷудо карда, дар гӯсолахонаи махсус парвариш ёфтани онҳо иборат аст. Гӯсолахонаҳо ниҳоят озода, хушк ва шароиташ хуб шуданаш лозим аст. Барои ҳамин гӯсолаҳо солим ба воя мерасанд. Ба гӯсолаҳое, ки дар чунин шароит ба воя мерасанд, шири фалагӣ дода мешавад. Гӯсолаҳо агар бо шири фалагӣ таъмин гарданд, зуд инкишоф меёбанд, чунки дар шири фала сафеда, намаки минералии тез ҳазмшаванда, ҳимоятгар аз касалиҳо мавҷуд аст. Баъди 10–15 рӯзи ба дунё омадан ба гӯсолаҳо чор маҳал шири фала дода мешавад. Агар худи модари гӯсола касал бошад, ба он дар муддати муайян шири модагови солим додан тавсия мегардад. Гӯсолаҳо тахминан баъди 20 рӯз ба гӯсолахонаи умумӣ кӯчонда мешаванд.

**Мувофиқи мақсад парвариш кардани гӯсолаҳо.** Ба мақсади пурра кардани пода ғуноҷинҳоро асосан бо хошоки дағал ва ширадор баробари ба он каме илова кардани ем парвариш менамоянд. Оқибат, онҳо бо бештар ғизо хӯрдан ва ҳазм кардан одат менамоянд ва имконияти ба воя расидани модаговҳои сершиpро фароҳам меоварад. Барои дар давоми шабонарӯзӣ 600–700 г фарбеҳ кардани ғуноҷинҳо 2,5–4 г хошок, 2 кг коҳ ё ки пахол, 10–15 кг силос, 1,2–2 кг ғизои сермоя додан лозим меояд.

**Бонӣ ба мақсади бӯрдоқӣ.** Гӯсолаҳои барои гӯштгунӣ тайёршаванда 7–8 моҳ модарашонро макида калон мешаванд. Дар хоҷагиҳои бӯрдоқипарварӣ модаговҳо баъди аввали баҳор барвақт гӯсола кардан дар чарогоҳҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

парвариш мегарданд. Гӯсолаҳои аз озуқаи сабз ва бо шири модагов парваришёфта ба зудӣ ривоҷ меёбанд. Вақте ки гӯсолаҳо аз ширмакӣ ҷудо мешаванд, хуб парвариш меёбанд ва баҳори оянда ба чарогоҳ бароварда мешаванд. Ба гӯсолаҳои барои бӯрдоқӣ парваришкунанда дар давоми шабонарӯз 30–40 кг алаф дода, бо об ва озуқаи ғизоии иловагӣ таъмин карда мешаванд. Чорвои дар чарогоҳ бонишуда дар давоми шабонарӯз 900–1000 г фарбеҳ шу-данаш мумкин аст.

Дар ҳудудҳое, ки чарогоҳ надоранд, барои бӯрдоқикунии чорво аз алаф, хошок ва озуқаи ширадори аз саҳроҳои ему хошок рӯёнанда васеъ истифода мебаранд. Барои фарбеҳкунии чорво партовҳои корхонаҳо (лаблабу, турф, дурда) дода мешаванд. Дар баъзе хоҷагиҳо ба чорво силос, сенаж, озуқаи сабз дода, фарбеҳ мекунанд. Умуман, бӯрдоқикунӣ се даврро фаро мегирад. Дар давраҳои ибтидоӣ ва миёна чорво бо озуқаи арзон парво карда, дар давраи охир ба онҳо бештар ем медиҳанд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

**1.** Гӯсолаи нав ба дунё омада чӣ тавр парвариш меёбад?

**2.** Дар давраи ширмакӣ гӯсолаҳо чӣ тавр бонӣ мегарданд?

**3.** Ба бӯрдоқӣ парвариш кардани гӯсолаҳо чӣ тавр амалӣ мегардад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТ ОИД БА ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ

**Аппарат** – аппарат, асбоб, олот.
**Аптечка** – доруқуттӣ.
**Архитектура** – меъморӣ, бинокорӣ.
**Балка** – болор, шоҳтир.
**Гайка** – гайка, пайвастаи резбадор.
**Дизайнер** – дизайнгар, зебосоз.
**Зубило** – искана.
**Инструктаж** – роҳу равиш, роҳхат, нишондод.
**Изолятсия** – ҷудо кардан, ҷудоӣ.
**Колодка** – даста, кунда, қолиб.
**Колонна** – лот. колумна – сутун, саф, қатор.
**Кернёр** – фӯлодқалам.
**Ковка** – тафсонда болғазанӣ.
**Конструксия** – сохт, таркиб.
**Контакт** – алоқа, ҷараёни васл.
**Маска** – ниқоб.
**Монтаж** – монтаж, васлкунӣ.
**Оправка** – гардиши айнак, дуруст(соз) кардан.
**Патрон** – патрон, ҷиҳоз барои чароғи барқӣ гузоштан.
**Пресс** – пресс, мангана, исканҷа, тахтакаш..
**Прокатка** – прокаткунии релсҳо, релссозӣ бо роҳи прокатка.
**Профил** – паҳлӯ, намуд аз паҳлӯ.
**Раковина** – гӯшмоҳӣ, садаф, дастшӯяк.
**Резба** – нақшу ашёи ҳаккокӣ, резба.
**Рулон** – даста, баста.
**Станина** – синҷа.
**Станок** – дастгоҳ.
**Стержен** – меҳвар, асос.
**Труба** – қубур, дудкаш, дудбаро.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Тумбочка** – курсича, чорпоя, ҷевонча.
**Шестерния** – шестерния, чархи дандонадор.
**Шлем** – тоскулоҳ, хӯд.
**Штамповка** – қолибгарӣ, сиккагӣ
**Вентил** – нем. вентил – сарпӯш, даҳонпӯши махсус.
**Винт** – винт, мехи печдор, мурват
**Волочение** – симкашӣ, риштакунонӣ

## Оид ба хизмати сервис

**Батон** – нони сафеди дароз, батон.
**Бӯлка** – нони бӯлка.
**Гигиена** – гигиена, илм ва тадбир оид ба беҳдошти саломатӣ.
**Доза** – доза, як хӯрданӣ, миқдори ченкунӣ.
**Финҷон** – зарф, пиёлаи дастакдор.
**Форточка** – дарича, бодхон.
**Комбинатсия** – комбинатсия, мувофиқат, мувофиқ омадан.
**Конфорка** – сарпӯши плита, сарпӯши самовор.
**Контур** – контур, суроби шакл.
**Корпус** – қуттӣ, қуттича, бадана, пӯст.
**Маховик** – сарчархак, гардона, чархи калон.
**Микровалновка** – гармкунаки барқӣ.
**Миксер** – кафкунаки барқӣ.
**Мода** – урф, русуми нав, одат, мода.
**Модел** – модел, андоза, қолиб, нусха, тарҳ.
**Петля** – ҳалқа, гиреҳ.
**Пирожний** – пирожний, пирог, санбӯса.
**Плита** – плита, печка, оташдон.
**Размер** – андоза, калониву хурдӣ, размер.
**Сикл** – такроръёбӣ дар даври муайян.
**Сметана** – қаймоқ, сметана.
**Структура** – сохт, таркиб.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Оид ба самти асосҳои кишоварзӣ

**База** – асос, база, таҳкурсӣ
**Ирригатсия** – иншоотҳои обӣ, соҳаи обёрикунӣ.
**Комбинат** – комбинат, корхона.
**Комплекс** – маҷмӯа.
**Механизатсия** – механикунонӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИҶА

## САМТИ I. ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН.
## БОБИ 1. ТЕХНОЛОГИЯИ АЗНАВКОРКАРДИ ФУЛУЗ

**1.1. Мафҳумҳои умумӣ** ........................................ 4
Сохти устохонаи азнавкоркарди фулуз (металл) .................... 4
Қоидаҳои бехатарии техникии азнавкоркарди фулуз ................. 5
Аҳамият, хусусият ва сифатҳои фулуз дар хоҷагии халқ ва рӯзгор ........................................ 6
Намуди зоҳирии фулуз ва хусусиятҳои ба худ хоси онҳо ............ 7
**1.2. Асбобу анҷомҳо, ҷиҳозот ва истифодабарии онҳо**
Дастгоҳи челонгарӣ ........................................ 10
Асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ ............................. 11
Тартибу қоидаҳои дохилии устохонаи челонгарӣ ............... 11
Намудҳои арраҳо ва рандаҳо (пармаҳо) ...................... 13
Искана, мурваттоб ва анбӯрҳо ............................... 15
Болғаҳо ва намудҳои онҳо ................................... 16
Сохт ва намудҳои коғази ҷилбур (сунбода) ................... 18
**1.3. Мошина, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва истифодабарии онҳо**
Дастгоҳҳои азнавкоркарди фулуз ва мафҳум дар бораи сохти онҳо ........................................ 19
Қисмҳои асосии мошинаҳо .................................... 22
Сафарбаркунии қувваву ҳаракати қисмҳо ..................... 24
Тайёркунии дастгоҳи харротӣ, навардбурӣ ба кор ............ 25
Қоидаҳои бехавфии ба кор омодасозии дастгоҳ ................ 26
**1.4. Технологияи истеҳсоли маҳсулот**
Технологияи азнавкоркарди фулуз, ҷузъҳои конструксиякунонӣ ..... 27
Тайёркунии ашё аз тунукаи борик ва симҳо ................... 29
Пайвастани деталҳо бо кӯмаки кафшеркунӣ .................... 32
Пайвастани деталҳо бо кӯмаки парчакунӣ ..................... 33
Ҷузъҳои ҳунармандии халқие, ки дар азнавкоркарди фулуз истифода мегарданд ........................................ 35
Маълумот дар бораи касбу ҳунар оиди азнавкоркарди фулуз ... 35
Технологияи ҳунармандии халқие, ки бо ҷараёнҳои азнавкоркарди фулуз ҳамоҳанганд ............................ 37

## БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ АЗНАВКОРКАРДИ ЧӮБ

**2.1. Мафҳумҳои умумӣ**
Сохти устохонаи азнавкоркарди чӯб .......................... 38
Қоидаҳои бехатарии техникӣ ҳангоми азнавкоркарди чӯб ....... 39
Аҳамияти чӯб дар рӯзгор ва хоҷагии халқ сохт, намуд, соҳаҳои истифодабарӣ ........................................ 40
Намуди зоҳирии чӯб, аломатҳои коршоямӣ ва корношоямӣ ........ 42



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чӯбҳое, ки дар дуредгарӣ истифода мегарданд ............................... 45
Дарахтоне, ки дар ҳудудҳои маҳаллӣ месабзанд ва омӯхтани намудҳои чӯби аз онҳо гирифташаванда ................................... 47
Муайякунии сифат ва камбудии чӯбҳо ........................................ 48
**2.2. Асбобу анҷомҳо, ҷиҳозот ва истифодабарии онҳо**
Дастгоҳи дуредгарӣ ................................................................ 50
Сохту намудҳои анҷомҳои дастӣ ва қоидаҳои истифодабарии онҳо ............................................................................................. 52
Асбобҳои ченкунӣ ва нақшагирӣ ............................................... 54
Намудҳои арраҳо ва қоидаҳои арракунӣ ................................... 58
Намудҳои ранда ва қоидаҳои рандакунӣ .................................. 61
Исканаҳо ва намудҳои онҳо. Табарҳо ....................................... 66
Болғаҳо ва намудҳои онҳо ......................................................... 68
Сохт ва намудҳои сӯҳон ............................................................ 70
Сохт ва намудҳои коғазҳои ҷилбур (сунбода) ............................ 72
**2.3. Мошина, ҷиҳозҳо, дастгоҳҳо ва кор бо онҳо**
Дастгоҳҳои азнавкоркарди чӯб ва мафҳум дар бораи сохти онҳо ................................................................................. 73
**2.4. Технологияи истеҳсоли маҳсулот**
Тайёркунии деталҳои ашёҳои дуредгарӣ ..................................... 75
Маълумот дар бораи пайвастагиҳои дуредгарӣ ............................ 77
Пардоздиҳии рӯйи ашёҳои дуредгарӣ ва конструксиякунонии деталҳо. Ба сатҳи ашё пӯшондани қабатҳо ................................. 80
Истифодабарии чӯб барои тайёркунии ашёҳои хонаву рӯзгор ......... 83
Ҷузъҳои (элементҳои) ҳунармандии халқие, ки дар азнавкоркарди чӯб истифода мегарданд ..................................... 84
Маълумот дар бораи касбу ҳунарҳо оид ба азнавкоркарди чӯб ...... 85
Тахия, интихоб, нақшагирӣ ва тайёркунии ангора ва харитаи технологии заготовка ........................................................ 86
Технологияи ҳунармандии халқие, ки бо ҷараёни азнавкоркарди чӯб ҳамоҳанганд ................................................... 86
**БОБИ 3. КОРҲОИ ЭЛЕКТРОТЕХНИКА**
Ташкили ҷойи кор дар корҳои васлкунии барқӣ.
Намудҳои ноқилҳои барқгузаронӣ.
Асбобҳои барқӣ ва усулҳои кор бо онҳо .................................... 90
Васлкунии ноқилҳои барқӣ, корҳои изолятсиякунонӣ ................... 91
Арматураи электротехника .......................................................... 92
Маълумот дар бораи касбу ҳунар оиди соҳа ................................ 93
**БОБИ 4. ТАЪМИРИ АШЁҲОИ ХОНАВУ РӮЗГОР**
Тадбирҳо оид ба локзании рӯкашҳои фарш, ҳамчунин, мебелҳо, тадбирҳои нигаҳдории сатҳҳои рӯйкашгардида ва корҳои хурди тармимгарӣ ........................................................................ 95



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Таъмири хурди чорчӯбаҳои оина ва усулҳои нигаҳдории гармӣ дар зимистон .......... 96
Намудҳои касбу ҳунар оид ба соҳаҳои хизматрасонӣ .......... 97

САМТИ II. ХИЗМАТИ СЕРВИС
БОБИ 1. АСОСҲОИ ПАЗАНДАГӢ

1.1. Мафҳумҳои умумӣ
Қоидаҳои бехатарии техникӣ дар хонаи таълимии пазандагӣ ва талабҳои санитарӣ-гигиенӣ .......... 99
Таърих ва рушди пазандагӣ. Қимати ғизоии маҳсулоти хӯрокворӣ, аҳамияти он ба организми инсон .......... 101

1.2. Асбобу анҷомҳо, ҷиҳозот ва истифодабарии онҳо
Хусусиятҳои ба худ хос ва рушди ошхонаи миллии ӯзбек .......... 103
Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ҳангоми кор дар ошхона .......... 105
**Машғулияти амалӣ:** Коркарди аввалини сабзавот, аз усулҳои истифода буда, тайёркунии коҳу, қоидаҳои гузоштан ба дастархон .......... 106

1.3. Ҷиҳозоти технологии дар пазандагӣ корбастшаванда ва истифодабарии онҳо
Ҷиҳозот ва мафҳуми умумӣ дар бораи истифодабарии онҳо .......... 110
Ҷиҳозоти ошхонаи замонавӣ .......... 112
**Машғулияти амалӣ:** Қоидаҳои ҷӯшондани сабзавотҳо .......... 113

1.4. Технологияи тайёркунии таъомҳо
Тухм ва қимати ғизоии он, усулҳои пухтан. Қоидаҳои гузоштан ба дастархон .......... 115
**Машғулияти амалӣ:** Тайёркунии нӯшобаҳои гарм. Усулҳои дамкунии чой ва қаҳва .......... 118
Тайёркунии бутерброд (кулча)-ҳои барои кушод, пӯшида, газак омадашуда ва тартиби гузоштан ба дастархон .......... 123
Тайёркунии қуймоқ ва тартиби гузоштан ба дастархон .......... 124

БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ АЗНАВКОРКАРДИ ГАЗВОР

2.1. Мафҳумҳои умумӣ
Қоидаҳои бехавфии техникӣ ва талабҳои санитарӣ-гигиенӣ .......... 128
**Кори амалӣ.** Бофтани сарҷа ва полотно.
Муайянкунии тарафҳои рост ва баръакси газворҳо, риштаҳои барқад ва кӯндаланг .......... 132

2.2. Асбобу анҷом, ҷиҳозот ва истифодабарии онҳо
Корҳои дастӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи асбобу анҷомҳо .......... 138
**Машғулияти амалӣ.** Тайёркунии намунаҳои чоки дастӣ.
Тайёркунии дастгирак (қаппак). Усулҳои дарзмолкунӣ .......... 142

2.3. Мошина, ҷиҳозот, дастгоҳҳо ва истифодабарии онҳо
Мошинаҳои дӯзандагии бо даст ҳаракатдиҳанда.
Тайёркунии мошинаҳои дӯзандагӣ ба кор ва бе ришта дӯхтан .......... 147



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машғулияти амалӣ.** Қоидаҳои кор бо мошинаҳо.
Бе ришта дӯхтан дар мошина. Риштагузаронӣ ба мошина.
Дӯхтани чокҳои пайвасткунанда, зий ва нақшу нигор ..................... 150
**2.4. Технологияи истеҳсоли маҳсулот**
Маълумот дар бораи буридан ва дӯхтан ...................................... 155
Иҷрои нақшаи пешдоман ва кулоҳчаи ресмондор ........................ 158
Моделигардонии пешдоман ва кулоҳчаи ресмондор,
тайёркунии андозаҳо ............................................................... 161
Буридан ва дӯхтани кулоҳчаи ресмондор ..................................... 162
Буридани пешдомани буришаш яклухт ......................................... 165
Дӯхтани пешдомани буришаш яклухт ........................................... 167
Азнавкоркарди чоки гардани пешдомани буришаш яклухт .......... 169
Дӯхтани чокҳои рӯйкаш ............................................................. 170
Коркарди охирини пешдоман ва дарзмолкунӣ ............................. 171
Технологияи ҳунармандии халқӣ. Таърихи ривоҷи кашидадӯзӣ
ва усулҳои кор ......................................................................... 172
Дӯхтани намунаҳои чоке, ки дар кашидадӯзӣ кор фармуда
мешаванд ................................................................................ 173
Дӯхтани намудҳои чоке, ки дар кашидадӯзӣ истифода мешавад .... 175
Буридани «қийикча», нусхабардорӣ ва дӯхтан ............................. 176
Технологияи дӯхтани бозича (лӯхтак)-ҳои миллӣ ......................... 178
Тайёркунии андозаҳои лӯхтак, ҷойгиркунии андоза
ба болои газвор ва буридан ...................................................... 180
Коркарди порчаҳо. Дӯхтани лӯхтак ........................................... 182
Коркарди охирини лӯхтак .......................................................... 183
Маълумот дар бораи бофтан. Бофтани намудҳои чок .................. 184
Бофтани ғилоф ба айнаки чашм ................................................. 186
**2.5. Технологияи тармими ашёҳо**
**Машғулияти амалӣ.** Дӯхтани ашёҳои чокашон даридаи
мухталиф ................................................................................. 187
**САМТИ III. АСОСҲОИ КИШОВАРЗӢ**
**БОБИ 1. РАСТАНИШИНОСӢ**
**1.1. Мафҳумҳои умумӣ**
Намудҳои зироати асосие, ки дар минтақаҳо рӯёнда мешаванд,
аҳамияти онҳо ........................................................................... 189
Рӯёндани ҳосил дар гармхонаҳо ................................................. 191
**1.2. Олатҳои кории кишоварзӣ ва истифодабарии онҳо**
Техника ва технологияи рӯёндани маҳсулоти кишоварзӣ .............. 194
Технологияи парвариши пахта дар кишоварзӣ ва чораёни
рӯёндани он ............................................................................. 195
Технологияи парвариши картошка дар кишоварзӣ ва чораёни
рӯёндани он ............................................................................. 198



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Технологияи ҳосилкунии ғалла дар кишоварзӣ ва чораҳои
рӯёндани он ........ 199
Технологияи рӯёндани зироати полизӣ дар кишоварзӣ ва
чораҳои рӯёндани он ........ 200
Аҳамияти нуриҳо дар боби баланд бардоштани ҳосилнокии
зироат, ҳосилхезии замин ва намудҳои нуриҳо ........ 201
Меъёрӣ нурикунонӣ, усулҳо, муддати нуриандозӣ ва
самаранокии онҳо ........ 202
Коркарди замин: шудгори замин ва аҳамияти корҳои
ҳамворкунӣ пеш аз кишт ........ 203
Олатҳои корӣ ва мошинаҳои коркарди замин ........ 205
**Машғулияти амалӣ.** Рондани замин ва корҳои пеш аз кишт
нармкунии он ........ 207

## 1.3. Мошинаҳои кишоварзӣ

Усулҳо, меъёр, муддати кишти тухмиву кӯчат.
Тадбирҳои ҳамвора сабзондани тухмиҳо ........ 209
Олот, ҷиҳоз ва мошинаҳое, ки дар тухмипошӣ истифода
мегарданд ........ 211
Олот ва мошинаҳое, ки дар коркарди байни қаторҳои
зироату парвариши онҳо истифода мегарданд ........ 212
Усулҳо, меъёру муддати обёрӣ ва олоту мошинаҳое, ки
дар он истифода мегарданд ........ 214
Ҳимоякунии зироат аз касалиҳо, алафҳои бегона ва
зараркунандагон ........ 215
Корҳои ҷамъоварии ҳосил ва олоту ҷиҳозҳои дар он
истифодашаванда ........ 217

## БОБИ 2. АСОСҲОИ ЧОРВОДОРӢ

Соҳаҳои чорводорӣ ва пешомади рушди онҳо ........ 219
Корҳои наслпарварӣ дар чорводорӣ. Парвариши
чорво ва роҳҳои беҳдошти сифати маҳсулот ........ 220
Механиконии корҳо дар фермаҳои чорводорӣ ........ 221
Усулҳои парвариши чорво дар фермаҳои чорводорӣ ........ 223
Аҳамияти моҳипарварӣ, ориуасалпарварӣ,
харгӯшпарварӣ дар чорводорӣ ва соҳаҳои онҳо ........ 225
Парвариши чорво дар фермаҳои
чорводорӣ ва шиносоӣ бо чораҳои кор ........ 227
Шарҳи истилоҳот оид ба таълими меҳнат ........ 231
Мундариҷа ........ 234



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

**Китоби дарсӣ ба иҷора дода шуда, дар охири соли хониш ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф дар асоси меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоби дарсӣ ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо гаштааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*O‘quv nashri*

SHARIPOV SH., MUSLIMOV N., TOLIPOV O‘., ABDULLAYEVA Q., QO‘YSINOV O., SATTOROV V., AHMADALIYEV S., MO‘MINOVA M.

**MEHNAT TA’LIMI**

**Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 5-sinfi uchun darslik**

(*tojik tilida*)

«Sharq» nashriyot-matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent – 2015

Муҳаррир *Х. Ҳамидов*
Муҳаррири бадеӣ *Ф. Башарова*
Муҳаррири техникӣ *Б. Каримов*
Саҳифабанд *Ҳ. Шарипова*

**Литсензияи нашриёт AI № 201, 28.08.2011**

Ба чопаш 30 июли соли 2015 иҷозат дода шуд. Андозааш 70х90 1/16.
Гарнитураи «Times». Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 17,55. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 16,98. Ададаш ... нусха.
Рақами супориш.... .

**Дар ХЭТН «O‘ZBEKISTON»-и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон чоп шудааст. Шаҳри Тошканд, 100129, кӯчаи Навоӣ, 30.**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE